ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ



Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 657.69 (575.3)

ТКБ: 65.052+38 (2 тоҷик)

И-41

ИКРОМОВА МАЛОҲАТ ХОЛОВНА

РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит

Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор

Низомов Самариддин Фахриевич

ДУШАНБЕ – 2026

Номгӯйи ихтисораҳо

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда
АКТ – Асбобҳои камнарху тезфарсудашаванда
БМ – Баҳисобгирии молиявӣ
БИ – Баҳисобгирии идоракунӣ
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ДТТ – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
ИҶШС – Иттиҳоди Ҷуҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
ЗММ – Захираҳои молию моддӣ
КА ҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон
КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
НАС – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ
НБМ – Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ
ММА – Музди меҳнати асосӣ
МС – Маблағи сармоягузорӣ
МҚС – Меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ
СБҲМ – Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ
ҲК – Ҳуҷҷатҳои корӣ
ФС – Фоиданокии сармоягузорӣ
ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд
ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида
ШИТ – Шуъбаи истеҳсолӣ-техникӣ
АСУ – Автоматическая система управления
РФ – Российская Федерация
РТ – Республика Таджикистан
СА – Сохтмони асосӣ
СНиП – Строительные нормы и парвила
СССР – Союз Советских Социалистических Республик
ABC – Activity Based Cost
BIM – Building Information Modeling
IAS – International Accounting Standards
IFRS – International Financial Reporting Standards
ERP – Enterprise Resource Planning
JIT – Just In Time
FIFO – First In, First Out

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА **4**

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР СОХТМОН …… 15

1.1. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва консепсияи он……..... 15

1.2. Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ …… 30

1.3. Хусусиятҳои технологӣ, ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири он ба татбиқи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ…… 46

БОБИ 2. БАҲОГУЗОРИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОҲАИ СОХТМОН……..... 63

2.1. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон …….. 63

2.2. Ҷанбаъҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ.....……..... 79

2.3. Ташкили назорати фаъолияти асосии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмон…… 94

БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ …… 110

3.1. Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз рӯйи сегментҳо …… 110

3.2. Ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ…… 126

3.3. Роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ……... 141

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО……..... 160

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА……..... 167

ЗАМИМАҲО……..... 189

МУҚАДДИМА

Мубрам будани мавзуи таҳқиқот. Дар шароити иқтисоди бозорӣ субъектҳои иқтисодӣ ба ҷустуҷӯи воситаҳо ва самтҳои нави амалӣ гардондани фаъолияти самараноктари молиявӣ-хоҷагидорӣ бештар талош менамоянд. Дар сурати ноил гаштан ба ин ҳадаф, ҳам ба рушди фаъолияти худ муваффақ хоҳанд гашт ва дар маҷмуъ, барои пешрафти ҷамъият шароити мусоид фароҳам хоҳад омад. Бо рушд ёфтани муносибатҳои бозорӣ натиҷаҳои фаъолияти ширкат бештар аз тарзи идоракунӣ ва самаранокии қабули қарорҳо вобаста буда, мавқеи ширкат дар иқтисодиёт муайян ва мустақилияти воқеии он дар бозор таъмин мегардад. Равандҳои муосири иқтисодиёт аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти идоракунии субъектҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба системаи муосир ва самараноки иттилоотӣ асос ёбад, ки чунин системаи самаранок маҳз дар чаҳорчӯбаи баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд гашта, барои таҳияи стратегия ва тактикаи фаъолияти менеҷерони ширкатҳо дар шароити бозор маълумоти заруриро пешниҳод менамояд.

Барои баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ маълумоти нақшавӣ, технологӣ, меъёрӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ зарур аст, зеро назорат ва танзими фаъолият дар ҷараёни муқоисакунии маълумоти нақшавӣ бо иттилооти баҳисобгирии фаврӣ амалӣ карда мешавад. Аммо низоми ҳозираи баҳисобгирии молиявӣ, сарфи назар аз ҳаҷм, бузургӣ ва хусусияти маълумот, ки дар шакли ҳисоботи муҳосибӣ пешниҳод карда мешавад, хусусияти умумию стандартӣ дошта, талаботи роҳбарияти субъектҳои иқтисодӣ, хусусан ширкатҳои сохтмониро қонеъ гардонида наметавонад. Барои идоракунии босамар ва қабули қарорҳо ба роҳбарияти ширкати сохтмонӣ маҳз маълумоти ҷузъигардонидашуда аз фаъолияти зербахшҳои дараҷаҳои гуногун, раванди иҷроиши нақшаҳо, унсурҳо ва моддаҳои хароҷот, сармоягузориҳо, фаъолияти менеҷерҳо ва ғ. зарур аст. Аз ин рӯ, танҳо низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлилӣ чунин

иттилоотро тайёр менамояд, ки он имкониятҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, ташкилӣ, молиявӣ, функсионалӣ ва мақсадноки субъекти хоҷагидории соҳаи сохтмонро метавонад таҷассум намояд.

Идоракунии корхонаҳои сохтмонӣ малакаю маҳорати нозукеро талаб мекунад, ки танҳо бо истифода аз равиш ва низомҳои махсуси таъминоти иттилоотӣ ба он ноил шудан мумкин аст. Банақшагирии стратегии дақиқ ва иҷрои воқеии он мустақиман аз навсозии низоми баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ, буҷетсозии босамар, бунёди роҳҳои муносиби таҳиякунии ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ вобаста аст. Барои таъмини вазифаҳои зикршуда таваҷҷӯҳи махсус бояд ба тарҳрезии сохтории баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ равона карда шавад, зеро омилҳои зикршуда идоракунии босамари ширкатҳои сохтмониро таъмин намуда, рақобатпазирии дарозмуддати ширкатро боз ҳам устувор мегардонад.

Дар робита ба ин, зарурати таҳияи асосҳои назариявӣ, равишҳои методологӣ ва роҳҳои ҳалли амалии татбиқи низомҳои иттилоотӣ бо истифода аз тарзу усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ ба вуҷуд омадааст. Арзиши амалӣ, назариявӣ ва методологии таҳқиқоти мазкур аз зарурати баланд бардоштани сифати идоракунӣ ва самаранокии умумии фаъолияти ташкилотҳо дар соҳаи сохтмон бармеояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Оид ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз ҷониби олимони хориҷии зерин – Аверчев И.В. 166, Адамов Н.А.42, Аврова И.А. 41, Бурсев В.В. [110; 167], Вандина О.Г. [24; 113], Вахрушина М.А. [56; 57; 58], Воробев Н.Н. [25], Друри К. [60; 61], Ивашкевич В.Б. [68; 69], Касянова Г.Ю. [127], Кутер М.И. [72], Кутепов А.С. [133], Маллинз Л. [73], Мельник М.В. [71], Муллахметов Х.Ш. [139], Н**идлз** Б., Андерсон Х., Колдуелл Дж. [76], Николаева С.А. [144], Палий В.Ф. [85; 145], Скоун Т. [88], Соколов А.А. [90], Стуков С.А.[92], Ткач В.И., Ткач М.В. [93], Хорнгрен Ҷ.Т., Фостер Дж. [96], Шеремет А.Д. [97], Хорин А.Н. [157] ва дигарон корҳои илмии арзишманд

офарида шудаанд.

Баъзе масъалаҳои ҷудогонаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар интишороти муҳаққиқони ватанӣ – Абдулмуминзода Н.А. [100], Бобиев И.А. [49; 107], Бобоев М.У. [23; 50], Ғаниев У.Ф. [26], Давлатзода М.Х. [28], Зокирова Ф.Дж. [100], Калемуллоев М.В. [29; 30], Каримов Б.Ҳ. [31; 70], Мирзоалиев А.А. [78], Низомов С.Ф. [77; 78; 79; 80; 140; 141; 142], Раҳимов С.Х. [35, 78], Розиев Д.А. [36], Сайфиддинзода С.С. [37], Хушвахтзода Қ.Х. [22; 143], Шамсиддинов М.М [40] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бевосита ба омӯзиши масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ муҳаққиқони зерин, аз қабили Байбурин А.Х. [46], Адамов Н.А. [102], Лукинова В.А. [53], Бурсев В.В. [167], Вандина О.Г. [24], Грянова А.В. [27], Низомов С.Ф. [33, 77, 80], Пономорева Н.И. [34] таҳқиқоти худро равона намудаанд.

Ба аҳамияти асарҳои олимони зикршуда, ки таҳқиқи масъалаҳои умумии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракуниро анҷом додаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқоти васеъ вобаста ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонии бо сохторҳои гуногуни ташкилӣ ва идоракунӣ фаъолияткунанда аз мадди назари онҳо дур мондааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), Стратегияи рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203), инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки татбиқи муваффақонаи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ, навоварӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳо, навсозии инфрасохтори базавӣ барои ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт, боло бардоштани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии кишвар ба саҳми соҳаи сохтмон вобастагии қавӣ дорад. Вобаста ба ин дар доираи ин таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати мукаммалгардонӣ ва рушди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ, беҳтар гардонидани таъминоти иттилоотии онҳо тавассути рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ, асосноккунии пояҳои назариявию методологии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, коркарди ҷанбаъҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ, ташкили назорати фаъолияти асосии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ таҳлилу баррсӣ гардида, методикаҳои такмили онҳо коркард карда шудааст. Ҳамчунин, вобаста ба хусусиятҳои технологӣ ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ, масъалаҳои тартибдиҳии буҷетҳо ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз рӯйи сегментҳо, ташаккул ва такмили ҳисоботи сегментӣ ва механизмҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар рисолаи мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, роҳҳои мукаммалгардонии онҳо пешниҳод карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи рисолаи илмӣ рушди мафҳумҳои назариявӣ, банизомдарории асосҳои методологӣ ва гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи таҷрибаҳои амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои соҳаи сохтмон, инчунин таҳияи тавсияҳои методӣ ва воситаҳои амалӣ ҷиҳати мукаммлагардонии онҳо мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар доираи рисолаи диссертатсионӣ маҷмӯи вазифаҳои зерини бо ҳам алоқаманд муайян карда шудаанд:

1. Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бо муайян намудани аҳамияти

онҳо дар доираи низоми муттаҳидаи идоракунии корхона;

2. Омӯзиши хусусиятҳои технологӣ-ташкилии истеҳсолоти сохтмонӣ, баҳогузории ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии хароҷот, коркарди амсилаи татбиқи онҳо дар ширкатҳои соҳаи сохтмон;

3. Ошкор кардани муаммоҳои ташкили назорати дохилӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар ширкати сохтмонӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба бартарафкунии онҳо ва татбиқи назорати дохилӣ;

4. Мукаммал гардонидани ҷанбаҳои амалӣ ва методии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ дар заминаи амсилабандӣ ва таҷдиди низоми буҷетикунонӣ, рушди ҳисоботи дохилӣ аз рӯйи бахшҳои истеҳсолӣ ва такмили механизми назорати идоракунӣ.

Объекти таҳқиқот равандҳои ташаккулёбӣ, коркард ва истифодаи иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин расмиёти назорати дохилӣ дар доираи сохтори идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, хусусан соҳаи сохтмон дар марҳилаи саноатикунонӣ ва таъминкунии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо инфрасохтори замонавӣ аз ҳолати ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, ки метавонанд роҳбарияти дараҷаҳои гуногуни идоракунии корхонаро бо маълумотҳои саривақтӣ таъмин кунанд ва дар қабулкунии қарорҳои босамари идоракунӣ саҳмгузор бошанд, вобастагии қавӣ дорад. Дар доираи ин таҳқиқот равишҳо, методикаҳо, амсилаҳое, ки коркард шудаанд, барои мукаммалгардонӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, қабули қарорҳои асоснок, баландбардории самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ ва дар маҷмуъ мукаммал гардонидани раванди идоракунии ҳамаи ҷараёнҳои хоҷагидории ширкати сохтмонӣ

мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур ба мероси илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки асарҳояшон ба ошкоркунии консепсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бахшида шудааст, такя мекунад. Методологияи таҳқиқот аз истифодабарии усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, коршиносӣ, амсилабандӣ иборат аст. Ҳамчунин унсурҳои махсус, ки танҳо ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мутаалиқанд, аз он ҷумла: ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, арзишмуайянкунӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғ. зимни омӯзиши падидаҳо, зуҳурот ва равандҳо истифода бурда шудааст.

Сарчашмаи маълумот. Сарчашмаи маълумотро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи қонунҳо, стратегия ва барномаҳои рушди соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии ширкатҳои соҳаи сохтмон, маводди конференсияҳо ва интишороти ба соҳаи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ тааллуқдошта ташкил медиҳад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ интихоб шудааст, ки он маҷмуи шароитҳо, имкониятҳо ва воситаҳо, аз он ҷумла заминаҳои моддию техникӣ, дастрасӣ ба китобхонаи электронӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет, пойгоҳҳо ва воситаҳои техникии коркард ва таҳлили маълумотро барои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар корҳои илмӣ доро мебошад. Инчунин маълумоти иқтисодӣ аз ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи нашрияҳои илмӣ, интишороти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳисоботҳои таҳлилӣ ва таҳқиқоти амалии муаллиф истифода шудаанд. Иштирок дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари тахассусӣ барои ташаккули назария ва коркарди методикаҳо ҷиҳати рушди баҳисобгирии

идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ мусоидат намуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии нуктаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои муассир оид ба такмил додани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмониро бо шумули ҷанбаъҳои технологии ширкати истеҳсолӣ фаро мегирад. Тавсияҳои методӣ дар самти мукаммалгардонии унсурҳои низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба мисли арзишмуайянкунӣ, буҷетикунонӣ, ҳисоботи сегментӣ (дохилӣ), назорати дохилӣ ва дигар ҷанбаъҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ таҷассум меёбад. Навгонии илмии таҳқиқот аз бандҳои зерин иборат аст:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон асоснок карда шуда, нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди низоми идоракунии ширкатҳои зикршуда муқаррар карда шуд.

2. Хусусиятҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракунии соҳаи сохтмон таҳлил карда шуда, таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бо назардошти усулҳои гуногуни пешбурди истеҳсолоти сохтмонӣ (хоҷагӣ, шартномавӣ ва ғ.) муайян карда шуд. Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии хароҷот вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон таҳқиқ карда шуда, амсилаи татбиқи онҳо дар ширкатҳои соҳаи зикршуда мавриди коркард қарор гирифт.

3. Масъалаҳои ташкили назорати фаъолияти ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ, самтҳои иҷроиши корҳои назоратӣ, усулҳои назорати идоракунӣ муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардониии низоми назорати идоракунӣ пешниҳод карда шуд.

4. Барои мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ, татбиқи

ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияткунии онҳо тавсияҳои амалӣ коркард карда шуд, ки ба баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, намунаи сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ ва равиши муттаҳидшудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ коркард ва барои истифодабарӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ тавсия карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ошкор карда шуд, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун манбаи муҳимтарини таъминоти иттилоотӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон нақши калидӣ дошта, назорати дохилӣ ҷузъи ҷудонопазири системаи идоракунӣ буда, ташкил ва пешбурди ҳамбастаи онҳо барои рушди раванди идоракунӣ ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ аҳамияти калон дорад.

2. Муайян карда шуда, ки истеҳсолот дар соҳаи сохтмон дорои хусусиятҳои махсуси ба иқлим, мавқеи ҷуғрофӣ, релефи маҳали сохтмон, ташкили истеҳсолот, технологияи бунёдкунии объектҳо, маводҳо ва техникаҳои истифодашаванда, марҳилаҳои иҷроиши корҳо ва ғ. вобаста буда, ташкили кор дар сохтмон аз руйи ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқшуда ва усулҳои мувофиқ пеш бурда мешавад. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисоби арзиши аслии объектҳои сохтмонӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон, Кодекси андоз ва принсипҳои дар СБҲМ муайншуда таҳқиқ карда шуда, дар ин замина тавсияҳои методӣ баҳри мукаммалгардонии онҳо коркард гардидааст.

3. Тасдиқ карда шуд, ки низоми назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ объектҳо, субъектҳо, василаҳои методӣ, унсурҳо, усулҳои татбиқ ва самтҳои корҳои назоратиро дар бар гирифта, ташкили он вобаста ба объектҳои алоҳида ва марказҳои масъулият самараноктар мебошад. Мадели ташкили назорат барои ширкатҳои сохтмонӣ пешниҳод карда шуд, ки ба

таъмини идоракунии босамари фаъолияти сохтмонӣ, тибқи талабот иҷрошавии корҳо ва ба меъёрҳои лоиҳавӣ мувофиқ будани онҳо мусоидат менамояд ва дар маҷмуъ ба мукаммалгардонии низоми идоракунӣ ва самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ мусоидат хоҳад намуд.

4. Исбот карда шуд, ки ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ, татбиқ кардани ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияткунии онҳо ба баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкатҳои мазкур мусоидат менамоянд. Бартарии равиши муттаҳидшудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ тасдиқ гардида, амсилаи ташкили он ва намунаи сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкатҳои соҳаи сохтмон пешниҳод карда шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар омӯзиш ва муайянкунии консепсияи рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои соҳаи сохтмон зоҳир гашта, ҳамчун сарчашмаи илмӣ дар таълифотҳои минбаъдаи соҳавӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Муқаррароти асосӣ, амсилаҳо ва тавсияҳои методии пешниҳодгардида аз аҳамияти амалии таҳқиқот дарак медиҳанд, ки онҳо метавонанд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маъмурияти ширкатҳои сохтмонӣ зимни татбиқ намудани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати фаъолияти худ истифода бурда шаванд. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи усулҳои махсус, таҷрибаҳои гузаронидашуда, боэътимодии маълумоти истифодашуда, кифоягии ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди маълумот аз

таҷрибаи ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, интишорот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия аз рӯйи бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар ширкатҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.13. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Мушкилоти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат); 3.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.2. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.9. Рушди методологияи комплексии методҳои аудит, назорат ва бозрасӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар банизомдарории ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, асосноккунии таърифҳои муаллифӣ дар заминаи омӯзиши консепсияҳои илмӣ, коркарди усулҳо, равишҳо ва амсилаҳои татбиқи баҳисобгирии идоракунии хароҷот, буҷетикунонӣ, тайёркунӣ, пешниҳоди иттилоот оид ба сегментҳои фаъолият ва дигар ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологии истеҳсолоти соҳаи сохтмон ифода меёбад. Дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни иқтисодӣ, санадҳо ва меъёрҳои соҳавӣ, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводди таҳқиқотӣ, низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳамчун манбаи таъминоти

иттилоотӣ, ки василаи муҳимтарини қабули қарорҳо барои роҳбарони ширкатҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбанд, таҳия карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои илмӣ бароварда шудаанд, ки онҳо дар шакли маърӯза ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии “Паёми ДМТ”, Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, маҷмӯаи маводди конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» (19-20 январи соли 2024) ва дигарҳо нашр шудаанд.

Муқаррароти назариявию амалии диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», «Қарордоди идоракунӣ», «Иқтисодиёти сохтмон», «Таҳлили ҳолати истеҳсолию хоҷагидории ширкатҳои сохтмонӣ» (маълумотномаи №27/184 аз санаи 15 феврали соли 2024) истифода шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмии диссертатсия ва тавсияҳои методии коркардшуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» (маълумотномаи №7 аз 19 феврали соли 2024), ҶДММ «Диёри сабз» (маълумотнома аз 20 январи соли 2024), ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» (маълумотномаи №19 аз 30 январи соли 2026) татбиқ гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи таҳқиқот 15 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 6,0 ҷузъи чопӣ (аз он ҷумла 4,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт бо 184 номгӯй ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия дар 202 саҳифа ичро шуда, 18 расм ва 27 ҷадвалро дар бар мегирад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ СОХТМОН

1.1. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва консепсияи он

Сохтмон ҳамчун соҳаи алоҳидаи истеҳсолоти моддӣ дорои хусусиятҳои хоси истеҳсолӣ, техникӣ ва ташкилӣ-идоракунӣ мебошад. Дар амалия шаклҳои гуногуни сохтмон (саноатӣ, шаҳрвандӣ, роҳсозӣ, ҳарбӣ, гидротехникӣ ва ғ.) мавҷуд аст, ки ҳар яке аз онҳо бо хусусиятҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва бо тағйирёбии техникаю технологияи нав равишҳои бунёди онҳо низ рушд ёфта истодаанд.

Истеҳсолоти ҳозиразамони сохтмони саноатӣ аз сохтмонҳои пешина бо он фарқ мекунад, ки онҳо ба таври инфиродӣ бо усулҳои бинокории саноатӣ тайёр карда мешаванд. Дар шароити имрӯза қисми зиёди биною иншоот мувофиқи қоидаҳои бинокорӣ аз рӯйи лоиҳаҳои намунавӣ (башаклдаровардашуда) сохта мешаванд. Башаклдарорӣ аз интихоби доимии қарорҳои банақшагирӣ-миқдорӣ ва конструктивӣ дар давраи муайян иборат аст, ки барои баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати идоракунӣ ҳангоми сохтмон ва истифодабарии биноҳо самараи бештари мусоидаткунанда ба бор меорад.

Низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки дар ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, барои таҳлили фаврии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ аз нуқтаи назари фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ нашудааст ва воситаи қабули қарорҳои тактикию стратегӣ шуда наметавонад. Илова бар ин, дар сурати набудани назорати фаврӣ ва таҳлили фаъолият, ташкил кардани низоми самараноки ҳавасмандгардонӣ ва баландбардории масъулияти менеҷерон барои натиҷаҳои кор имконнопазир аст. То вақтҳои охир баҳисобгирии муҳосибӣ имкон намедод, ки тамоми мушкилоти дар назди субъектҳои иқтисодӣ истода мунтазам таҳлил карда шавад, танҳо самтҳои алоҳидаи фаъолият мустақилона таҳлил ва арзёбӣ карда мешуд. Маълум аст, ки дар чунин шароит ахбори баҳисобгирӣ барои баҳо додани

вазъи ҳозираи истеҳсолот, қабули қарорҳои дахлдори идоракунии дорои хусусиятҳои тактикӣ ва стратегӣ кифоя нест. Аз ин рӯ, мо баҳисобгирии муҳосибиеро, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ то ҳол амал мекунад, ҳамчун унсурҳои боқимондаи низоми баҳисобгирии аз давраи иқтисоди маъмурӣ-нақшавӣ меросгирифта меҳисобем, ки комилан ба шароитҳои имрӯзаи бозори иқтисодӣ созгор нест. Ба ақидаи аксари иқтисоддонҳо, чунин тарзи баҳисобгирии муҳосибӣ имрӯз талаботи иттилоотии менеҷерони сатҳҳои гуногунро қонеъ намекунад, илова бар ин, ҳисоботи муҳосибӣ барои қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ бо истифода аз маълумоти он ба қадри кофӣ мувофиқ нест.

Бешубҳа, чунин ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ қариб дар ҳамаи намудҳои ширкатҳо, аз ҷумла истеҳсолот ва хизматрасонӣ, бахши давлатӣ-хусусӣ, ширкатҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дида мешавад.

Таҳқиқотҳои илмии судманди олимон, аз ҷумла: А.Д. Шеремет [94; 97], В.И. Ткач, М.В. Ткач [93], Ч.Т. Хорнгрен, Ҷ.Фостер [96], К. Друри [60; 61], В.Ф. Палий [85], Б.Ҳ. Каримов [31; 70], Калемуллоев М.В. [30], Бобоев М.У. [50], С.Ф.Низомов [77; 79; 80; 33], С.А. Стуков [92], Қ.Х.Хушвахтзода [22; 143], В.Б. Ивашкевич [68; 69; 126], ва дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки корҳои илмии онҳо ҳамчун заминаи устувори назариявию методологии таҳқиқоти мазкур шуда метавонанд.

Олимони зикргардида дар бораи муайянкунии мафҳуму моҳияти «баҳисобгирии идоракунӣ» таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода андешаҳои худро иброз намудаанд, ки мо чанде аз онҳоро дар диссератсия баррасӣ менамоем.

Ба ақидаи А.Д. Шеремет «Баҳисобгирии идоракунӣ қисми таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дар доираи як ширкат низоми идоракуниро бо иттилоот таъмин менамояд, ки барои банақшагирӣ, хусусан, идоракунӣ ва назорати фаъолияти истеҳсолӣ равона шудааст. Як қисми соҳаи умумии баҳисобгирии идоракуниро ҳисобгирии истеҳсолот ташкил медиҳад» [97, с. 23].

Яке аз аввалин бунёдгузорони низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар Федератсияи Русия В.И. Ткач ва М.В. Ткач ҳисоб меёбанд, ки онҳо дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ чунин андеша доранд: «Дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ чи дар соҳаи истеҳсолот, чи дар соҳаи молия ва назорат қабул карда мешаванд» [93, с.36]. В.Б. Ивашкевич баҳисобгирии идоракуниро чун «паёмади мантиқии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, зинаи таҳаввули он меҳисобад» [68, с. 65].

Мувофиқи қоидаи аз ҷониби Ассотсиатсияи миллии муҳосибони ИМА муайянгардида, баҳисобгирии идоракунӣ ин: «Раванди муайянкунӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, омодакунӣ ва пешниҳоди маълумоти иқтисодие мебошад, ки барои идоракунӣ ва назорати фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд» [166].

Дар Дастурамали методӣ оид ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар Федератсияи Русия қайд гардидааст: «Баҳисобгирии идоракунӣ раванди ошкоркунӣ, ченкунӣ, ғункунӣ, таҳлил, омодасозӣ, тафсир ва пешниҳоди иттилооти молиявӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ ва ғ. мебошад, ки дар асоси он роҳбарияти ширкат қарорҳои фаврӣ ва стратегӣ қабул мекунад» [174]. Ин маълумот имкон медиҳад, ки истифодаи муносиби захираҳои ширкатҳо ба роҳ монда шуда, ба пуррагӣ ҳисоби онҳо зери назорат гирифта шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон ҳуҷҷати тавсиявие, ки ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳо танзим намояд, ё ин ки ҳамчун роҳнамо барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби муҳосибони субъектҳои иқтисодӣ истифода бурда шавад, то ҳол мавҷуд нест.

Тибқи таърифи Хорнгрен Ч.Т. ва Фостер Ҷ.: «Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотие мебошад, ки дар доираи он ҷамъоварӣ, ченкунӣ, банизомдарорӣ, таҳлил, коркард, шарҳдиҳӣ ва интиқоли маълумоти лозимӣ барои идоракунии субъекти хоҷагӣ амалӣ мегардад. Ҳаммаънои он баҳисобгирии дохилӣ мебошад» [96, с. 17]. Чунин таърифи монандро мо дар

андешарониҳои олими англис Друри К. низ мушоҳида мекунем. Ӯ оид ба мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ чунин ибрози андеша дорад: «Баҳисобгирии идоракунӣ – ин муайянкунӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ, таҳлилкунӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот барои идоракунии ҳама гуна объектҳо мебошад» [61, с. 39]. Дар ин ҷо, ӯ доираи фаъолияти баҳисобгирии идоракуниро бо таъминоти иттиллот оид ба фаъолияти амалиётӣ (ҷорӣ) маҳдуд сохта масъалаҳои хусусияти стратегӣ доштаро дахл накардааст.

Масъалаи аз ҳам ҷудокунии вазифаҳо ва таъйиноти баҳисобгирии идоракунӣ аз баҳисобгирии истеҳсолӣ дар шароити имрӯза, ки бештари олимон онҳоро бо таърифҳои монанд, арзёбӣ мекунанд, мубрам мебошад. Друри К. таъйиноти баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии истеҳсолотро муайян карда чунин менависад: «Ҳадафи асосии баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот бо мақсади омодакунии ҳисоботи молиявӣ мебошад. Баҳисобгирии идоракунӣ бошад ба шахсони масъул (роҳбарикунанда)-и ширкат хизмат намуда, ба онҳо иттилоотро барои банақшагирӣ, назорат, қабули қарорҳо ва танзими фаъолият пешниҳод менамояд» [60, с.63].

Калемуллоев М.В. яке аз таҳқиқотҳои аввалини худро ба омӯзиши моҳияти ҳисобгирии истеҳсолот ва баҳисобгирии идоракунӣ бахшида, муайян кардаст, ки ҳисобгирии истеҳсолот заминаи пайдоиши баҳисобгирии идоракунӣ мебошад: «Аз таҳқиқоти олимони соҳаи баҳисобгирӣ мушоҳида мекунем, ки баҳисобгирии идоракунӣ бо ҳисобгирии истеҳсолот омехта карда мешавад, ки мо бо ин розӣ шуда наметавонем. Ҳисобгирии истеҳсолот (чун қисми таркибии ҳисобгирии арзиши аслӣ) таърихан дар пешгоҳи баҳисобгирии идоракунӣ меистад» [30].

Профессор Б.Ҳ. Каримов зимни таҳқиқотҳои сершумори худ асли моҳияти баҳисобгирии идоракуниро чунин пешкаш намудааст, ки мо комилан бо он розӣ ҳастем: «Баҳисобгирии идоракунӣ, дар навбати худ, ба

қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии дохилии корхонаҳо нигаронида шудааст. Он барои омода кардани ҳисобот барои идоракунии дохилӣ - барои роҳбарият ва менеҷерони сатҳи болои корхона нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракунӣ ин пешниҳоди иттилоотест, ки барои қабули қарорҳои фаврӣ оид ба идоракунӣ, банақшагирии стратегӣ, беҳсозии захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорат муфид хоҳад буд. Баҳисобгирии идоракунӣ нисбат ба баҳисобгирии молиявӣ иттилооти муфассалтар медиҳад ва аксар вақт на танҳо ба бақайдгирии натиҷаҳои рӯйдодҳо, балки ба банақшагирӣ ва таҳлили онҳо тамаркуз мекунад. Баръакси баҳисобгирии молиявӣ, ки ба омодасозии ҳисобот барои як давраи мушаххаси на кам аз фосилаи як моҳ нигаронида шудааст, баҳисобгирии идоракунӣ аксар вақт фаврӣ ва чандиртар буда, имкон медиҳад, ки роҳбарият ва менеҷерҳои корхона ба тағйирёбии муҳити тиҷорат саривақт вокуниш нишон диҳанд» [31, с. 74-75].

Ба ақидаи В.Ф. Палий баҳисобгирии идоракунӣ ин: «Қонеъгардонии талаботи ахбории менеҷерони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ буда, ҳалли проблемаҳо дар субъекти иқтисодӣ ба зиммаи онҳо вогузор аст, яке аз самтҳои асосии таъйиноти баҳисобгирии идоракунӣ мебошад» [145, с.53]. Андешаҳои ин олими русро профессор Низомов С.Ф. то андозае пайгирӣ намуда, дар ин радиф консепсияи худро ӯ чунин пешниҳод менамояд: «…зарур нест, ки функсияи баҳисобгирии идоракуниро васеъ намуда, онро новобаста ба дорои системаи муқтадири бисёрсамтаи иттилотию технологӣ будан, ҳамчун низоми идоракунии ширкат бишморем. Воқеан, раванди идоракунии ширкат дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ амалӣ мегардад, аммо идоракунӣ худ қисми таркибии баҳисобгирии идоракунӣ намебошад» [33, с. 67].

Бояд зикр кард, ки дар илми ватании баҳисобгирӣ хусусан, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмон хизмати олими ватанӣ профессор С.Ф Низомов [33; 77; 79; 80; 140; 141; 142; 143] бузург аст. Ӯ дар

самти банизомдарории асосҳои назариявию методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон таҳқиқотҳои мукаммали густурдаро, анҷом дода, консепсияҳои муаллифии хеш оид ба рушди муқаррароти назариявӣ, методологӣ, ташкилӣ-методӣ ва амалии бунёдгардии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмонро офаридааст, ки ҳамчун заминаи устувори назариявию методологӣ барои таҳқиқотҳои илмӣ хизмат мерасонанд. Илова бар ин қобили зикр аст, ки масъалаи ташаккули иттилоот вобаста ба бахшҳои таркибии фаъолияти ширкати сохтмонӣ, ки ҳамчун марказҳои масъулият метавонанд эътироф карда шаванд ва дар шакли ҳисоботи дохилӣ (идоракунӣ) маълумот оид ба онҳо ба идоракунандагони сатҳи болоӣ пешниҳод гардад, яке аз аввалинҳо шуда дар таҳқиқоти диссертатсионии профессор С.Ф. Низомов хеле васеъ омӯхта шуда, равишҳои муаллифии «тайёркунии ҳисоботи дохилӣ, системаи нишондиҳандаҳои арзёбии фаъолияти зерсохторҳои ширкати сохтмонӣ ҳамчун марказҳои масъулияти ҳисоботӣ пешниҳод карда шудааст» [33, с.128].

Ба ақидаи С.Ф. Низомов «баҳисобгирии идоракунӣ як низоми иттилоотии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, таърихан инкишофёфта ва ба таври динамикӣ рушд намуда мебошад, ки он ҳамчун омили асосии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва воситаи асосии методии таъмини иттилоот дар раванди идоракунӣ нақши беназирро иҷро мекунад» [77, с.96].

Палий В.Ф. инчунин қайд мекунад, ки баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун зернизоми баҳисобгирии муҳосибӣ «…маълумотро дар бораи хароҷот ва натиҷаҳои раванди истеҳсолот бо мақсади назорати иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва арзиши аслӣ тайёр намуда, ҷиҳати арзёбии динамикаи хароҷот, таҳлили фоиданокии маҳсулотҳо, истеҳсоли ҳаҷм ва муайянкунии таркиби муносиби маҳсулот истифода бурда мешавад» [85, с.46].

С.А. Стуков ҳанӯз дар соли 1988 дар асари «Низоми баҳисобгирӣ ва назорати истеҳсолот» самтҳои инкишофи низоми баҳисобгирии шӯравиро

таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «Илова ба ҳисобгирии муҳосибӣ, ки асосан талаботи ширкатҳои берунӣ ва ширкатҳои омории давлатиро қонеъ мегардонад ... ширкатҳо бояд низоми самарабахши баҳисобгирии дохилизаводии (баҳисобгирии истеҳсолот – муаллиф) маҷмуиро ташкил намоянд, ки он имконият медиҳад мониторинги мувофиқати ҳаҷм, самт, мақсаднокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ гузаронида шавад» [92, с.25]. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки аллакай дар замони шуравӣ моҳияти ҳисобгирии истеҳсолӣ-хоҷагиро (ҳамчун марҳилаи ибтидоии баҳисобгирии идоракунӣ) дарк намуда, барои ташкили он дар ширкат таваҷҷуҳ равона гардидааст.

Олимони иқтисоддони рус Я.В. Соколов ва В.Я. Соколов қайд менамоянд, ки «норасогиҳои дар низоми баҳисобгирии муҳосибии замони шуравӣ мавҷудбуда сабаби пайдоиши баҳисобгирии идоракунӣ гардиданд. Дар ҳисобгирии замони гузашта хусусияти фавригии ахбор дида намешуд, ки дар натиҷаи он маълумоти омодагардида вобаста ба замон куҳнашуда ва барои идоракунандагони ширкат номуносиб ҳисоб меёфт» [91, с.88].

Чи тавре ки мушоҳида мекунем, таҳқиқотчиёни солҳои охири замони шуравӣ рушди ҳисобгирии истеҳсолиро дар ҳамон давра ҳамчун равиши ягонаи ҳамгирошудаи баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, назорат, таҳлили фаъолияти истеҳсолию хоҷагии ширкат мешуморидаанд. Дар воқеъ, моҳияти ҳисобгирии истеҳсолоти замони шӯравӣ аз рӯйи таъйиноти худ банақшагирии сметавӣ, ҳисобкунии арзиши аслии нақшавӣ ва ҳақиқӣ, назорати дохилихоҷагӣ, таҳлили иқтисодиро дар бар мегирифт, ки аз ҷиҳати мақсад, вазифа ва усулҳо дар ҳар як соҳаи иқтисодиёт ба куллӣ фарқ мекарданд.

Баҳисобгирии идоракунӣ ин пешниҳоди иттилооти зарурӣ оид ба ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ба кормандони худи ширкат мебошад, ки дар асоси он онҳо барои баланд бардоштани самаранокии амалиёти мавҷуда қарорҳои муносиби огоҳона қабул мекунанд.

Профессор Хушвахтзода Қ.Х. (Барфиев Қ.Х.) баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун «самти алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ-иттилоотӣ ва заминаи воқеии таъминоти иттилоотии менеҷменти ширкат» [22, с. 66] мешуморад: «…..мафҳумҳои баррасишударо ба инобат гирифта, бо боварӣ метавон гуфт, ки баҳисобгирии идоракунӣ намуди алоҳидаи фаъолияти иқтисодӣ-иттилоотӣ мебошад, ки дар доираи як ширкати мустақил бунёд карда шуда, асоси таъминоти иттилоотии менеҷменти идоракунӣ мебошад» [22, с. 67].

Бояд қайд намуд, ки профессор Хушвахтзода Қ.Х. дар ҷойи дигар баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун як низоми васеи мураккаби иттилоотӣ ҳисоб намуда, қайд мекунад, ки масъалаҳои бамеъёргирии масрафот, арзишҳисобкунӣ, таҳияи буҷетҳо, ояндабинӣ ва дигар самтҳои фаъолияти ширкат дар доираи он баррасӣ мегардад: «Хулосаҳои асосиро вобаста ба баҳисобгирии идоракунӣ ҷамъбаст намуда, қайд менамоем, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ банақшагирӣ, ҳисобгирии истеҳсолӣ, буҷетсозӣ, таҳлил ва назорати фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкат, қабули қарорҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин тартибдиҳии ҳисоботи дохилихоҷагӣ баррасӣ мегардад, бо боварии том онро ҳамчун як низоми мураккаби идоракунӣ шумурдан мумкин аст» [22, с.65].

Профессор Каримов Б.Ҳ. баҳисобгирии муҳосибиро, аз он ҷумла баҳисобгирии идоракуниро иборат аз унсурҳои гуногун муаррифӣ карда моҳияти онро дар таъминкунии роҳбарияти субъекти хоҷагӣ бо иттилооти иқтисодӣ мебинад ва қайд мекунад, ки он «маҷмуи унсурҳои дорои шакл ва муҳтавои муайян мебошад, ки дар алоқамандии байниҳамдигарӣ амал намуда, низоми иттилоотии мураккабро барои таъмини идоракунии субъектҳои иқтисодӣ бунёд мекунанд» [31, с.23].

С.А.Николева баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун «низоми иттилоотӣ оид ба хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ буда дар заминаи он қабули қарорҳои гуногуни идоракунӣ бо мақсади муносибгардонии

фаъолияти молиявии ширкатҳо» [144, с.17]. зарур мешуморад.

Н.Д. Врублёвский дуруст андеша дорад, ки «дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти саҳеҳ ва боварибахше бунёд мегардад, ки ба соҳибмулкон ва роҳбарони ширкат барои идоракунии фаврии истеҳсолот, арзиши аслӣ ва нархҳои фурӯш ниҳоят зарур мебошад» [117, с.63].

Дар баробари ин масъалаҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон ҳануз дар адабиёти илмӣ ба қадри кифоя инъикос наёфтаанд ва дар амал чунин баҳисобгирӣ воқеан истифода бурда намешавад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар санадҳои қонунгузорие, ки ба низоми давлатии танзими меъёрию ҳуқуқӣ дохил мешаванд, амалан мафҳуми расмии баҳисобгирии идоракунӣ шарҳ дода нашудааст ва танзими он ҳам дар субъектҳои иқтисодӣ ба расмият дароварда намешавад. Инро ба он чиз асоснок мешуморем, ки ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ як амали ихтиёрии дохилии ширкат ҳисоб ёфта, маълумоти дар доираи он омодакардашуда сири тиҷоратӣ ҳисоб меёбад ва набояд оммавӣ гардонида шавад. Аз ин хотир давлат бо ягон санади меъёрию ҳуқуқӣ ташкили баҳисобгирии идоракуниро барои ҳар як субъекти иқтисодӣ вазифаи ҳатмӣ намегардонад. Таҷрибаи амалии мамлакатҳои тараққикарда аз ин шаҳодат медиҳад. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкат бояд бидуни дахолати мақомоти давлатӣ амалӣ карда шавад.

«Ширкати сохтмонӣ ҳамчун низоми иқтисодӣ бо чунин хусусиятҳои мушаххас ва фаъолияти мураккаб ба мисли хосиятҳои инфиродии ҳар як объекти сохташаванда, беназирӣ, истифодаи мошину механизмҳои махсус, вобаста ба шароитҳои гуногуни иқлим интихоби усулҳои махсуси пешбурди корҳо, тахассуснокии кормандон ва ғ. аз дигар соҳаҳои иқтисодӣ фарқ мекунад. Дар доираи он захираҳои истифодашаванда ба натиҷаҳо (фоидаи соф, арзиши иловагии иқтисодӣ ва ғ.) табдил дода мешаванд. Идоракунии ширкати сохтмонӣ ба тарзу усулҳои махсуси ҷамъоварӣ ва коркарди ахбор оид ба фаъолияти он ниёз дорад. Ҳангоми идоракунӣ ва ҳам дар раванди

ташаккули низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ иттилооти омодашуда ба касоне, ки қарорҳоро қабул мекунанд, интиқол дода мешавад» [34, с.48].

И.А. Бланк дар заминаи муайян будани хусусиятҳои субъектҳои хоҷагӣ онҳоро ҳамчун объекти идоракунӣ ҳисоб намуда, «ҳангоми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ба назар гирифтани чунин аломатҳоро ба монанди шакли моликият, шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолият, хусусияти соҳавӣ, маблағи сармояи худӣ, мавқеи монополӣ дар бозор, марҳилаҳои давраи ҳаёт ва ғ.» [48, с.146]. зарур мешуморад. Бешубҳа, ин нишонаҳо ба раванди ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ дар ширкати сохтмонӣ таъсир мерасонанд.

Ҳангоми ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ «дар сохтмон меъёрҳо, аломатҳо ва хусусиятҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷм ва андозаи ширкати сохтмонӣ; шумораи бизнес-равандҳо дар ширкат ва алгоритми фаъолияткунии онҳо» [39]; низоми андозе, ки тибқи он ширкат фаъолият мекунад, ҳамчунин шумора ва номгӯйи андозҳои пардохтшаванда; пайдарпайии иҷрокунии корҳои сохтмонӣ; стратегияи тиҷоратие, ки аз ҷониби роҳбарият муқаррар гардидааст.

Б.Нидлз, Э.Андерсон ва Дж. Колдуэлл бар ин назаранд, ки «баҳисобгирии идоракунӣ идомаи баҳисобгирии молиявӣ буда, пеш аз ҳама барои инъикоси амалиёти дохилии ширкат истифода мешавад. Мақсади он пешниҳод кардани маълумот ба роҳбароне мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххаси истеҳсолӣ масъуланд. Ба маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, ки барои истифода бурдани роҳбарият таҳия ва омода карда мешавад, нисбат ба маълумоте, ки барои истифодабарандагони беруна пешбинӣ шудааст, қоидаҳои дигар пешниҳод карда мешавад» [76, с.24].

Омӯзиши мавқеи олимону мутахассисон аз нуқтаи назари аҳамияти баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳадафҳои он имкон дод, ки чунин ақидаро пешниҳод кунем: назари ҳамаи муаллифон ба ҳам наздик аст, ки онҳо ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракуниро ташаккули иттилооти зарурӣ барои

қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногуни идоракунии ширкат меҳисобанд.

Аз нуқтаи назари С.С. Сатубалдин ва Н.Г. Чумаченко бояд «мақсадҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ тартиб додани сметаҳои баҳисобгирии хароҷот, пурзур намудани тадбирҳо оид ба кам кардани хароҷот, инчунин сари вақт ошкор намудани тамоюлот аз меъёрҳо бошад» [40, с.21]. Н.Г.Чумаченко зарурати такмили баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси талаботи дастгоҳи маъмурии субъекти хоҷагидориро таъкид мекунад. Ғайр аз ин, С.С. Сатубалдин таҳлили хароҷотро ҷузъи ҷудонашавандаи баҳисобгирии идоракунӣ мешуморад.

Аз нуқтаи назари С.А.Стуков, баҳисобгирии идоракунӣ ин баҳисобгирии дараҷаи баланди ташкилӣ мебошад, ки сирф бақайдгирӣ нест, балки «ба олоти фаъоли муносибгардонии истеҳсолот табдил ёфта, имкон медиҳад, ки фоидаи максималӣ ба даст оварда шавад» [92, с.23]. Ба гуфтаи С.А.Стуков, муҳимтарин вазифаи баҳисобгирии идоракуниро бояд баҳисобгирии масъулияти роҳбарони алоҳида маҳсуб донист.

В.И Ткач ва М.В. Ткач чунин мешуморанд, ки «баҳисоби идоракунӣ бояд ба кадрҳои роҳбарикунанда дар чунин самтҳо маълумот пешниҳод кунад: фаврӣ; стратегӣ; инноватсионӣ» [93, с.35].

Ба андешаи Б.Нидлз, Х.Андерсон, Ҷ.Колдуэлл «мақсади асосии баҳисобгирии идоракунӣ ташаккули иттилооти зарурӣ барои таҳкими муносибатҳо дар дохили субъекти хоҷагидор мебошад» [76, с.29].

К. Друри, Ч. Хорнгрен ва Дж. Фостер, «муҳимтарин мақсадҳои баҳисобгирии идоракуниро таснифи хароҷот ва баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи намудҳои маҳсулот, инчунин аз рӯйи марказҳои масъулият» [60; 96] мешуморанд.

М.А. Вахрушина, А.Н.Хорин ва К.Н.Нарибаев «ташаккули ахбор барои идоракуниро мақсади асосии баҳисобгирии идоракунӣ» [56; 74; 157] медонанд. Ба андешаи онҳо, ин ба хусусияти иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ дар тафсири муосири ин мафҳум вобаста аст.

Раҳимов С.Х. такмилёфта будани низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар бунёди низоми иттилоотии боэътимод бисёр муҳим арзёбӣ мекунад: «Номукаммал будани баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолият... ба ташаккули иттилооти эътимоднок барои идоракунии он ва дар натиҷа ба рушди соҳа дар умум халал мерасонад. Ҳамин тавр, ба масъалаҳои такмил додани назария, ташкил ва методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати фаъолият... диққати махсус додан лозим аст» [35, с. 86].

Ҳамин тавр, омӯзиши мавқеи олимону муҳаққиқон нишон медиҳад, ки дар андешарониҳои онҳо оид ба муайянкунии мафҳум, моҳият, таъйинот ва функсияҳои баҳисобгирии идоракунӣ ақидаҳои якранг мушоҳида мешавад, танҳо шакли баёни андешаҳо гуногун ба назар мерасад. Ақидаҳои муаллифие, ки аз ҷониби олимон оид ба муайянкунии мафҳуми баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ, мақсад ва вазифаҳои он коркард шудааст, дар замимаи 1 пешниҳод гардидааст.

Зимни таҳлили ҳолати ба эҷоди асосҳои методологии баҳисобгирии идоракунӣ алоқаманд буда, ба он чиз бояд такя кард, ки ин масъала аз ҷиҳати консептуалӣ бояд омӯхта шавад. Ин андеша бар заминаи он ироа мегардад, ки маҳз баҳисобгирии идоракунӣ таъминоти иттилоотии роҳбариятро бо ҳама мушкилиҳо ва нозукиҳояш барои қабули қарорҳои саривақтии идоракунӣ бар уҳда дошта, моҳиятан ҳамчун системаи инфиродӣ ва махфӣ дар низоми идоракунии ширкат ҳисоб меёбад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксарияти ҳаҷми маълумоте, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ тавлид мешавад, бояд ба ҳалли мушкилоти субъекти иқтисодӣ, аз он ҷумла ба ширкати сохтмонии муайян нигаронида шавад.

Аз таҳқиқи муайянкунии мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчунин хулосабарорӣ мекунем, ки ба фикри мо, ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракуниро аз ду мавқеъ дида баромадан лозим аст: аз мавқеи рушди худи баҳисобгирии идоракунӣ; аз мавқеи рушди менеҷменти ширкат.

Мувофиқан, таърихи баҳисобгирии идоракунӣ бо таърихи пайдоиши менеҷмент дар ширкат алоқамандии зич дорад.

Мақсади баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкати сохтмонӣ кӯмак расонидан ба менеҷерон дар қабули қарорҳои таъсирбахши идоракунӣ мебошад. Дар раванди он вазифаҳои зерин бояд иҷро карда шаванд:

– ташаккули маълумоти боэътимод ва мукаммал дар бораи равандҳои дохилихоҷагӣ ва натиҷаи корҳо;

– «банақшагирӣ ва тартибдиҳии буҷети ҳамасолаи ширкат ва зерсохторҳои он» [24];

– «таъмини назорат аз болои мавҷудият ва самаранок истифодабарии молу мулк, захираҳои моддӣ» [24], пулӣ ва кадрӣ. Ошкор намудани захираҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ширкат.

– ҳисобкунии хароҷоти корҳои сохтмонӣ, муайянкунӣ ва ошкоркунии тамоюлот аз меъёрҳо, стандартҳо ва лоиҳаҳо. Ошкоркунии сабабҳои тамоюлот;

– арзёбии натиҷаи кори менеҷерҳои сохтмонӣ, ки сатҳҳои гуногуни ташкили истеҳсолотро идора мекунанд;

– баҳогузории самаранокии сармоягузориҳои дарозмуддат зимни лоиҳакашии онҳо;

– пешниҳоди маълумот ба роҳбарияти ширкат дар шакли ҳисоботи дохилии идоракунӣ;

Мо аз омӯзишу таҳлили андешаҳои муаллифии олимону муҳаққиқон оид ба таърифи баҳисобгирии идоракунӣ ба хулоса омадем, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намоем:

Баҳисобгирии идоракунӣ «ҳамчун зернизоми баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ба низом даровардани маълумоти баҳисобгириро дар бар мегирад» [68; 76; 96;], чунин аст ақидаи гурӯҳи аввали муаллифон.

Гурӯҳи дуюми олимон бар он андешаанд, ки «баҳисобгирии идоракунӣ

яке аз василаҳои раванди идоракунӣ буда, иҷрои бархе аз вазифаҳои идоракунӣ – мушоҳидакунӣ, баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, таҳлил ва назорат ба зиммаи он вогузор аст» [144; 145; 169].

Баҳисобгирии идоракунӣ, ба ақидаи гурӯҳи сеюми таҳқиқотчиён, «қисми ҷудонашавандаи низоми идоракунии ширкат мебошад, ки бидуни он имкониятҳои назорат ва идоракунии субъекти иқтисодӣ бо воҳидҳои алоҳидаи он – бахшҳо ва зербахшҳо комилан аз байн меравад, чунки таъмини иҷроиши амалҳои зикршуда маҳз тавассути таъминоти иттилоотии идоракунандагон анҷом мепазирад» [22; 24; 61].

Таърифҳои муаллифии олимонро ҳамчун асос қарор дода аз ҷониби худ мафҳуми баҳисобгирии идоракуниро чунин муайян намудем: баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ ва ҳамчун соҳаи таҳқиқот унсури муҳим дар низоми идоракунии ширкат ҳисоб ёфта, василаи муттаҳидкунандаи раванди идоракунӣ ва назорат бо раванди баҳисобгирӣ мебошад.

Дар робита ба ин таърифи муайяншуда хусусият ва ҷанбаҳои асосии баҳисобгирии идоракуниро дар ширкати сохтмонӣ нишон медиҳем:


а) ташкили баҳисобгирии идоракунӣ кори дохилии ширкат мебошад, давлат ва дигар мақомоти салоҳиятдор наметавонанд ширкатро барои ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ муваззаф гардонанд;

б) баҳисобгирии идоракуниро мумкин аст ҳам дар доираи баҳисобгирии муҳосибии ширкат ҳамчун қисми таркибии он ташкил кард ва ё ҳамчун низоми мустақили баҳисобгирӣ;

в) баҳисобгирии идоракунӣ бақайдгирӣ, банизомдарорӣ ва ба роҳбарон пешниҳод кардани маълумотро дар бораи хароҷот, арзиши аслӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявию истеҳсолии ширкат ва воҳидҳои сохтории он таъмин менамояд.

Моҳияти баҳисобгирии идоракуниро омӯхта мавқеи онро дар низоми идоракунии ширкат дар расми 1.1.1 мушоҳида менамоем.

Дар асоси гуфтаҳои болотар зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии идоракунӣ як низоми иттилоотии дохилӣ мебошад, ки вобаста ба соҳаи фаъолияти ширкат маълумотро барои қабули қарорҳо бо хусусият ва бузургиҳои муайян ба менеҷерҳои сатҳи гуногун пешниҳод менамояд. Маҳз дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ менеҷерҳо дар ширкатҳо қарорҳоро қабул намуда, фаъолияти зерсохтори тобеъро назорат мекунанд. Маълумот барои баҳисобгирии идоракунӣ дар пояи иттилоот оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкат, мисли он ки барои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз тайёр карда мешавад, ташаккул меёбад.



Расми 1.1.1. - Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун абзори идоракунӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия кардааст*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйир ёфтани шароити соҳибкорӣ, бидуни рад кардани таҷрибаи мавҷудаи кори баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ, истифода бурдани равишҳо ва усулҳои инноватсионии (оқилонаи) баҳисобгирии идоракунӣ зарур мегардад.

Кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии

идоракуниро дар ширкатҳои сохтмонӣ танҳо дар якҷоягӣ бо тамоми унсурҳояш ба амал баровардан мумкин аст. Чи тавре ки амалия нишон медиҳад, иҷро кардани баъзе аз амалҳо дар алоҳидагӣ (масалан, ба роҳ мондани ҳисобкунии хароҷот бидуни тартибдиҳии буҷетҳо, ё ин ки сарфи назар кардани ҳисоботи дохилихоҷагӣ ва ғ.) барои ширкат натиҷаи муносибро ба бор намеорад. Инчунин нақши муҳими омили вақтро барои низоми баҳисобгирӣ ба назар гирифтан лозим аст. Ҳар гуна талафоти вақт дар таҳия ва татбиқи усул ва равишҳои нави муосиртар (инноватсионӣ)-и баҳисобгирӣ дар ширкатҳои ҷумҳурӣ боиси боз ҳам паст шудани рақобатпазирии онҳо дар шароити номуайянӣ ва таваккал мегардад.

1.2. Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ

Инкишофи назорати фаъолияти хоҷагидорӣ бо пайдоиши ҳисоби хоҷагӣ дар Мисри қадим (3400-2980 сол пеш аз милод) алоқаманд аст, ки дар он ҷо баҳисобгирӣ дар папирусҳо иҷро карда мешуд. Дар баробари инкишофи назорат методологияи он низ инкишоф ёфтан гирифт. «Назорати амалиёти хоҷагиро се нафар пайдарпай ба амал мебаровардand. Нафари якум, дар папирус шумораи ашёҳои қиматнокро, ки барои рухсаткунӣ зарур буд, қайд мекард; дуюмӣ, ашёҳои хориҷшавандаро як тараф мемонд; сеюмӣ, миқдори ашёи қиматноки ҷудокардашударо бо меъёрҳо муқоиса карда, майлкуниҳоро менавишт. Ҳамин тавр, назорат аз болои равандҳои хоҷагӣ дар марҳилаҳои аввали рушди он, ҳамчун амали мустақил аз ҷониби иҷрокунандагони холис ба роҳ монда шуда, бо ҳуҷҷатгузории амалиётҳои хоҷагидорӣ ба расмият дароварда мешуд» [170]. Яъне, сарчашмаҳои таърихӣ аз қадим будани пайдоиши назорат ва марҳила ба марҳила рушд намудани назорати хоҷагӣ шаҳодат медиҳанд.

«Пешгӯинашавандагии муҳити муосири истеҳсолот ба он сабаб шуда метавонад, ки дар чунин вазъият истифодабарии усулҳои анъанавии баҳисобгирии хароҷот ва назорати идоракунӣ метавонад ба мушкилӣ дучор

гардад. Мушкилоти мавҷуда ва омилҳои манфие, ки ба назорати идоракунӣ таъсир мерасонанд, зарурати ҷорӣ намудани равишҳои тағйирпазир ва мутобиқшавандаи идоракуниро нишон медиҳанд. Муваффақияти қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ аз бисёр ҷиҳат бо низоми дурусти баҳисобгирии хароҷот вобаста мебошад» [178]. Айни замон муҳити фаъолият ва рушди ширкатҳо аз гурӯҳи омилҳои зиёд ба мисли сифати тахассуснокии кадрҳо, сохтори ташкилшудаи идоракунӣ, марҳилаҳои санҷиш ва қабули қарорҳо ва ғ., ки метавонанд пояҳои назоратро дар ширкат устувор гардонанд, вобаста мебошад.

Дар адабиёти имрӯза мафҳуми назорат ба таври гуногун ва номуайян шарҳ дода шудааст. Сабаб дар он аст, ки асоси номуайянӣ ва номувофиқии муносибати мутахассисон оид ба муайянкунии мафҳуми «назорат» ба қадри кофӣ мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқ қарор нагирифтани он мебошад. Илова бар ин, нуктаҳои назари пешниҳодшуда моҳияти назорати дохилиро гуногунҷанба нишон дода, сабаби ба вуҷуд омадани равишҳои мухталиф зимни тавсифи мафҳуми назорати дохилӣ гардиданд

Ин ҷо чанде аз ақидаҳои муаллифии олимонро вобаста ба муайянкунии мафҳуми назорат, мақсаду вазифаҳои он баррасӣ менамоем.

Дар асаре, ки зери таҳрири М.В. Мельник нашр шудааст, мафҳуми назорат чунин муайян гардидааст: «Назорат (аз забони фаронсавии *contrôle* гирифта шуда, маънояш *«санҷиши ҳисобҳо»* мебошад – *муаллиф*) ин равандест, ки низомро барои расидан ба ҳадафҳои гузошташудааш таъмин мекунад ва аз се унсури асосӣ иборат аст: муқаррар намудани стандартҳои кори низом, ки бояд тафтиш карда шаванд; муқоиса кардани натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои пешбинишуда; тасҳеҳи равандҳои идоракунӣ, агар натиҷаҳои бадастомада аз меъёрҳои муқарраршуда фарқ кунанд» [71, с. 8].

Ба ақидаи А.Д. Шеремет: «Назорати идоракунӣ ин раванди таъсири роҳбарон ба кормандони ширкат барои татбиқи самараноки стратегияи ташкилӣ мебошад» [97, с. 234]. Ба андешаи мо, стратегияи ташкилӣ нақшаи рушди ширкатро барои давраи дарозмуддат дар назар дорад, аммо

фаъолиятҳо ҳамарӯза, пайваста анҷом дода мешаванд ва танҳо бо мурури замон ба ҳадафҳои дарозмуддати муқарраршуда ноил мешаванд.

Чи тавре ки Муллахметов Х.Ш. қайд мекунад: «Назорат вазифаи аз ҳама муҳимми идоракунӣ буда бо дигар вазифаҳои он зич алоқаманд аст. Бидуни тақсимкунии расмиёти назорат вазифаҳои боқимондаи асосии идоракуниро (банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, алоқа, идоракунӣ ва роҳбарӣ) самаранок иҷро кардан ғайриимкон аст» [178].

Маллинз Л. назоратро аз нигоҳи хосиятҳои равонию физикии инсонҳо таҳлил намуда чунин менависад: «…одамон назоратро пеш аз ҳама ҳамчун зуҳури озодии худ, ҳамчун кашфи аломатҳо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муқарраршудаи худ меҳисобанд. Мардум рафтори нозиронро доимо мушоҳида карда, нисбат ба назоратчиён муносибати манфӣ зоҳир менамоянд» [73, с. 543]. Дуруст аст, ки ин омил бештар муносибати манфиро нисбат ба назорат дар муҳити тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ташаккули муносибатҳои бозорӣ муайян мекунад, ки то имрӯз бартараф карда нашудааст.

Чунин андешаронии монандро Бойетт Д. низ иброз намудааст: «Назорат ин хоҳиши одамон барои ҷорӣ кардани тартиботи муқарраршуда ва бароҳати чизҳост. Дар ин маврид яке аз сабабҳои асосии муқовимати мардум ба тағйирот дар он аст, ки одамон ба навоварӣ бархӯрд мекунанд, зеро талафоти онҳо натиҷаи назорат аз болои куҳнапарастист. Дар натиҷаи тағйирот одамон бояд худро тағйир диҳанд, вақте ин дигаргуниҳо аз берун таҳмил карда мешаванд, бидуни таҳқиқоти дуруст ва фаҳмондадиҳӣ дар онҳо эҳсоси аз даст додани назорат бар ҳаёти худ пайдо мешавад» [51, с. 83]. Аз ин сабаб, бисёр одамон ҷои кор, ҷои зисти худро хеле дарднок иваз мекунанд.

«Назорат, новобаста аз он ки дар кадом зербахш (звено) ё бахшҳои сохторӣ амалӣ карда мешавад, шояд муҳимтарин унсури низоми идоракунӣ бошад» [168], – чунин андеша дорад В.В. Бурцев. Бояд гуфт, ки дар адабиёти илмӣ назорат, торафт, бештар «ҳамчун усули такмил додани идоракунӣ дар ҳамаи зербахшҳои ширкат дида мешавад. Мафҳуми назоратро ҳам ба маънои

маҳдуд – ҳамчун яке аз марҳилаҳои раванди идоракунӣ (ё ҳамчун яке аз вазифаҳои он маънидод кардан мумкин аст) ва ба маънои васеътар – ҳамчун низом (ба низоми идоракунии ширкат дохил карда мешавад) маънидод кардан мумкин аст, ки аз як қатор унсурҳо иборат аст» [168].

Ҳамчунин, В.В.Бурцев муайян кардааст, ки дар раванди назорат, дар маҷмуъ, бояд ин амалҳо иҷро карда шаванд: «Зимни назорати идоракунии ширкат аз ҷониби субъектҳои он, ки дорои ваколатҳои дахлдор мебошанд (яъне субъектҳои назорат) ё дар реҷаи автоматии аз ҷониби субъектҳои зикршуда ва таҳти назорати онҳо муайяншуда қарор доранд, иҷро кардани амалҳои зерин ҳатмӣ мебошад: (а) муайян кардани ҳолат ё амали воқеии зербахши идорашавандаи низоми идоракунии ширкат (объекти назорат); (б) муқоисаи маълумоти воқеӣ бо маълумоти зарурӣ, яъне бо пояи муқоисакунии дар ширкат қабулшуда ё аз берун додашуда; (в) баҳогузории тамоюлот аз ҳадди ниҳоии иҷозатдодашуда вобаста ба дараҷаи таъсири онҳо ба ҷанбаъҳои фаъолияти ширкат; (г) муайян кардани сабабҳои ин тамоюлот» [168].

Низомов С.Ф. назорати идоракуниро ҳамчун механизми идоракунӣ ҳисоб менамояд, ки барои баҳогузории фаъолияти менеҷерҳо равона гардидааст: «…назорати идоракунӣ дар худ механизмеро таҷассум мекунад, ки фаъолияти менеҷерҳои сегментҳои бизнесро барои иҷроиши вазифаҳои аз ҷониби роҳбарияти ширкат муқарраршуда равона месозад ва имконияти ошкор ва бартараф кардани тамоюлотро тавассути алоқаи баръакс бо зерсохторҳо фароҳам оварда, ҳавасмандии менеҷерҳоро ба миён меорад. Коркарди меъёрҳои арзёбии фаъолияти зербахшҳои ширкат ва ҳавасмандии роҳбарони онҳо самти муҳими назорати идоракунӣ барои қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ мебошад» [33, с. 136].

Мо ба надешаҳои профессор С.Ф.Низомов розӣ мешавем, ки назоратро дар умум, ҳамчун яке аз функсияҳои идоракунӣ шуморида чунин менависанд: «Таҳлили нуқтаи назари мутахассисони мактабҳои гуногуни назарияи идоракунӣ, ки ин масъаларо ҳам дар Русия ва ҳам дар хориҷа

омӯхтаанд, нишон дод, ки баъзе фарқиятҳо дар байни онҳо мавҷуд аст. Аммо, дар маҷмуъ барои онҳо як чиз умумӣ аст, ки назоратро ҳамчун функсияи идоракунӣ ҳисоб мекунанд. Барои иҷро кардани ҳама гуна вазифаҳои истеҳсолию ташкилӣ ва идоракунӣ ба менеҷер иттилоот лозим аст, ки таъминкунандаи он маҳз назорат буда, имкон медиҳад ҳама гуна равандҳо ва ҳодисаҳо пайгирӣ карда шавад» [33, с. 146]. Ин ҷо мо танҳо илова карданӣ ҳастем, ки ба сифати таъминкунандаи иттилоот на танҳо назорат, балки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ низ маҳсуб меёбанд.

Давлатзода М.Х. омили асосии гузаронидани назоратро маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ шуморида қайд мекунад, ки яке аз функсияҳои баҳисобгирӣ таъмини назорат мебошад: «Баҳисобгирии муҳосибӣ манбаи асосии таъминоти иттилоотӣ барои иҷрои вазифаҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла барои назорат мебошад. Ҳамзамон дар раванди баҳисобгирии муҳосибӣ назорати истифодаи оқилонаи сарватҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, ҳифзи амвол ба ҷо оварда мешавад. Баҳисобгирии муҳосибӣ вазифаҳои назоратиро тавассути ҳамаи унсурҳои методи худ – ҳуҷҷатноккунӣ ва барӯйхатгирӣ, баҳодиҳӣ ва ҳисобкунии арзиши аслӣ, низоми ҳисобҳо ва навишти дутарафа, ҷамъбасткунии тавозунӣ ва ҳисобот иҷро мекунад» [28, с.44]. Яъне, ба андешаи Давлатзода М.Х. дар амалигардонии назорат нақши унсурҳои методии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ баръало намоён аст.

Вахрушина М.А. назорати идоракуниро ҳамчун воситаи ченкунии натиҷаҳои фаъолияти корхона аз он ҷумла натиҷаи фаъолияти сегментҳо меҳисобад: «Назорати идоракунӣ як қатор қоидаҳо ва маросимҳоро дар бар мегирад, ки менеҷерон барои ченкунии натиҷаҳои фаъолияти марказҳои масъулият барои муайян кардани он ки натиҷаҳои гирифташуда ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ мувофиқат мекунанд, ва агар не – барои чораҳои тасҳеҳӣ. Бо ибораи дигар, сухан дар бораи назорат ва батанзимдарории даромадҳо ва хароҷот барои зерсохторҳои воҳидии алоҳида (ѐ фурӯш),

дар асоси таҳлили иқтисодии маълумотҳои нақшавӣ ва воқеии баҳисобгирии сегментӣ меравад» [56. с. 10].

Бо эътирофи дурустии нуктаҳои дар боло зикршуда оид ба вазифаҳои идоракунӣ ва нақши функсионалии назорат, бояд қайд кард, ки чунин муносибат якпорчагии раванди идоракунӣ ва иҷрои амалҳои муайяни роҳбарро оид ба назорат ва санҷиши фаъолияти объекти идорашаванда ифода мекунад.

Дар пояи таҳқиқот ва пешниҳодоти олимони болозикр оид ба муайянкунии мафҳуми назорат, мо ба мафҳуми назорати идоракунӣ чунин таъриф пешниход менамоем. Назорати идоракунӣ – ин унсури муҳимми раванди идоракунӣ, омили идоракунӣ, заминаи появии қабули қарорҳо ва татбиқи онҳо бо максади таъсиррасонӣ ба ранди идоракунӣ мебошад. Дар асл, ин амали бевоситаи назорат ҳамчун вазифаи идоракунӣ мебошад.


Дар пояи ин мафҳум, ки назорат ҳамчун унсури раванди идоракунӣ эътироф мегардад, субъектҳои назорат, объектҳои назорат ва намудҳои назоратро бояд аз ҳам ҷудо кунем.

Субъектҳои назорат мисли объектҳои назорат зиёд ва гуногунанд. Субъектҳои назорат одамон, муассисаҳои иҷтимоӣ, давлат ва ғ. мебошанд.

Намудҳои зерини назоратро аз ҳам ҷудо мекунанд, ки субъекти он шахс аст: худидоракунӣ, танзимгарӣ, касбӣ, коргарӣ, тафтишотӣ ва ғайра. Мисолҳои назорате, ки дар он гурӯҳҳои одамон метавонанд ҳамчун субъект баромад кунанд, инҳоянд: назорати оилавӣ, назорати гурӯҳӣ, назорати синфӣ, назорати чамъиятӣ ва ғ.

Дар вақти муайян кардани нақши назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ чунин пиндоштан мумкин аст, ки идоракунӣ ҳамчун низоми пешбар ва назорати идоракунӣ ҳамчун звенои ёридиҳанда мебошад. Дар ин росто гуфтан ҷоиз аст, ки вазифаи назорати идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар заминаи иттилооти воридшаванда мувофиқи талаботи идоракунандагон аз ҳамоҳанг гардонидани ҳамкории воҳидҳои сохторӣ ва беҳгардонии натиҷаи кори онҳо иборат мебошад (расми 1.2.1).

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мафҳумҳои “назорати дохилӣ”, “назорати дохилихоҷагӣ”, “низоми назорати дохилӣ”, “назорати дохилии идоракунӣ”, “назорати идоракунӣ” аз ҷониби олимон ва мутахассисон номувофиқ ва бемавқеъ истифода мешаванд. Ин ҳолат аз нокифоягии заминаҳои косептуалӣ оид ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми назорати дохилӣ дар низоми идоракунӣ дарак медиҳад. Азбаски назорати идоракунӣ ҳам ба низоми менеҷмент ва ҳам ба баҳисобгирии идоракунӣ хос аст, дар байни иқтисодчиён ҷудокунии дақиқи ҳудуди фаъолияти назорати идоракунӣ дар доираи ин низомҳо мушоҳида намешавад.



Расми 1.2.1. - Мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ

Манбаъ: *[77, с. 27]*.

Истилоҳи «назорат»-ро мавриди омӯзиш қарор дода ба чунин хулоса омадем, ки моҳияти назорат вобаста ба ду самти таъйиноти он баррасӣ карда шавад (Ҷадвали 1.2.1). Самти аввал – назорат ин мушоҳидакунӣ, санҷиши фаъолияти кормандон, равандҳо ва объектҳо, яъне амал мебошад, дар самти дуюм – ҳукмронӣ бар одамон, вазъият, ширкатҳо, имконияти муайян кардани ҳолат ва инкишофи онҳо, ба онҳо таъсири ҳалкунанда расондан дар назар дошта мешавад. Самти аввал назоратро ҳамчун манбаи иттилоот дар назар дорад, самти дуюм бошад онро бо қудрат шабоҳат медиҳад. Агар тибқи таъйиноти аввал раванди назорат ҳамчун марҳилаи муайяни даври

идоракунӣ, яъне, ҳамчун амал инъикос карда шавад, пас аз рӯйи таъйиноти дуюм, назорат натиҷаи амалинамоии механизми идоракунӣ, яъне асбоби таъсиррасонии идоракунӣ ҳисобида мешавад.

Имрӯз, назорат дар ҷомеа ҳамчун падидаи хеле гуногунмаъно қабул карда мешавад ва зуҳуроти зиёде дорад. Муайянкунии назорат ба тағйирнопазирии даври амалҳои доимӣ ва ба ҳам алоқаманд дар сурати ошкор шудани тамоюлот асос меёбад, ки ин боиси зарурияти муайян кардани мафҳуми «назорати идоракунӣ» мегардад.

Бинобар ин, «назорати идоракунӣ» дар дохили ширкат нисбат ба унсурҳои таркибии он ва объектҳои ба он тааллуқдошта аз ҷониби субъектҳои ҳамин ширкат бо мақсади ба таври кофӣ татбиқ намудани қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ амалӣ карда мешавад.

Ҷадвали 1.2.1 - Самтҳои таъйиноти назорат дар фаъолияти амалӣ

Хусусият / Таъинот	**Истифодаи амалӣ (амалҳои назоратӣ)**	**Нақши он дар баҳисобгирии идоракунӣ**	**Истифодабарӣ дар низоми идоракунӣ**	**Намудҳои назорат**	**Натиҷанокӣ**
Назорат ҳамчун манбаи иттилоот	Мониторинг, тафтиши равандҳо ва объектҳо, фаъолияти одамон	Назорат – амал (назорат ҳамчун марҳилаи даври идоракунӣ)	Сатҳи поёнӣ ва миёнаи идоракунӣ	Амалиётӣ ва қисман идоракунӣ (пешакӣ ва ҷорӣ)	Ҳифзи сарватҳои иктисодии ширкат
Назорат ҳамчун асбоби қудрат	Имконияти муайянкунии ҳолат ва рушди ширкат, вазъият ва таъсирарсонии ҳалкунанда бар онҳо	Назорат – механизм (ҳамчун асбоби таъсиррасонии идоракунӣ)	Сатҳи болоӣ ва миёнаи идоракунӣ	Стратегӣ ва қисман идоракунӣ (ҷорӣ ва хотимавӣ)	Пайдоиши масъулият-нокӣ дар рафтори кормандон

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Сарфи назар аз маънидодкуниҳои гуногуни мафҳуми «назорати идоракунӣ» бояд қайд кард, ки он дар шароити муосир дорои хусусиятҳои кофие мебошад, ки имкон медиҳанд, дар бораи мустақилият ва ҷудо будани он аз дигар мафҳумҳои шабеҳи он сухан иброз намоем. Дар баробари ин, асосноккунии мафҳуми «назорати идоракунӣ», ки то ин дам муҳтавои он дар адабиёти илмӣ хеле кам шарҳу тавзеҳ ёфтааст, зимни таҳияи назария ва консепсияи бунёди низоми назорати идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ

ҳамчун қадами аввалиндараҷа муҳим аст.

Назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ ба таъмини фаъолияти самаранок ва бехатари ширкат, инчунин таъмини сифати кор, риоя намудани муҳлати лоиҳа, кам кардани талафоти беасос, хавфу хатарҳо, хатоиҳо ва кашолкориҳо нигаронида шудааст. Дар натиҷаи татбиқи низоми босамари назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ чунин натиҷаҳо ба даст хоҳад омад:

– риояи талаботи қоидаҳо ва меъёрҳои сохтмонӣ (Санҷиши риояи меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон (МҚС); назорат аз болои сифати корҳои сохтмон);

– «назорат аз болои фаъолияти молиявӣ (назорати сарфи маблағҳо ва мувофиқати он ба буҷети тасдиқшуда; таҳлили нишондодҳои молиявӣ ва муайян кардани инҳироф аз нақша» [39]; таҳияи чораҳои ислоҳӣ дар асоси нишондодҳои молиявӣ);

– таъмин гаштани амнияти иттилоотӣ (назорати ҳифзи маълумоти махфӣ; муҳофизат аз дастрасии беиҷозат ва дуздии маълумот; таъмини яконагӣ ва бехатарии иттилоот);

– риоя гаштани талаботи ҳифзи муҳити зист;

– мувофикгардонии бузургии хароҷоти вокеӣ бо нақша (тартиб додани сметаҳо ва буҷети лоиҳа бо назардошти тамоми хароҷот; мониторинги хароҷот; назорати хароҷоти воқеӣ ва муқоисаи онҳо бо нишондодҳои нақшавӣ).

– таҳлили инҳирофҳо (муайян кардани сабабҳои инҳироф аз буҷет ва таҳияи чораҳои кам кардани онҳо).

– тафтиши созишнома ва шартномаҳо (мониторинги бастан ва иҷрои шартномаҳо бо паймонкорон, таъминкунандагон ва дигар контрагентҳо).

Ин вазифаҳои назорати дохилӣ ба ширкатҳои сохтмонӣ имкон медиҳад, ки кори самаранок ва бехатар таъмин карда шуда, хатоиҳо камтар, сифати корҳо ва хизматрасониҳои сохтмонӣ беҳтар ва идораи лоиҳаҳо самаранок иҷро карда шавад.

Усулу амал ва раванду абзорҳои назорат ҷузъҳои муҳимми низоми

назорати идоракунӣ мебошанд. Дар расми 1.2.2 усулҳо, низомҳо, равандҳо ва абзорҳои назорати идоракунӣ оварда шудаанд.




Расми 1.2.2. - Усулҳо, низомҳо, равандҳо ва абзорҳои назорати идоракунӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Дар робита ба унсурҳои дар расми 1.2.2 овардашуда қайд карданро зарур мешуморем, ки вобаста ба истифодабарии усулу низомҳои назорати идоракунӣ равандҳо ва абзорҳои назорати идоракунӣ муайян карда мешаванд. Низоми назорати идоракунӣ бидуни маълумотҳои баҳисобгирии идоракунӣ имконнопазир аст ва он бо низоми баҳисобгирии идоракунӣ

ҳамбастагии методологию амалӣ дорад.

Дар баробари муайянкунии усулҳо ва амалҳои назорати идоракунӣ нақшаи ташкилӣ-методологии назорати идоракунии хароҷотро дар ширкатҳои сохтмонӣ таҳия кардан лозим меояд. Таҳияи нақшаи ташкилӣ-методологии назорати хароҷот маънои бунёд кардани роҳи харитавиеро ифода менамояд, ки аз рӯйи он объектҳои назорат, шахсони назораткунанда, тартиби амалигардии назорат, вақт ва муҳлати тафтиши объект, абзорҳои истифодашаванда ва ғ. муайян мегардад (расми 1.2.3.).



Расми 1.2.3. - Нақшаи ташкилӣ-методологии назорати идоракунии хароҷот
Манбаъ: *муаллиф таҳия кардааст.*

Чи тавре ки аз рӯйи расми 1.2.3 мебинем, дар доираи нақшаи ташкилӣ-методологӣ корҳои назоратӣ аз рӯйи бахшҳои он пай дар пай бояд амалӣ гардида, ҳисобот ва гузоришҳо оид ба натиҷаҳои онҳо ба менеҷерони сатҳи болоӣ пешниҳод карда шавад.


Дар асл, низоми самараноки назорати идоракунӣ ба баҳисобгирии идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ ва таҳлили идоракунӣ такя менамояд, ки

дар он маълумот оид ба амалиётҳои хоҷагидории ширкат нақши муҳим мебозанд. Дар акси ҳол, назорати идоракунӣ дар ширкат бесамар гашта, идоракунии тиҷорат – раванди бемаънӣ ва бефоида хоҳад гашт.

Дар ширкатҳои сохтмонӣ татбиқ кардани низоми назорат аз болои иҷрои буҷет амали зарурии ҳатмӣ мебошад. Раванди буҷет ва иҷроиши он бо раванди назорат алоқамандии зич дорад. «Асоси назорат ва буҷетро таҳлили маълумоти молиявию истеҳсолии гузашта, ки дар низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи оморӣ ҷамъ оварда шудаанд, ташкил медиҳад» [39].

Назорати иҷрои буҷетҳо мумкин аст бо «усулҳои *пешакӣ, ҷорӣ ва баъдӣ*» [24, с.198] амалӣ карда шавад, ки дар расми 1.2.4 ҳадаф ва самтҳои иҷроиши назорати буҷет дар доираи ҳар як тарзи мушаххаси он нишон дода шудааст. Ҳар яке аз усулҳои назорати иҷрои беҷети ширкат, ки дар асоси дастурамалҳои таҳияшуда ва тартиботи муқарраршуда гузаронида мешавад, барои ба дастории натиҷаҳои самаранок саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Дар ҷадвали 1.2.2 самтҳо ва василаҳо (абзорҳо)-и методӣ барои гузаронидани назорати пешакӣ пешниҳод гардидааст. Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 1.2.2 овардашуда муайян карда мешавад, ки «захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва сармоягузориҳо ба кадом самтҳои фаъолияти ширкат равона карда мешаванд. Дар баробари ин натиҷаҳое, ки зимни назорати пешакӣ ба даст меоянд, ба мисли қонеъ будани талаботи истеҳсолот ба ашё ва сифати он, дуруст ҳисобкунии миқдори зарурии захираҳои моддӣ, таҳлили тахассуснокӣ, касбият ва маҳорати коргарон, мақсаднок будани стратегияи молиявии таҳияшуда ва ҷойгиркунии захираҳои молиявӣ» [24], асоснок будани қабулкунӣ ва таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ғ. тавассути (василаҳо) абзорҳои муносиби дар ҷадвали 1.2.2 нишондодашуда амалӣ мегардад.



Расми 1.2.4. - Усулҳо, ҳадафҳо ва самтҳои назорат
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааат.*

Назорати ҷории буҷети ширкати сохтмонӣ бо мақсади ошкоркунии рафти иҷроиши мақсаду вазифаҳо, нақшаҳои муқарраршуда ва санҷиши тибқи буҷет иҷрогардии корҳо амалӣ карда мешавад. Ин намуди назорат бо роҳи тафтиши ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, мониторинги рафти иҷрои корҳо ва ҳолати истифодабарии захираҳо, пурсишҳои шахсони вобаста ва холис, мизоҷон ва ғ. ба ҷо оварда мешавад. Дар натиҷаи он тартибдиҳии се намуди ҳисобот (расми 1.2.5) тавсия карда мешавад: *ҳисоботи ҷорӣ (маъмулӣ); ҳисоботи махсус; ҳисоботи фавқулода.*

Ҷадвали 1.2.2. - Василаҳо (абзорҳо)-и методии пешниҳодшуда барои назорати пешакӣ

Самти назорати пешакӣ	Василаҳои методӣ
Захираҳои моддӣ (харидкунӣ)	1.Талабот ба сифати ашё ва масолеҳҳо, таҳқиқи таъминкунандагон 2.Ҳисобкунии микдори зарурии захираҳои моддӣ
Захираҳои меҳнатӣ (таъминкунӣ)	1.Таҳлили тахассусмандӣ, касбият ва маҳорати коргарон 2.Ҳисобкунӣ ва таҳлили шумораи оптималии коргарон дар объектҳои муайян 3.Баҳодиҳӣ ва ҳисобкунии арзиши захираҳои меҳнатӣ
Захираҳои молиявӣ (фурӯш)	1.Таъминоти бозоргирӣ ва қарзадокунии ширкати сохтмонӣ 2.Ташаккули стратегияи молиявӣ ва ҷойгиркунии захираҳои молиявӣ
Сармоягузориҳо (ташаккули захираҳо)	1.Қабулкунӣ ва таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ 2.Ташаккули сиёсати молиявӣ 3.Ҳисобкунӣ ва баҳогузории фонди захиравӣ

Манбаъ: *[24, с.200].*


Ҳисоботи даврӣ маъмулӣ мебошад, яъне дар он натиҷаҳои рафти фаъолияти хоҷагидории объекти тафтишшуда қайд карда мешавад. Он мунтазам, давра ба давра дар баробари гузаронидани санҷиш тартиб дода шуда, аз натиҷаҳои фаъолияти бизнес-раванди ширкат ба роҳбарият маълумот дода мешавад.

Ҳангоми пеш омадани мушкилот зимни иҷроиши буҷетҳо мушкилотҳои пешомада таҳлил карда шуда, аз натиҷааш ҳисоботи махсус тартиб дода мешавад.

Ҳисоботи фавқулода ҳангоми пеш омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт, яъне ҳолатҳое, ки дар буҷети ширкат ба нақша гирифта нашуда буд, тартиб дода мешаванд. Дар ҳисобот худи ҳолати фавқулода, ки ба амал омадааст, сабабҳои бавуқуъ пайвастани он, шахсони гунаҳкор, агар онҳо мавҷуд бошанд, натиҷаҳои он, тавсиф карда шуда, роҳҳои бартарафкунии онҳо пешниҳод карда мешавад.

Дар натиҷаи гузаронидани назорати ҷорӣ, ки аз натиҷаҳояш ҳисоботи махсус (санҷиши ногаҳонӣ) ва ҳисоботи фавқулода (санҷиши фаврӣ) тартиб

дода мешавад, бояд ҳатман қарорҳои махсус ва ғайримаъмулӣ барои бартарафкунии мушкилот ва ҳолатҳои фавқулода қабул карда шавад. Ин ду тарзи охирон номбаршудаи назорати ҷорӣ (санҷиши ногаҳонӣ ва санҷиши фаврӣ) якдигарро ба таври ҳамбаста пурра намуда, вобаста ба вазъи пешомада аз аҳамияти амалӣ холӣ нестанд.



Расми 1.2.5. - Намудҳои ҳисобот ҳангоми назорати ҷорӣ ва чорабиниҳо аз натиҷаи онҳо. Манбаъ: *муаллиф тартиб додааст.*

Марҳилаи охирини назорати буҷетӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ назорати баъдӣ ҳисоб меёбад. Дар доираи назорати баъдӣ натиҷаҳои бадастомада аз фаъолияти ширкат дар самти корҳои сохтмонии иҷрошуда санҷида мешавад. Назорати баъдӣ бо роҳи муқоиса кардани нишондиҳандаҳои ҳақиқии бадастомада бо нишондиҳандаҳои дар буҷет тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.

Натиҷаи «назорати баъдии буҷет, ки пас аз баохиррасии корҳои сохтмонию васлгарӣ ва анҷоми лоиҳа гузаронида мешавад, барои баҳогузории натиҷаи фаъолияти субъекти иқтисодӣ ва зерсохторҳои тобеи он кӯмаки амалӣ мерасонад. Ҳамчунин, назорати баъдии бечети ширкати сохтмонӣ, ки натиҷаи он бо гузоришҳо ва ҳисоботҳо ба расмият дароварда мешавад» [39], ҷиҳати тартиб додани бучети ширкат барои даврaҳои минбаъдаи ҳисоботӣ ва истеҳсолӣ ҳамчун василаи амалӣ ба шумор меравад.

Бузургиҳо дар гузоришҳо ва ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои назорат бо ченакҳои пулӣ, аслӣ, меҳнатӣ ва нисбӣ пешниҳод карда мешаванд.

Аз рӯйи хусусияти инъикоскунӣ дар ҳисоботҳо оид ба иттилооте, ки нисбати онҳо тамоюлоти назаррас мушоҳида мешаванд, бештар бояд маълумот дар шакли графику диаграммаҳо ба роҳбарон пешниҳод карда шаванд, то ин ки идоракунии тамоюлҳо хубтар ташкил карда шуда, қарорҳои муосиб нисбати онҳо қабул карда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳар се намуди назорати буҷетӣ дар ширкати сохтмонӣ асоснокии буҷетҳои тасдиқшуда, дараҷаи иҷрошавандагии корҳо тибқи буҷет, истифодаи босамари захираҳо, бадастории натиҷаҳои дилхоҳи молиявӣ-хоҷагидорӣ ва дар маҷмуъ устуворгардонии низоми идоракунӣ ва мустаҳкам кардани мавқеи корхона дар бозори рақобатнокро тақозо менамояд.

Хуллас, ҷорӣ кардани низоми назорати дохилӣ дар ширкати сохтмонӣ рӯйдоди ниҳоят муҳим арзёбӣ гардида, барои баланбардории самаранокии фаъолияти зерсохторҳо, шуъбаҳо, мавзеъҳои сохтмонӣ, пешгирӣ кардани падида ва зуҳуроти номусоид дар ҳар як минтақаи истеҳсолӣ ва қабул кардани қарорҳои муносиб мусоидат менамояд.

Низоми назорати дохилӣ, ки дар асоси дастурамалҳо, стандартҳо ва расмиёти возеҳ татбиқ карда мешавад, ба беҳтар шудани сифати корҳои иҷрошуда, кам кардани шумораи хатоиҳо мусоидат намуда, шабакаҳои возеҳи иртиботиро байни кормандон, шуъбаҳо ва роҳбарият муқаррар намуда, ба мубодилаи самараноки иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалҳо замина мегузорад. «Низоми назорати дохилӣ барои муайянкунӣ, арзёбӣ ва идора кардани хатарҳои гуногуни эҳтимолии марбут ба фаъолияти сохтмонӣ, аз қабили хатарҳо ба вазъи молиявӣ, техникӣ, меҳнатӣ, экологӣ кӯмак расонида, оқибатҳои ногувори эҳтимолиро коҳиш медиҳад» [39]. Дар натиҷаи татбиқи низоми назорати дохилӣ механизмҳои назорати амалиёти молиявӣ ва захираҳо муқаррар карда шуда, ба пешгирии қаллобӣ, дуздӣ, сӯиистифода ва фасод замина гузошта мешавад.

1.3. Хусусиятҳои технологӣ, ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири он ба татбиқи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ

Сохтмон яке аз соҳаҳои мустақили иқтисодиёт буда, дар рушду суботи иқтисодиёти кишвар нақши назаррас дорад. Сохтмони объектҳои ҳозиразамони истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, иҷрои корҳои таъмиру васлгарӣ, инчунин азнавсозии иншооти гуногун самтҳои асосии фаъолияти индустрияи сохтмонии замонавӣ мебошад. Фаъолияти пурсамари соҳаи сохтмон ба рушди бомайлони иқтисодиёти давлат саҳми калон мегузорад. «Он як соҳаи иқтисодиётест, ки ширкатҳои он ба сохтмони биноҳо, иншоот ва объектҳои нав машғуланд» [86].

Сохтмонҳои ҳозиразамон раванди мураккабу бисёрҷабҳа буда, на танҳо донишҳои чуқури соҳаи меъморӣ ва муҳандисӣ, балки идоракунии моҳиронаро дар ҳамаи звеноҳои истеҳсолот низ талаб мекунанд. Хусусиятҳои технологӣ ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ барои бомуваффақият иҷро намудани лоиҳаҳо, таъмини сифат, бехатарӣ ва самаранокии иқтисодии онҳо нақши асосиро мебозанд.

Дар адабиёти илмӣ сохтмон ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ маънидод карда мешавад, ки татбиқи он аз барпо намудани ширкатҳои нав, васеъ

кардан, таҷдид ва аз ҷиҳати техникӣ аз нав муҷаҳҳаз гардондани ширкатҳои мавҷуда, дигар объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ иборат аст. Ғайр аз ин, таъмири асосии объектҳои сохтмониро ба маҳсулоти соҳаи сохтмон мансуб донистан мумкин аст.

Хусусиятҳои технологӣ ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ аз ҷанбаҳои асосие ба шумор мераванд, ки самаранокӣ, сифат ва бехатарии объектҳои сохтмонро муайян мекунанд. Дар ҷаҳони имрӯза, ки саноати сохтмон бо талаботи рӯзафзуни инноватсия, устувории экологӣ ва иқтисодӣ рӯбарӯ аст, дарк ва татбиқи технологияҳои пешрафта ва усулҳои ташкилӣ қисми ҷудонашавандаи идоракунии муваффақонаи лоиҳаҳо ва объектҳои сохтмонӣ мегардад.

Истеҳсолоти сохтмонӣ маҷмуи васеи равандҳоро дар бар мегирад, ки аз тарҳрезӣ ва омода кардани майдони сохтмон оғоз гашта то ба ичроиши марҳилавии корҳои сохтмонӣ ва ба истифода додани иншоот анҷом дода мешавад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо банақшагирии дақиқ, ҳамоҳангсозӣ ва назоратро талаб мекунад.

Ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ аз идоракунии самарабахши захираҳо, аз он ҷумла захираҳои кадрӣ, моддӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ иборат аст. Он ба муносибгардонии логистика, таъмини бехатарии меҳнат, идоракунии сифат ва мониторинги муҳлати корҳо имконият фароҳам меорад. Барои таъимини ин раванд татбиқи низоми таъминоти иттилоотии босамари фаъолияти сохтмонӣ нақши муҳимро мебозад.

Низоми баҳисобгирии муҳосибии дар ширкати сохтмонӣ амалишаванда бо заминаҳои назариявии баҳисобгирии муҳосибӣ такя намуда, зимни ташкили амалии он аз низоми баҳисобгирии дар дигар соҳаҳои фаъолияти хоҷагӣ амалкунанда як қатор хусусиятҳои фарқкунанда мушоҳида карда мешаванд. Ба гуфтаи Н. Адамов, «..тафовутҳо аз хусусиятҳои соҳавии комплекси сохтмонӣ бармеоянд» [102, с. 42].

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 2400 ширкатҳо, аз он ҷумла 2073 ширкати пудратӣ (паймонкорӣ), тибқи феҳрасти Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони


назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [20, с.2] дорои иҷозатнома барои пешбурди корҳои сохтмонию васлгарӣ буда, фаъолият намуда истодаанд. Илова бар ин ширкатҳои ба истеҳсоли масолеҳи барои таъмини кори бефосилаи ин соҳа зарурбуда фаъолияти худро вусъат медиҳанд. Барои рушд ёфтани соҳаи мазкур чунин омилҳо ба мисли муътадил гаштани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, мавҷудияти захираҳои ашёи хоми маҳалии дар ин соҳа истифодабурдашаванда, захираҳои кадрӣ, рушди бозори хизматрасониҳои сохтмонӣ ва ғ. таъсири ҳалкунанда расониданд.

Соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз он ҷумла «саноат комплексҳои сохтмониро бо масолеҳи зарурӣ (семент, сангу шағал, қум, намудҳои гуоногуни ғишт, арматура, чӯбу тахта) воситаҳои нақлиёт, машинаҳои махсус ва механизмҳои иловагӣ, захираҳои сӯзишворӣ, қувваи барқ таъмин намуда» [32], барои баландбардории самаранокии фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ таъсири мустақим мерасонанд ва бо ин роҳ баландбардории дараҷаи рақобатнокии иқтисодиёти ҳар як кишвар ба даст меояд.

Вазъи кунунии системаи иттилоотии ширкатҳои сохтмонӣ талаб мекунад, ки хусусиятҳои ин соҳа ҳангоми ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ, ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, назорати дохилӣ ва баҳисобгирии андоз ба назар гирифта шаванд.

Истеҳсолоти сохтмонӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки бо аломатҳои фарқкунандааш ба мисли «истифодаи намудҳои махсуси масолеҳ, маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳои иҷрошаванда), шароити ғайристандартии меҳнат, таҷҳизот ва раванди махсуси технологӣ, давраи тӯлонии истеҳсолот, марҳила ба марҳила иҷрошавии корҳои сохтмонӣ аз дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ фарқ карда мешавад» [32]. Дар расми 1.3.1 ин хусусиятҳо муфассал муайян карда шудааст.

Дар муҳлати тӯлонӣ иҷро гаштани корҳои сохтмонӣ бо он асос мегардад, ки объектҳои сохташуда муддати дуру дароз мавриди истифода қарор мегиранд.



Расми 1.3.1. - Хусусиятҳои истеҳсолоти сохтмонӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Бомуваффақият ва дар вақти таъйиншуда, ҳамчунин бо сифати аъло анҷом додани корҳои сохтмонӣ бевосита ба ташкили самараноки кор дар давраи аввали шуруъи сохтмон вобаста аст. Омилҳои асосии ноил шудан ба ин мақсад аз инҳо иборатанд: ташкили анборҳо ва ҷойҳои бехатар барои

нигоҳ доштани масолеҳ, ташкили инфрасохтори маъмурӣ, бунёди роҳҳо, бунёд ва муҳайё кардани шароити интиқоли молу масолеҳ ва таҷҳизоти сохтмонӣ, тоза кардани майдони сохтмон, бунёди деворҳои муҳофизатии муваққатӣ, насб кардани панҷараҳо, аломатҳо ва таъмини шароити бехатари корӣ дар ҳамаи марҳилаҳои омодагӣ ва сохтмон, мутобиқгардонии ҳолати корӣ ба стандартҳои экологӣ ва кам кардани таъсири муҳити зист ва ғ.

Қадами аввал таҳлили муфассали ниёзҳои лоиҳаи сохтмонӣ мебошад. Навъ ва миқдори масолеҳ, муҳлати таҳвили онҳо, инчунин миқдори эҳтимолии камтарин ва баландтари масолеҳи сохтмониро дар анбор муайян кардан лозим аст. Хусусиятҳои ҳар як маводди сохтмониро ба назар гирифтан муҳим аст. Пешгӯйии ҳаҷми маводди захирашуда имкон медиҳад, ки ҷойгиршавӣ ва андозаи беҳтарини анборҳо интихоб карда шавад. Ҳангоми интихоби ҷой барои анборҳо, муҳим аст, ки дастрасӣ ба нақлиёт, наздикӣ ба майдони сохтмон ва тартибу қоидаҳои маҳаллӣ ба назар гирифта шавад. Баррасии равишҳои алтернативӣ (масалан, иҷораи анборҳои мавҷуда) метавонад нисбат ба сохтани анборҳои нав, махсусан барои лоиҳаҳои хурдтар ва муваққатӣ самараноктар бошад.

Нигоҳдории маводҳо низоми махсусро талаб мекунад, то ин ки бехатарии масолеҳи сохтмонӣ аз вайроншавӣ ва талафёбӣ таъмин гардад. Тамғагузорӣ ва феҳристи маводҳо барои ин ҷараён кори муҳим аст. Интихоби таҷҳизоти мувофиқи анбор (рафҳо, борбардорҳо) ба самаранокии кор бевосита таъсир мерасонанд. Татбиқи системаи баҳисобгирии мавод, ки қабул, нигоҳдорӣ ва истеъмолро пайгирӣ мекунад, барои пешгирӣ кардани талафот ё норасоии мавод нақши асосиро иҷро менамояд. Истифодаи низоми иттилоотии идоракунии анбор метавонад ин равандро хеле сода кунад.

Ба таври марҳилавӣ иҷро кардани корҳои сохтмонию васлгарӣ ва таъмирӣ дигар хусусияти соҳавии ширкатҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбад, яъне танҳо баъди ба охир расидани давраи пештара шуруъ кардани даври нави истеҳсолӣ ва корҳои махсус мумкин аст. Аз ин сабаб, ба таври оқилона

тақсим кардани коргарон бо дарназардошти ихтисоси онҳо ва ҷалби дигар захираҳои моддию техникӣ байни марҳила ва даврaҳои истеҳсолӣ амали ниҳоят муҳим ҳисоб меёбад.

Дар соҳаи сохтмон бар хилофи соҳаи саноат якчанд иҷрокунандаи корҳо ҷалб карда шуда, унсурҳои алоҳидаи маҳсулоти сохтмонӣ ба вуҷуд оварда мешаванд ва дар алоҳидагӣ онҳо ба фармоишгар фурӯхта мешаванд.

Кори сохтмон раванди мураккабест, ки ба назар гирифтани бисёр омилҳоро талаб мекунад. Яке аз ҷанбаъҳои муҳиме, ки ба натиҷаи хуби лоиҳаи сохтмонӣ таъсир мерасонад, ба инобат гирифтани шароити иқлим, табиию ҷуғрофӣ мебошад. Вобаста аз минтақа ин шароитҳо ба таври назаррас метавонанд аз ҳам фарқ кунанд ва мушкилоти беназирро зимни сохтмони объектҳо эҷод кунанд. Аз ин рӯ, усулҳо, техника ва технологияҳои махсус зимни бунёди объектҳо талаб карда мешавад. Ин шароитҳо метавонанд ба интихоби усулҳои сохтмон, масолеҳи истифодашаванда, муҳлат ва арзиши лоиҳа таъсир расонанд.

Ҳангоми пеш бурдани фаъолияти сохтмонӣ ҷудокунии чунин шароити табиию иқлим ва хусусиятҳои ба онҳо хос муҳим аст: сохтмон дар шароити иқлими сард; сохтмон дар шароити иқлими гарм ва хушк; сохтмон дар шароити намнок ва тропикӣ; сохтмон дар минтақаҳои аз ҷиҳати сейсмикӣ фаъол; сохтмон дар ноҳияҳои куҳсор. Вобаста ба шароитҳои зикршуда ба инобат гирифтани технология, масолеҳи истифодашаванда, омилҳо ва тарзи пешбурди корҳои сохтмонӣ, ба мисли: масолеҳи ба хунукию гармӣ тобовар; устувории хок; изолятсия барои муҳофизат аз гармӣ ва сардӣ; устувории таҳкурсӣ ва пойдеворҳо; таъмини об; логистика ва ҳамлу нақл; муқовимат ба заминларза; муқовимат ба барфу боронгарии зиёд ва зангзании маводҳои сохтмонӣ ва ғ. муҳим аст.

Шароити зикршуда сабаби нобаробар гаштани бузургии хароҷот барои як объекти сохтмонӣ дар минтақаҳои дорои иқлими гуногун мегардад. Бунёди объектҳои сохтмонӣ дар шароити мусоиди иқлим бо суръати баланд

пеш меравад, ки ин боз як хусусияти фарқкунандаи ин соҳа мебошад.

Индустрикунонии сохтмон бо тараққиёти саноат алоқамандии зич дорад. Дар шароити рушди ҳамбастаи соҳаи сохтмон бо соҳаҳои саноат индустрикунонии сохтмон раванди дар индустрияи бинокорӣ ҷорӣ намудани усулҳо ва принсипҳои истеҳсолоти саноатиро ифода менамояд. Ба ҷои меҳнати анъанавии дастӣ истеҳсоли оммавии унсурҳои бинокорӣ блокҳои тайёр, панелҳо, конструксияҳо дар ширкатҳои саноатӣ тайёр карда шуда, онҳо ҳамчун маҳсулоти нимтайёр ба майдони сохтмон оварда мешаванд. Ин амалҳо рафти корҳои сохтмониро осон намуда, ба сарфаи вақти иҷрои корҳо, баландшавии сифат ва коҳишёбии хароҷот метавонад мусоидат кунад.

Бунёди иншоотҳои муосири замонавии дорои хусусиятҳо ва таъиноти шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ буда раванди мураккабе мебошад, ки иҷро кардани корҳои зиёд ва ташкил кардани инфрасохтори иловагиро талаб мекунад: низоми таъмини барқ, таъмини гармӣ ва об, роҳравҳо, гулгаштҳо, равшаннамоӣ, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, истгоҳи мошинҳо ва ғ. Ҳар як марҳилаи бунёди корҳо нақшакашии бодиққат, ҳамоҳангсозӣ ва назорати қатъиро талаб мекунад. Ин корҳо на танҳо намуди зоҳирии маҷмаа, балки ҳузуру ҳаловати сокинон ва истифодабарандагони ин шабакаҳоро афзун мегардонад. Риояи марҳилаҳои сохтмон на танҳо сифат ва бехатарии маҳсулоти ниҳоӣ, балки хароҷот ва вақти сохтмонро муносиб мегардонад.

Қобили зикр аст, ки ҳамаи хусусиятҳои зикргардида дар интихоби усули амалигардонии сохтмони объектҳо ба инобат гирифта мешавад. Яке аз усулҳои маъмули пешбурди корҳои сохтмонӣ ин истифодабарии усули хоҷагӣ мебошад. Танҳо он ширкатҳои сохтмоние аз ин усул истифода бурда метавонанд, ки онҳо дар шакли маҷмаа бунёд ёфта бошанд ва имкониятҳои иҷро кардани ҳама гуна корҳои сохтмонию васлгариро бо қувваи худ доранд. Маҷмааи сохтмонӣ, ки дар худ субъектҳои зиёдеро барои иҷро кардани корҳои сохтмонӣ, васлу насби таҷҳизоти барқӣ, корҳои дохили иншоот, таъмини об, гармӣ, ҳавотозакунӣ ва ғ. муттаҳид мегардонад, идоракунии

махсусро талаб мекунад. Амалияи байналмиллалӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ширкатҳои дар шакли маҷмаа бунёдёфта идоракунии ғайримарказонидашуда бартарӣ дошта, ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи ҳар як зерсохтор (сегмент) тавсия карда мешавад.

Саноатикунонии соҳаи сохтмон яке аз падидаҳои муҳимми иқтисодиёти замони ҳозира ҳисоб меёбад. Сабаби асосии саноатикунонии соҳаи сохтмон рушди устувори он ва баланд шудани даромаднокии ширкатҳои соҳа мебошад. Саноатикунонии иҷроиши корҳои сохтмонӣ маънои онро дорад, ки барои таъмини муттасилии раванди сохтмон қариб ҳамаи соҳаҳои саноат дар рафти он иштирок менамоянд.


Самтҳои саноатикунонии соҳаи сохтмонро Вандина О.Г. чунин муайян кардааст: «гузаронидани қисми технологии истеҳсолот аз майдони сохтмонӣ ба шароити статсионарии истеҳсолӣ; беҳтаргардонии қарорҳои технологии лоиҳавии бино ва иншоот, башаклҷудокунӣ ва воҳидгардонии онҳо; истеҳсоли механиконидашудаи силсилавии конструксияҳо, деталҳо ва маснуот дар заводҳои дорои суръати баланди истеҳсолӣ буда; иҷроиши механиконидашудаи силсилавии амалиёт ва равандҳои бунёди биноҳо ва иншоот; дастраскунии маводҳои сохтмонӣ ва конструксияҳо бо мақсади таъмини бефосилаи истеҳсолоти корҳои сохтмонӣ» [24, с. 42].

Аз омӯзиши амалияи ширкатҳои соҳаи сохтмон ба хулосае омадан мумкин аст, ки саҳми дигар соҳаҳои иқтисодиёт (саноат, истихроҷи маъдан, нақлиёт, чӯбу тахта) дар таъмини рушди он хеле назаррас аст. «Саҳми соҳаи саноат дар таъмини масолеҳи сохтмонӣ беш аз 50%, соҳаи фулузот ва чӯбу тахта – 20%, саноати машинсозӣ зиёда аз 9%-ро ташкил медиҳанд. Дар иҷроиши корҳои сохтмонӣ қариб ҳама намуди воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти сохтмонию васлгарӣ истифода бурда мешавад. Бузургии хароҷоти нақлиётӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи сохтмон камтар аз 20 фоизро ташкил медиҳад» [24, с. 42].

Бо тағйир ёфтани низоми маъмурӣ-идоракунӣ пас аз пошхӯрии давлати

собиқ Шуравӣ табдилёбии шакли моликиятдорӣ ба миён омада дар қатори ширкатҳои давлатӣ ширкатҳои хусусии сохтмонӣ пайдо шудан гирифт, ки ин ҳолат ба рушди маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ мусоидат намуд. Айни замон саҳми маҳсулоти истеҳсолмекардаи комплекси сохтмонӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат 10%-ро ташкил медиҳад. Шумораи қувваи кории ба ин соҳа ростоянда ба 101,9 ҳазор нафар [21] баробар аст, ки ин 4,04%-и маҷмуи умумии қувваи кории дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ коркунандаро ташкил медиҳад.

Марҳила ба марҳила иҷро кардани корҳои сохтмонӣ яке аз хусусиятҳои фаъолияти сохтмонӣ мебошад. Дар рафти сохтмон се марҳилаи асосиро ҷудо кардан мумкин аст (расми 1.3.2). Барои ҳар як марҳила вазифаҳо ва функсияҳои асосии он равшан муайян карда шудааст.



Расми 1.3.2. - Марҳилаҳои рафти сохтмон
Манбаъ: *[24, с. 43]*.

Марҳилаи аввал омодакунии истеҳсолоти сохтмониро дар бар гирифта он дар якчанд самт сурат мегирад. Дар ин марҳила корҳо вобаста ба таҳлили техникӣ-муҳандисӣ, лоиҳакашии объекти сохтмонӣ, таҳқиқи техникӣ-

иқтисодии мақсаднокии лоиҳаи сармоягузорӣ анҷом дода мешавад. Минбаъд, тамоми маҷмуи корҳои омодагӣ оид ба тоза кардани майдони сохтмон ва даромадгоҳҳо барои таҷҳизоти махсус, омодакунии коммуникатсияҳои гуногун гузаронида мешавад. Пас аз анҷоми ин корҳо худи сохтмони объект оғоз мешавад. Баҳамории тамоми унсурҳои технологӣ, иҷроиши корҳои бинокорӣ, меъморӣ ва сифат аз ҷумлаи корҳои асосии сохтмон буда, хароҷоти маҷмуии воқеии объекти сохтмониро ташкил медиҳад. Гузаронидани корҳои санҷишӣ-қабулкунӣ, ба истифода додани иншооти баитмомрасида, супоридани объект ба фармоишгар ва харидорон ҳамчун марҳилаи охирини рафти сохтмон эътироф карда мешавад.

Дар мавриди амалинамоии даври истеҳсолоти сохтмонӣ, ки дар расми 1.3.2 мо тартиби иҷроиши он ва корҳои анҷомдодашавандаро дар доираи он нишон додем, барои ташаккули натиҷаҳо ва омилҳои зикршудаи фаъолияти хоҷагидорӣ шароит фароҳам меояд, яъне гирдгардиши сармоя амалӣ мегардад.

Ногуфта намонад, ки зимни амалигардонии даври такрористеҳсол бо иштироки омилҳои истеҳсолот ва дигар захираҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва кадрӣ хароҷоти ширкати сохтмонӣ ташаккул меёбад. Хароҷоти ширкати сохтмониро, ки дар рафти истеҳсолот ба амал меояд, дар маҷмуъ, ба якбора (яквақта) ва ҷорӣ тақсим намудан мумкин аст. Ба намуди аввал номбаршуда он хароҷоте нисбат дода мешавад, ки ҳангоми ҷалб намудани воситаҳои асосӣ ва дигар воситаҳои дарозмуддате, ки муддати тӯлонӣ дар ширкати сохтмонӣ истифода бурда шуда, дар бунёди якчанд объектҳои сохтмонӣ итирок менамоянд, ба амал меоянд. Дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ, зимни тасниф намудани хароҷоти ширкат хароҷоти яквақтаро вобаста ба хусусияти онҳо хароҷоти собит, ё ин ки хароҷоти саромояшаванда низ меноманд.

Зери мафҳуми хароҷоти ҷорӣ, аслан хароҷоти ҳамарӯзаи ширкати сохтмонӣ, ки барои башаклдарории объекти сохтмон нақши асосиро


мебозанд, дар назар дошта мешавад. Инҳо: хароҷоти музди меҳнат, хароҷоти ашёҳои зарурӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва ғ. мебошанд. Дар фанни баҳисобгирии идоракунӣ ин гуна хароҷотро хароҷоти тағйирёбанда ва хароҷоти мустақим меноманд ва барои ширкати сохтмонӣ низ ба чунин тарз тасниф кардани онҳо мувофиқ мебошад.

Мақсад аз пешниҳоди фаҳмиш дар бораи хароҷоти ширкати сохтмонӣ аз он иборат аст, ки тавассути таснифоти дурусти хароҷот ва баҳисобгирии аниқи онҳо имконияти ба таври дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии объектҳои сохташуда ва корҳои сохтмонии иҷрошуда ба миён меояд. Арзиши аслӣ, ки дар асоси маҷмӯи хароҷоти бевоситаи дар объекти сохтмонӣ сарфшуда ҳисоб карда мешавад, нишондиҳандаи муҳимтарини фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати сохтмонӣ буда, бузургии он ба натиҷаҳои молиявии корхона таъсири мустақим мерасонад. Зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ ҳамаи хароҷоти яквақта ва ҷории ба сохтмони объектҳо алоқаманд ба инобат гирифта мешавад.

Дар шароити имрӯза зимни бунёди объектҳои сохтмонӣ ду тарзи (усулҳо)-и паҳншудаи иҷроиши корҳои сохтмонӣ – *усули хоҷагӣ ва усули паймонкорӣ (пудратӣ)* истифода бурда мешавад. Дар расми 1.3.3 механизми ҳамкории фармоишгар, паймонкори асосӣ, зерпаймонкорон (иҷрокунандагони корҳои алоҳида), ки ҳангоми амалигардонии сохтмон бо усули паймонкорӣ иштирок мекунанд, нишон дода шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки расми 1.3.3 дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои диссертатсионии Серебренникова И.В., Вандина О.Г. Зиновьева А.А. ва дигарон тартиб дода шуда, моро водор менамояд, ки андешаҳои худро оид ба усулҳои пешниҳодкардаи ин олимони рус баён дорем. Вандина О.Г. ва Зиновьева А.А. дар баробари ду усули маъмулӣ боз усули сеюм (усули «сохтмон бо қулфу калид»)-ро пешниҳод намудаанд, ки ба андешаи мо он қобили қабул нест. Чунки «сохтмон бо қулфу калид» на ин ки усули иҷроиши корҳои сохтмонӣ, балки яке аз шартҳои созишнома бо фармоишгар

ё харидор мебошад. Сохтмон бо қулфу калидро метавон ҳам бо усули хоҷагӣ ва ҳам бо усули паймонкорӣ анҷом дод. То ҷое ки мо медонем ва ин дар адабиётҳои илмию таълимӣ собит шудааст, зимни амалигардонии сармоягузориҳои дарозмуддат (бунёд кардани объектҳои сохтмонӣ) аслан аз ду усули маъмулӣ (усули хоҷагӣ ва усули паймонкорӣ) кор гирифта мешавад. Серебренникова И.В. ва дигар олимон андеша доранд, ки усули сеюм – «омехта» низ барои иҷрои корҳои сохтмонӣ вуҷуд дорад, ки дар амалия истифодабарии ин усул хеле кам мушоҳида мешавад. Яъне, он пеш бурдани корҳои сохтмониро бо истифода аз унсурҳои ҳам усули хоҷагӣ ва ҳам усули паймонкорӣ дар назар дорад.



Расми 1.3.3. - Усулҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ

Манбаъ: *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт [24, с. 43; 38, с. 36-37; 66, с. 46] таҳия намудааст*

Ширкатҳои сохтмоние, ки бо усули паймонкорӣ, корҳои сохтмониро анҷом медиҳанд, дорои пойгоҳи устувори моддӣ-техникӣ ва захираҳои кадрӣ буда, корҳоро дар муҳлатҳои муқарраргардида метавонанд иҷро кунанд. Дар шароити имрӯза чунин тарзи пешбурди кор дар бозори сохтмонӣ афзалият дорад.

Чи тавре ки қайд карда шуд, зимни амалигардонии корҳои сохтмонӣ бо тарзи паймонкорӣ то саршавии корҳои сохтмонӣ, аввалан шартномаи тарафайн бо иштироки фармоишгар ва ширкати паймонкории генералӣ баста мешавад. Сипас, паймонкори генералӣ дар доираи уҳдадориҳои қабулнамудааш ба иҷро кардани корҳои сохтмонӣ бо дарназардошти имкониятҳои техникию технологӣ ва истеҳсолии худ шуруъ менамояд. Паймонкори генералӣ, метавонад барои иҷро кардани корҳои муайян, иҷро кардани марҳилаҳои алоҳидаи корҳои сохтмонӣ паймонкорони иловагиро ҷалб намояд, ки оид ба иҷро кардани марҳилаҳои алоҳидаи корҳои сохтмонӣ бо онҳо шартномаҳо дар алоҳидагӣ мебандад. Дар шартномаҳо базаи таъминоти моддию техникӣ, ҳаҷми корҳои иҷрошаванда, вазифа ва масъулияти тарафҳо, меъёри иҷрои корҳои бинокорӣ, бо кадом технология ва кадом намуди ашёҳо бунёд гаштани кор, инчунин қоидаҳои маблағгузории корҳои сохтмонии иҷрошуда қатъиян муайян карда мешавад.

Бо роҳ мондани корҳои сохтмонӣ ва таъмирию васлгарӣ бо усули хоҷагӣ зимни мавҷуд будани ҳолатҳои муайян амалӣ карда мешавад. Ин усул дар мавридҳое истифода бурда мешавад, ки агар объекти сохташаванда бузург ва мураккаб набошад, яъне он хаҷми калон ва инфрасохторҳои гуногунро дар бар нагирад. Ҳамчунин имкониятҳои фармоишгар фарох бошад, яъне дар ихтиёри худ, мутахассисони дорои касби бинокорию муҳандисӣ, техникаҳои сотмонӣ, автомбилҳо, яъне дар маҷмуъ дорои зерсохторе бошад, ки аз уҳдаи иҷрои корҳои сохтмонӣ ба осонӣ баромада тавонад.

Ҳар ду усули зикршудаи иҷрокунии корҳои сохтмонӣ дорои бартарӣ ва

камбудиҳои муайян мебошанд. Сохтмон бо усули паймонкорӣ бартариҳои назаррасро ба монанди дастрасӣ (ҳамкорӣ) бо иҷрокунандаи касбии ботаҷриба, истифодаи самараноки захираҳо, интиқоли хавфу хатарҳо ба иҷрокунандаи кор, муайян будани арзиш, сарфаи вақт, идоракунии ботаҷриба, кафолати сифат ва хизматрасонии баъди сохтмон ва ғайраро дорад Дар баробари бартариҳо усули паймонкорӣ дорои як қатор камбудиҳо мебошад, аз он ҷумла: аз даст додани назорати рафти иҷрои лоиҳа, афзоиши хароҷот ва вобастагӣ аз эътимоднокии паймонкор. Барои фармоишгар муҳим аст, ки ҳангоми интихоби усули иҷрокунии корҳои сохтмонӣ ин омилҳоро бодиққат ба инобат гирад ва барои бомуваффақият анҷом додани кор механизмҳои возеҳи ҳамкориҳо ва назоратро таъсис диҳад. Ҳамчунин, интихоби усули паймонкорӣ аз ҳолатҳои мушаххаси лоиҳа, имкониятҳои молиявии фармоишгар, муҳлатҳо ва сифати пешбинишудаи кор вобаста аст.

Усули хоҷагии иҷро кардани корҳои сохтмонӣ дорои ин гуна нуқсу норасогиҳо мебошад: набудани дониш ва таҷрибаи махсус дар сохтмон; ташкил кардани тамоми марҳилаҳои сохтмон, аз ҷумла харидани масолеҳ, ба кор ҷалб кардани коргарон ва идора кардани раванди сохтмон метавонад ба таври мушкил сурат гирад ва вақтталаб бошад; набудани таҷриба боиси кашол ёфтани сохтмон ва зиёд шудани муҳлати анҷом додани он мегардад; масъулият барои тамоми ҷанбаҳои сохтмон, аз ҷумла хатоиҳо ва оқибатҳои эҳтимолӣ ба дӯши фармоишгар мегузарад, эҳтимоли хароҷоти ғайричашмдошт аз сабаби хатоиҳо дар банақшагирӣ ё иҷрои кор ба миён меояд.

Бо вуҷуди ин, усули хоҷагӣ дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, аз он ҷумла: сарфа кардани муҳлате, ки барои ҷустуҷӯйи паймонкорони гуногун ва бастани созишномаҳо бо онҳо нигаронида мешавад; баланд бардоштани шавқу рағбати ҳайати коргарон ва кормандони роҳбарикунандаи ширкати амалкунанда дар баланд бардоштани суръат ва сифати корҳои сохтмону васлгарӣ. Сохтмон бо усули хоҷагӣ дар сурате фоиданок ва самарабахш буда

метавонад, ки агар фармоишгар дониш, таҷриба ва захираҳои зарурӣ дошта бошад. Дар акси ҳол, ин боиси зиёд шудани хароҷот ва паст шудани сифати сохтмон мегардад.

Хуллас, ҳар як усулҳои амалигардонии сохтмон дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонанд.

Усули паймонкорӣ. Ҳамаи шартномаҳои бо паймонкорон басташударо ба ҳисоб гирифта, иҷрои онҳо ва дар сари вақт пардохтани онро назорат кардан лозим аст. Назорати пардохтҳо ба паймонкорон ва ба сметаи умумии лоиҳа дохил кардани онҳо муҳим аст. Фаъолияти паймонкорон ва риояи онҳо ба талаботи шартномаро таҳлил кардан лозим аст.

Усули хоҷагӣ. Баҳисобгирии тамоми хароҷоти дохилии бо иҷрои корҳо алоқамандро (музди меҳнати кормандон, масолеҳ, истеҳлоки таҷҳизот ва ғ.) газаронидан зарур аст. Истифодаи захираҳои худӣ ва самараи онҳоро назорат кардан муҳим аст. Ҳамаи марҳилаҳои корро бодиққат ба нақша ва ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Интихоби усули иҷрои корҳои сохтмонӣ ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад:

1. Сохтори хароҷот. Бо усули паймонкорӣ хароҷот пеш аз ҳама бо пардохти хизмати паймонкорон алоқаманд аст, дар ҳоле ки бо усули хоҷагӣ қисми зиёди хароҷот хароҷоти дохилиро ташкил медиҳад. Новобаста аз он ки сохтмон бо кадом усул ба роҳ монда мешавад, ҳама гуна хароҷоти ба бунёди объектҳои дарозмуддат алоқаманд, ҳамчун хароҷоти сармояшаванда бояд эътироф карда шавад.

2. Назорат ва ҳисобот. Усули паймонкорӣ системаи мураккаби назорат ва ҳисоботдиҳиро аз рӯйи шартномаҳо талаб мекунад, дар сурате, ки усули хоҷагӣ ҳисоби муфассали хароҷоти дохилиро дар назар дорад.

3. Банақшагирӣ ва буҷет. Бо усули паймонкорӣ ба нақша гирифтан ва назорат кардани муҳлат ва сифати корҳое, ки ширкатҳои паймонкорӣ иҷро

мекунанд муҳимтар аст. Бо усули хоҷагӣ бошад, ба ғайр аз назорати сифати корҳои сохтмонӣ самаранокии кор ва сарфакорона истифода бурдани захираҳои худӣ (масолеҳ, қувваи корӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ) аҳамияти калон дорад.

4. Таҳлили самаранокӣ. Дар ҳар ду маврид самараи корро таҳлил кардан лозим аст. Бо усули паймонкорӣ ба баҳо додан ба кори паймонкорон ва бо усули хоҷагӣ ба самараи дохилӣ диққати калон дода мешавад.

Хулоса, интихоби усули сохтмон – *паймонкорӣ ва хоҷагӣ* ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсири калон мерасонад. Хусусиятҳои ҳар як усулро ба назар гирифта, системаи баҳисобгирии идоракуниро мувофиқи он мутобиқ кардан лозим аст, то ки идоракунии самараноки объектҳои сохтмонӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои ба миён гузошташуда таъмин карда шавад. Баҳисобгирии босамари идоракунӣ имкон медиҳад, ки хароҷот муносиб гардонида шуда, сифат ва муҳлати корҳо зери назорат гирифта шавад, ки дар ниҳояти кор онҳо ба татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои сохтмон мусоидат мекунанд.

Хулоса аз рӯйи боби 1-ум

1.Дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари олимони соҳаи баҳисобгирӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии идоракунӣ як низоми иттилоотии дохилӣ мебошад, ки вобаста ба соҳаи фаъолияти ширкат маълумотро барои қабули қарорҳо бо хусусият ва бузургиҳои муайян ба менеҷерҳои сатҳи гуногун таъмин менамояд. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ ва ҳамчун соҳаи таҳқиқот унсури муҳим дар низоми идоракунии ширкат ҳисоб ёфта, василаи муттаҳидкунандаи раванди идоракунӣ ва назорат бо раванди баҳисобгирӣ мебошад. Аксари маълумоти дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ омодашуда, бояд ҳама гуна мушкилоти субъекти иқтисодиро ҳал кунанд. Ин гуна маълумот, заминаи асосӣ барои назорати фаъолияти зерсохторҳо ва қабули қарорҳо аз ҷониби менеҷерҳои ширкати сохтмонӣ мегарданд.

2. Таҳқиқи асосҳои назариявию методологии назорат ба мо имкон дод чунин хулоса барорем, ки татбиқи низоми босамари назорати дохилӣ дар ширкати сохтмонӣ ҳамчун сармоягузорие мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият, истифодабарии босамари захираҳо, кам кардани хатарҳо, эътимоднокӣ ва шуҳрати ширкат кӯмаки амалӣ мерасонад; назорати дохилӣ дар асоси буҷетҳои таҳияшуда ва харҷномаҳои тасдиқшуда ба иҷро расонида шуда, аслан ба таҳлили руйдоду падидаҳои гузашта, вазъи ҷорӣ ва таъмини рушди ояндаи субъекти иктисодӣ нигаронида шудаст; дар натиҷаи татбиқи васеи низоми назорат самаранокии кори ширкат дар ҳамаи самтҳо таъмин хоҳад гашт; назорати дохилӣ дар интихоби кадр ва баландбардории сифати идораи кадрҳо кӯмаки амалӣ хоҳад расонд.

3. Истеҳсолоти сохтмонӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки бо аломатҳои фарқкунандааш ба мисли истифодаи намудҳои махсуси масолеҳ, маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳои иҷрошаванда), шароити ғайристандартии меҳнат, таҷҳизот ва раванди махсуси технологӣ, давраи тӯлонии истеҳсолот, ба таври марҳилавӣ ва пайдарпай иҷрошавии корҳои сохтмонӣ аз дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ фарқ карда мешавад. Хусусиятҳои соҳаи сохтмон, усулҳои татбиқи корҳои сохтмонӣ, истифодабарии техникаю таҷҳизоти махсус ва ҷалби кадрҳои дорои ихтисосҳои гуногун зимни баҳисобгирии даромад ва хароҷоти ширкатҳои сохтмонӣ таъсири худро мегузоранд. Бинобар ин, низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ дар баробари қоидаҳои умумии муқарраршуда, ки нисбати дигар ширкатҳо истифода мешаванд, дар вақти ба ҳисоб гирифтани корҳои сохтмону васлгарӣ хусусиятҳои алоҳидаро ба худ касб мекунанд.

БОБИ 2. БАҲОГУЗОРИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОҲАИ СОХТМОН

2.1. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон

Шарти муҳимтарини ноилгардии ширкати сохтмонӣ ба таъмини рушди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ин ташкили низоми иттилоотӣ-таҳлилие мебошад, ки дар доираи он баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан баҳисобгирии идоракунӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Объектҳои муҳимтарине, ки оид ба онҳо низоми баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти фоиданокро тайёр менамояд, равандҳо оид ба хароҷот, даромад, натиҷаҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, банақшагирӣ ва ғ. ҳисоб меёбанд. Баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ самти муҳимтарини кори низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб ёфта, ахбороти дар доираи он тайёркардашуда заминаи асосии қабули қарорҳои идоракунӣ мебошанд.

Идоракунии ширкати сохтмонӣ дар сурате самаранок мегардад, ки «дар он низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии мукаммале бунёд шуда бошад ва дар доираи он иттилооти санҷидашуда ва таҳлилшудаи саҳҳеҳ омода гардида ба менеҷерҳои субъекти иқтисодӣ пешниҳод гардад» [34]. Ин гуна иттилоот дар чаҳорчӯбаи низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ки онро ҳамчун унсури ҷудонопазири низоми идоракунии ширкат номидан мумкин аст, тайёр карда мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ин системаест, ки татбиқи он дар ширкат бо роҳи боҳамалоқамандгардонӣ ва пайдарпай иҷрошавии амалҳои махсус оид ба бақайдгирии рӯйдодҳои хоҷагӣ ва коркарди онҳо талаб карда мешавад. Раванди баҳисобгирии идоракунии амалиётҳои хоҷагӣ дар ширкати сохтмонӣ аз амалҳои пайдарпай иборат аст, ки намунаи он дар расми 2.1.1 нишон дода шудааст. «Ин раванд аз қабули фармоишҳо гузориши вазифаҳо, банақшагирӣ, бақайдгирии иттилооти зарурӣ, таҳлили иттилооти

қабулкардашуда, гурӯҳбандии маълумот, таҳлил, назорат, қабули қарорҳо, омодакунии ҳисоботи идоракунӣ ва супоридани объект ба фармоишгар иборат аст» [32].




Расми 2.1.1. - Раванди пайдарпай иҷрошавии амалҳое, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунии ширкати сохтмонӣ анҷом дода мешавад

Манбаъ: *дар асоси омӯзиши адабиёт [183] тартиб дода шудааст.*

Татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст: хусусияти соҳа, шакли моликиятдорӣ, доираи фаъолият, андозаи он, талаботи иттилоотии идоракунандагон, имкониятҳои техникӣ ва ғ.

Дар ширкатҳои сохтмонӣ мисли дигар субъектҳои иқтисодӣ ташкили баҳисобгирии идоракуниро бо баҳисобгирии молиявӣ дар якчанд равиш амалӣ кардан мумкин аст, ки дар шакли сода онҳо чунин нишон дода мешаванд (расми 2.1.2)



Расми 2.1.2 - Равишҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар корхона

Манбаъ: *адабиёти [24 с. 119]*

Аз рӯйи тасвирҳои дар расми 2.1.2 овардашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро бо се равиш дар ширкат ташкил кардан мумкин аст: якум, дар алоҳидагӣ; дуюм, дар ҳамбастагӣ бо ҳам ва сеюм, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ.

Дар равиши аввал ҳар ду низом дар алоҳидагӣ пеш бурда мешавад, ки баҳисобгирии думаротибагии амалиётҳои хоҷагӣ ва мувофиқан хароҷоти иловагиро талаб мекунад.

Дар усули дуюм робитаи мустақим байни ду намуди баҳисобгирӣ дида мешавад, ки сабаби он дар хусусияти умумӣ доштани баъзе аз маълумотҳо дар баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ буда, онҳо як бор ба қайд гирифта мешаванд.

Мувофиқи равиши сеюм, баҳисобгирии мухосибӣ як низоми мураккабро ташкил мекунад ва баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷумлаи унсури таркибии он ба шумор меравад. Ба андешаи мо равиши сеюмро низ як системаи амалӣ эътироф кардан мумкин аст, чунки дар доираи низоми иттилоотии мавҷуд буда (баҳисобгирии муҳосибӣ) амал кардани баҳисобгирии идоракунӣ кори

манфиатнок ҳисоб меёбад, чи тавре ки олимон қайд менамоянд, «…иттилоот барои истифодабарандагони дохилӣ ҷузъи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳисоб меёбад ва дар ин замина, иттилооти баҳисобгирии идоракуниро аз доираи баҳисобгирии муҳосибӣ мумкин аст берун кашид» [41, с. 37].

Дар шароити рақобати баланди бозорӣ дар соҳаи сохтмон ташкили дурусти боҳамалоқаманди баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ яке аз равишҳои муносиби кори менеҷменти ширкати сохтмонӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди он ки онҳо вобаста ба мақсадҳои иттилоотиашон дорои таъиноти гуногун мебошанд, татбиқи боҳамалоқаманди онҳо омили асосии муваффақиятҳои ширкати сохтмонӣ ва осонии кори муҳосибот маҳсуб меёбанд. Новобаста ба ҳадафҳои гуногун доштани баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ боҳам вобастакунии ин низомҳо амали ногузир ва ниҳоят муҳим мебошад, ба он хотир ки қисми хеле зиёди маълумоти аввалия аз як манбаъ нусхабардорӣ мешаванд. Яъне нуқтаи асосии боҳамалоқамандии онҳо дар як ҷанбаъ – ҳуҷҷатҳои аввалия бармехӯрад. Масалан, воридшавии маводи сохтмониро борхат ё ин ки дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда собит менамояд. Он барои баҳисобгирии молиявӣ дуруст тартиб додани ҳисоб-фактураи андоз аз арзиши иловашуда, муайянкунии бақияи масолеҳҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва дигар феҳристҳои баҳисобгирӣ муҳим аст. Барои баҳисобгирии идоракунӣ бошад, борхати масолеҳи қабулшуда далели воқеии масолеҳи воридшуда ба майдони сохтмон (ҳатто агар ҳуҷҷати он ворид ҳам нашуда бошад), санҷиши мувофиқ будани нархи он бо буҷет (смета)-и лоиҳа ва муайянкунии мансубияти он ба кор ё марҳилаи муайяни сохтмон (масалан, хиштчинии деворҳои ошёнаи 3-юм) бисёр муҳим аст. Яъне, чи тавре ки мебинем, маълумоти як ҳуҷҷат бо ҳадафҳои гуногун дар ин ду низоми баҳисобгирӣ коркард ва таҳлил карда мешаванд.

Дигар нуқтаи боҳамалоқамандии онҳо дар баҳисобгирии хароҷоти ширкати сохтмонӣ ва раванди ҳисобкунии арзиши аслии объектҳои сохтмонӣ

зоҳир мегардад. Зимни баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ як ҳисоби муҳосибӣ (масалан “Истеҳсолоти нотамом”) метавонад истифода бурда шавад, аммо дар баҳисобгирии молиявӣ муайянкунии хароҷоти умумии истеҳсолот, соқиткунии арзиши корҳо ва марҳилаҳои иҷрошуда, ҳамчунин ҳисоби баҳияи истеҳслоти нотамом, ки барои ҳисоботи молиявӣ заруранд, муҳим мебошанд. Аммо барои баҳисобгирии идоракунӣ, ки ҳамон як манбаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро истифода менамояд, муҳимтар аз ҳама муайянкунии арзиши аслии корҳои сохтмонӣ аз рӯйи марҳилаҳо ва объектҳои алоҳида, интихоби пояи муносиб барои тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим байни объектҳои арзишмуайянкунӣ, таҳлили хароҷоти воқеӣ бо буҷет (смета), ошкоркунии майлкуниҳо, муайянкунии таносуби бузургии корҳои иҷрошуда бо фоизи техникии омодашавии объекти сохтмонӣ ва ғ. мебошад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунӣ он намудҳои иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад, ки барои роҳбарони ширкат бо мақсадҳои идоракунии дохилӣ ва равандҳои алоҳидаи истҳсолоти сохтмонӣ заруранд.

Таъмини ниёзҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ширкати сохтмонӣ, зерсохторҳои он ва равандҳои тиҷоратии алоҳида барои таҳияи қарорҳои самараноки идоракунӣ ва молиявӣ, назорати иҷроиши онҳо, ноилгардӣ ба натиҷаҳои дилҳоҳи ширкат равона мегардад.

Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон вобаста ба хусусиятҳои соҳавии он ба роҳ монда шуда, пешбурди он дар чор марҳила ба амал бароварда мешавад: (1) «Марҳилаи тартиб додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ. Дар ин марҳила вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: муайян намудани арзиши шартномавии объект; муайян намудани манбаъҳои маблағгузорӣ; таъминоти модию техникӣ; муҳлати супоридани объект; муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ; (2) Марҳилаи истеҳсолӣ - дар он масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ба роҳ монда шуда,

тамоюлҳо ошкор карда мешаванд; (3) Марҳилаи таҳлилӣ – дар рафти он сабабҳои тамоюлҳои асосии ба вуҷуд омада ва роҳҳои бартарафкунии онҳо муайян карда мешаванд; (4) Марҳилаи қабули қарорҳои идоракунӣ, ки дар он масъалаҳои дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ барои тамоюлҳо аз арзиши шартномавии объект ҳал карда мешаванд» [32].

Акнун оид ба ин марҳилаҳои зикршудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ тафсилоти бештарро пешниҳод менамоем.

Арзиши шартномавии объекти сохтмон дар шартномаи сохтмон муайян карда мешавад ва «онро метавон чунин ҳисоб кард: а) дар асоси арзиш (нарх)-е, ки тибқи лоиҳа муайян карда мешавад (нархи собит), бо дарназардошти нуктаҳои дар шатрномаи сохтмонӣ қайдшуда оид ба тартиби тағйир додани онҳо; б) дар заминаи ҷуброни хароҷоти воқеии сохтмон, илова ба фоидаи муайяншуда, ки дар шартномаи сохтмонӣ (нархи мувофиқашуда) муайян карда мешавад» [32].

Масъалаҳои баҳогузории арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ дар Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон» низ ба таври умумӣ дарҷ ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки то якуми январи соли 2018 барои баҳисобгирии амалиётҳо марбут ба баҳодиҳии корҳои сохтмонӣ, баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо аз шартномаҳои сохтмонӣ бо СБҲМ 11 «Шартномаҳо оид ба сохтмон» ба танзим дароварда мешуд. Аз санаи зикршуда фаъолияти ин стандарт қатъ гардида, ба ҷойи он СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон» [19] аз ҷониби Шурои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ қабул карда шуд. Дар ин стандарт муқарраркунии тартиби баҳисобгирии даромади амалиётӣ ва хароҷоти алоқаманд бо шартномаҳо оид ба сохтмон баррасӣ гардидааст. Дар банди 97 стандарти мазкур ҳайати моддаҳои хароҷот, ки ба арзиши аслии объекти сохтмонӣ ҳамроҳ карда мешавад, муқаррар карда шудааст:

«Хароҷоте, ки бевосита ба шартномаи сохтмонӣ ё лоиҳаи мушаххас

тааллуқ дорад, инҳоро дар бар мегиранд: а) хароҷоти мустақим ва ғайримустақими меҳнатӣ; б) хароҷоти мустақим ва ғайримустақими маводҳо; в) хароҷоти ташкили истеҳсолот, идоракунӣ ва назорати шартнома, суғурта ва фарсудашавии мошину таҷҳизот, ки ба ҳамин объект таалуқ доранд; г) хароҷоте, ки аз ҷониби харидор ҷуброн карда мешавад; д) дигар хароҷот, ки танҳо дар натиҷаи бастани шартнома ба амал омадаанд (масалан, пардохтҳо ба паймонкорони тобеъ – субподрядчикҳо)» [19].

Таҳлили ҳайати моддаҳои хароҷоти ба арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ соқитшаванда, ки дар СБҲМ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, нишон медиҳад, ки аз рӯйи таъйинот онҳо якхелаанд. Лекин зимни ҳисобкунии арзиши корҳои сохтмонӣ ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим меояд иҷроиши талаботи санадҳои меъёрии дохилиро дар мадди аввал гузоранд ва танҳо пас аз пайдо гаштани номуайянӣ дар муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ метавонанд ба бандҳои СБҲМ иктифо намоянд. Зеро, қабули объектҳои сохташаванда аз ҷониби фармоишгари сохтмон ва мақомоти салоҳиятдор бо дарназардошти риояи мееъёрҳои техникӣ-иқтисодии дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

Ин ҷо як нуктаи бисёр муҳимро илова кардан лозим аст, ки дар банди 98 СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон» [19] номгӯйи хароҷоте, ки ба арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ бояд ҳамроҳ карда нашаванд ва онҳо ҳамчун хароҷоти ҷорӣ эътироф шаванд, чунин муайян карда шудааст:

Зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ «аз масрафоти раванди корҳои сохтмонӣ дар доираи иҷрои лоиҳаҳо он хароҷоте хориҷ карда мешавад, ки наметавонанд ба объекти мушаххас ё шартномаи муайян тааллуқ дошта бошанд. Чунин хароҷот инҳоро дар бар мегиранд: (а) хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ (агар чунин хароҷот аз ҷониби фармоишгар мутобиқи шартнома ҷуброн карда нашавад, дар ин ҳолат ширкат чунин хароҷотро мутобиқи

банди 97-и СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон» чен мекунад); (б) хароҷоти аз меъёр зиёд истифодабарии маводҳо, харҷи барзиёди меҳнати коргарон ё дигар захираҳо барои иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ, ки дар маблағи шартнома инъикос нагардидаанд; (в) хароҷоте, ки барои иҷрокунии уҳдадориҳои қонеъшуда (яъне пешакӣ иҷрошуда – муаллиф) (ё қисман уҳдадориҳои иҷрошаванда) равона шудаанд (яъне хароҷоте, ки ба фаъолияти гузашта тааллуқ доранд); (г) хароҷоте, ки ширкат муайян карда наметавонад, ки инҳо ба уҳдадориҳои иҷрошаванда тибқи ҳамин шартнома (ё уҳдадориҳои иҷрои қисман иҷрошуда) алоқаманданд ё не» [19].

Риоякунии меъёрҳои дар СБҲМ муайянгардида, ба андешаи мо, барои пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар ширкатҳои сохтмонӣ ҷиҳати омода кардани ахбороти шаффофи босамар ва мувофиқ ба вазъи феълии ширкатҳои соҳаи мазкур мусоидат намуда, раванди қабули қарорҳои идоракуниро осон мегардонад.

Илова ба меъёрҳои дар СБҲМ муайяншуда оид ба соқит кардани хароҷот ба арзиши аслӣ ва хориҷ кардани баъзе хароҷот аз он ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим меояд, ки ҳамчунин аз муқаррароти дар «Қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо)», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505 [4] ва Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии «Хароҷоти корхона» 7/2001, Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №118 аз 13.08.2001 [13] истифода намоянд.

Ҳисобкунии арзиши кори мошинҳои сохтмонӣ чунин иҷро карда мешавад:

• дар сатҳи базавӣ аз рӯйи маҷмуаи меъёрҳои сметавӣ ва нархҳои кори мошинҳои сохтмонӣ;

• дар сатҳи ҷорӣ (пешгӯйишаванда) аз рӯйи маълумот дар бораи нархҳои ҷорӣ (пешгӯйишаванда) барои истифодаи мошинҳои сохтмонӣ.

Зимни пешбурди корҳои сохтмонӣ раванди ташкил ва идоракунии фаъолияти сохтмонӣ хароҷоти муайянро талаб мекунад, ки онро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун хароҷоти барилова меноманд. Он хароҷот вобаста ба нигоҳубини бахши идоракунии ширкат, аз он ҷумла музди меҳнати роҳбарият, фарсудашавии объектҳои воситаҳои асосии идоракунӣ ва ғ. дар бар мегирад. Хароҷоти барилова вобаста ба бузургиашон ҳамчун хароҷоти ғайримустақим ба арзиши аслии корҳои сохтмонӣ таъсир мерасонад. Вобастагии онро бо хароҷоти мустақим, объектҳои баҳисобгирӣ ва арзиши аслии корҳои сохтмонӣ дар ҷадвали зерин чунин мушоҳида кардан мумкин аст:

Ҷадвали 2.1.1. - Вобастагии хароҷоти барилова бо хароҷоти мустақим, объектҳои баҳисобгирӣ ва арзиши аслии корҳои сохтмонӣ

Алоқамандӣ	**Хусусияти вобастагӣ бо хароҷоти барилова**	**Таъсир ба ташаккули арзиши аслии корҳои сохтмонӣ**
Хароҷоти мустақим *(маводҳои асосӣ, музди меҳнати коргарони асосӣ)*	Ҳамчун пояи тақсимкунии хароҷоти барилова баромад мекунад (масалан, мутаносибан ба масолеҳи асосӣ ва ё музди меҳнати асосӣ)	Онҳо ба ҳиссаи ҷудошудаи хароҷоти барилова, заминаи асосии арзиши истеҳсолии корҳои сохтмониро ташкил медиҳанд
Объектҳои баҳисобгирӣ *(шартномаҳои паймонкорӣ, минтақаҳои сохтмонӣ, марҳилаҳо)*	Хароҷоти барилова дар аввал дар ҳисобҳои умумӣ ҷамъ оварда шуда, сипас мутобиқи сиёсати баҳисобгирӣ ба объектҳо ва лоиҳаҳои мушаххас тақсим карда мешаванд	Имкон медиҳанд, ки арзиши алоҳидаи ҳар як объекти кор ҳисоб карда шуда, тамоюлот аз рӯйи марказҳои масъулият муайян гарданд.
Арзиши аслии корҳои сохтмонӣ *(истеҳсолӣ / пурра)*	Он нишондиҳандаи мураккабест, ки хароҷоти мустақим ва ҳиссаи муносиби хароҷоти бариловаи корхонаро дар бар мегирад.	Арзиши пурраи захираҳои сарфшударо инъикос мекунад; интихоби нодурусти пояи тақсимкунии хароҷоти барилова сатҳи воқеии даромаднокии объектҳоро таҳриф месозад

Манбаъ: *муаллиф таҳия кардааст*

Ногуфта намонад, ки меъёри хароҷоти барилова бо дарназардошти рӯйхати моддаҳои хароҷоти барилова, ки дар дастурамал оид ба ҳисоб

кардани маблағи хароҷоти иловагӣ ҳангоми муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ оварда шудаанд, муайян карда мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки «дар соҳаи сохтмон ҳама гуна хароҷоти амалишаванда дар доираи меъёрҳои сметавӣ (сметные нормативы) ва меъёри хароҷот (сметная норма) ба тартиб дароварда шуда меёри онҳо муқаррар карда мешаванд. **Меъёрҳои сметавӣ** – номи умумӣ барои маҷмуи меъёрҳои сметавӣ ва нархҳо мебошад, ки дар маҷмуаҳои алоҳида муттаҳид карда шудаанд. **Меъёри хароҷот** – номгӯйи захираҳо (меҳнатӣ, масолеҳӣ ва ғ.) бо меъёрҳои муқарраргардида (ченакҳои қабулшуда барои корҳои сохтмонӣ, васлкунӣ ва ғ.) мебошад» [32, с. 61].

Лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои кории сметавӣ, аз он ҷумла сметаи маҳаллӣ, варақаҳои ҳисоби ҳаҷми корҳои иҷрошаванда ҳамчун пояи асосӣ барои муайян кардани арзиши сметавии объекти сохтмонӣ хизмат мерасонанд.

Сметаи маҳаллӣ – ин ҳуҷҷати ибтидоӣ вобаста ба муайянкунии маблағи хароҷоти сохтмон мебошад, ки аз ҳисобкуниҳои инфиродӣ барои намудҳои корҳои алоҳида, масалан корҳо оид ба бунёди таҳкурсӣ, сохтмони асосии бино, насби тачҳизот, насби низоми барқ, обтаъминкунӣ, канализатсия ва ғ. иборат аст. Намунаи он дар замимаи 3 оварда шуда, дар асоси он арзиши умумии объект ҳисоб карда мешавад. Дар асоси маълумоти дар сметаҳои маҳаллӣ муайянгардида эҳтиёҷоти ширкати сохтмонӣ ба захираҳои моддӣ, захираҳои кадрӣ, молиявӣ ва ғ. муайян мегардад.

Пас аз тартиб додани сметаҳои маҳаллӣ сметаи ҷамъбастии арзиши сохтмон тартиб дода мешавад, ки дар он маблағҳо аз рӯйи фаслҳои зерин ҷудо карда шуда, арзиши умумии объекти сохташуда муайян мегардад:

1. Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйӣ, назорати меъморӣ.
2. Омодакунии майдон барои иҷроиши корҳои сохтмон.
3. Хароҷот марбут ба объектҳои асосии сохтмон.
4. Маблағи хароҷот барои объектҳои ғайриасосӣ ва таъйиноти хизматрасонӣ дошта.

5. Хароҷоти барои инфрасохтори таъмини барқ, хоҷагии нақлиёт ва алоқа.
6. Хароҷот барои бунёди шабакаҳои обтаъминкунӣ, ахлотпарто, таъмини гармӣ ва газ.
7. Кабудизоркунӣ, ободонии маҳал, бунёди роҳҳо ва пайроҳаҳо.
8. Хароҷоти бунёди иншооти муваққатӣ.
9. Хароҷоти маъмурият ва назорати техникии корҳои сохтмонӣ.
10. Омодакунии кадрҳои зарурӣ.
11. Хароҷоти дигар.

Намунаи сметаҳои ҷамъбастии арзиши сохтмони саноатӣ ва манзилию шаҳрвандӣ дар замимаи 2 оварда шудааст.

Ба сметаи ҷамъбастии арзиши сохтмон ҳатман варақаи тавзеҳотӣ тартиб дода мешавад, ки дар он бояд маълумотҳо марбут ба васфи минтақаи сохтмон, истинод ба қарорҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои нархгузорӣ ва имтиёзҳои ба ин сохтмон алоқаманд буда, сатҳи нархҳои сметавӣ, ки аз рӯйи онҳо ҳисобкуниҳо ба ҷо оварда шудаанд, усулҳои муайян кардани арзиши таҷҳизот ва хароҷоти насби онҳо дар объектҳои сохтмонӣ, меъёри хароҷоти барилова ва фоидаи сметавӣ, тарзи ҳисобкунии онҳо, маълумоти дигар вобаста ба ҳисоб кардани хароҷот марбут ба лоиҳаи сохтмонӣ ва ғайра дарҷ карда шавад.

Дар сметаи ҷамъбастӣ сатри алоҳида оид ба фоидаи сметавӣ ва андоз аз арзиши иловашуда ҷудо карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 183 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12.2021 [1] меъёри андоз аз фоида (Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) барои ширкатҳое, ки корҳои сохтмонию васлкуниро анҷом медиҳанд, – 18% ва дар моддаи 264 меъёри Андоз аз арзиши иловашуда 7% муқаррар карда шудааст.

Дар амалияи ширкатҳои сохтмонӣ меъёри фоидаи лоиҳавӣ ба андозаи 50% аз маблағи ҳақиқии музди меҳнати коргарони асосӣ, ё ин ки ба андозаи

12%-и арзиши умумии сохтмон, ки дар сметаи он муайян гардидааст, тавсия дода мешавад [18].

Зикр кардан бамаврид аст, ки манбаъҳои маблағгузории сохтмон, ки онҳо метавонанд ё сарчашмаҳои худӣ бошанд ва ё хоҳ қарзӣ, барои дар оянда муайянкунии вазъи молиявии ширкати сохтмонӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Ҳолатҳое рух медиҳад, ки ширкатҳои паймонкории сохтмонӣ бо сабаби ба таъхир афтидани пардохти маблағи корҳо ва хизматрасониҳои иҷрокардаашон аз ҳисоби худ ин корҳоро сармоягузорӣ мекунанд ва аз тарафи фармоишгар пардохти арзиши ин корҳо пас аз анҷоми он амалӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки ҳатман дар ихтиёри худ захираҳои барзиёди молиявиро дошта, онро зимни харидани масолеҳ ва ашёҳои сохтмонӣ, пардохти музди меҳнати коргарон, пардохти ҳаққи истифодаи мошину таҷҳизоти кирокардашуда, пардохти андозҳо ва ғ. истифода намоянд. Бо ин сабаб тартиб додани нақшаи гардиши масолеҳ, дигар захираҳо ва гардиши маблағҳои пулӣ дар ширкати сохтмонӣ, яъне тартиб додани буҷет дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ яке аз вазифаҳои муҳимми раванди идоракунӣ ҳисоб меёбад. Дар баробари раванди иҷроиши буҷетҳо бо сметаҳои тасдиқшуда ва муҳлатҳои иҷроиши корҳо (аз рӯйи марҳилаҳо ё пурра) ба таври қатъӣ дар робита бо ҳам назорат карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳими дар назди баҳисобгиии муҳосибии ширкатҳои сохтмонӣ истода ин эътирофкунии даромадҳо аз фурӯши объектҳо ва корҳои сохтмонию васлгарӣ мебошад, ки муаммои муҳим дар ин самтро муҳлати тӯлонии анҷом додани сохтмони объектҳо ба вуҷуд меоранд. Эътирофкунии даромадҳо аз иҷрои марҳилаҳои муайяни корҳои иҷрошуда дар ташаккули натиҷаҳои молиявӣ аҳамияти калон дорад. Бо мақсади ҳалли ин масъала ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки аз тавсияҳои методии дар дастурамалу низомномаҳои вазорату идораҳои давлатӣ, талаботи Кодекси андоз, тавсияҳои институтҳои касбии муҳосибӣ, асарҳои илмии соҳавӣ, муқаррароти стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва ғ. истифода

намоянд.

Дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ду усули эътирофкунии даромадҳо аз иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ, ки ба ташаккули натиҷаи молиявии ширкати сохтмонии бо усули паймонкорӣ коркунанда таъсир мерасонад, пешбинӣ гардидааст:

1.«Даромад аз рӯйи арзиши объекти сохтмон (усули баанҷомрасии сохтмон), яъне баъди ба охир расидани тамоми корҳо дар майдони сохтмон ва пурра тайёр гаштани объекти сохтмонӣ. Ин усул тақозо менамояд, ки натиҷаҳои молиявӣ бо роҳи аз маблағи шартномавии объекти сохташуда тарҳ кардани хароҷоти пурраи сохтмон муайян карда шавад. Ба андешаи мо истифодабарии ин усул танҳо дар ширкатҳое имкон дорад, ки муҳлати иҷроиши корҳои сохтмонӣ то як давраи ҳисоботиро (одатан як сол) ташкил медиҳад. Истифодабарии он дар дигар ширкатҳое, ки сохтмони объектҳо якчанд даврaҳои хисоботиро дар бар мегирад (аз як сол зиёд) ба талаботи на қонунгузории андоз ва на стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. «Даромад аз рӯйи ҳаҷми корҳои анҷомдодашуда» (усули фоизи иҷроиши кор), яъне даромад вобаста ба иҷроиши марҳилаи муайяни кор эътироф карда мешавад. Истифодабарии ин усул нтатиҷаи воқеиро ба бор меорад. Яъне хар чи қадаре ки корҳо иҷро карда шуд, фоизи иҷроиши онҳо ҳисоб карда шуда, ба ҳамон андоза даромад аз иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ эътироф карда шуда, мувофиқан натиҷаҳои молиявӣ ва андоз аз фоида (андоз аз даромади шахсони воқеӣ – фасли VII Кодекси андози ҶТ) ҳисоб карда мешавад.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 93-95) масъалаи эътирофкунии даромадҳо ва хароҷотро аз иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ муайян намудааст. Тибқи талаботи ин моддаҳо чунин ширкатҳо уҳдадоранд даромадҳои худро мувофиқи *усули ҳисобузамкунӣ*[1] ба ҳисоб гиранд.

[1] Тибқи талаботи СБҲМ 18 «Даромад аз фурӯш» ва банди 2 моддаи 90 КА ҶТ ду усли баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот барои субъектҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад: 1) усули хазинавӣ; 2) усули ҳисобузамкунӣ. Андозсупорандае, ки баҳисобгириимуҳосибиро бо усули хазинавӣ

Дар бандҳои 1 ва 2 моддаи 95 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12.2021 чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст: «Дар заминаи шартномаи дарозмуҳлат, ки онро андозсупоранда бо мизоҷони худ оид ба сохтмони биною иншоот ба имзо расонидааст, анодзсупоранда уҳдадор гардонида мешавад, ки ба андозаи корҳои дар давраи ҳисоботӣ иҷронамудааш, фоизи иҷроиши корҳоро нисбат ба ҳаҷми умумии корҳои сохтмонӣ муайян намуда, даромад аз иҷрои корҳои сохтмонию васлкуниро дар ҳаҷми фоизи муайянгардида эътироф намуда, дар ҳисоботи молиявиаш қайд намояд. Зери мафҳуми шартномаи дарозмуҳлат шартнома оид ба корҳои сохтмонӣ дар назар дошта мешавад, ки иҷрои он аз 12 моҳ зиёд мебошад» [1].

Ҳамчунин, дар адабиёти соҳавӣ ва амалияи субъектҳои иқтисодӣ ду усули эътирофи даромад ва хароҷот аз рӯйи шартномаҳои сохтмонӣ муайян шудааст: 1) усули фоизи иҷроиши кор ва 2) усули «хароҷот ҷамъи…». Лекин мо бартариро ба усули якум медиҳем, ки он ба талаботҳои дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ва стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат менамояд. Яъне, истифодабарии усули фоизи иҷроиши кор барои эътироф кардани даромадҳо ва хароҷот ва мувофиқан барои давраи ҳисоботии мушаххас муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии ширкати сохтмонӣ мубрам буда, инъикоскунии вазъи воқеии натиҷаи фаъолияти ширкатро фароҳам меорад.

Мувофиқан дар баҳисобгирии муҳосибии ширкати иҷрокунандаи корҳои сохтмонию васлкунӣ пас аз тартиб додани санади иҷроиши корҳо мувофиқан навиштҳои муҳосибии зерин тибқи нақшаи ҳисобҳо [10] тартиб дода мешавад.

1. Эътироф кардани даромад аз иҷрои марҳилаи муайяни кор:

пеш мебарад, уҳдадор аст мутобиқи моддаи 92 КА ҶТ даромадро дар санаи гирифтани пулии он ва хароҷотро дар санаи пардохти воқеии он анҷом диҳад. Андозсупорандае, ки бо усули ҳисобу замкунӣ баҳисобгириро пеш мебарад, уҳдадор аст даромаду хароҷотро мутобиқи моддаи 93 КА ҶТ мутаносибан аз лаҳзаи гирифтани ҳуқуқ ба даромад ё ба миён омадани уҳдадории пардохт, сарфи назар аз вақти воқеии гирифтани даромад ё иҷрои пардохт, ба ҳисоб гирад.

Дт 10410 «Ҳисобҳо барои қабул»

Кт 44010 «Даромад аз фурӯш»

2. Соқит кардани арзиши аслии корҳои иҷрокардашуда тибқи санади иҷроиши корҳо:

Равиши якум:

Дт 55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда»

Кт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»

Равиши дуюм:

А) Дт 10740 «Маҳсулоти тайёр»

Кт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»

Б) Дт 55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда»

Кт 10740 «Маҳсулоти тайёр»

Қайд карданро зарур мешуморем, ки равиши дуюм ҳамчун усули алтернативӣ дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки ширкати сохтмонӣ тамоми хароҷоти сохтмонро аз ҳисоби худ, бидуни сармоягузории шарикон ва маблағи фармоишгар пурра анҷом дода, корҳои сохтмонии иҷрошударо марҳила ба марҳила насупорида, объекти сохтмонӣ ҳамчун маҳсулоти тайёр ба фурӯш бароварда мешавад. Чунин ҳолат дар шароити имрӯза хеле кам дучор меояд.

Бо муқоиса кардани бақияи кредитии ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» ва бақияи дебетии ҳисоби 55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда» натиҷаи ниҳоии молиявии фаъолияти сохтмонию васлгарӣ пас аз тарҳ кардани дигар хароҷоти марбут ба сохтмон ва маблағи андоз аз фоида муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои дар зербоби мазкури рисола гузаронидашуда имкон медиҳад омилҳои муҳимеро номбар кунем, ки ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои сохтмонӣ муайян менамоянд:

– фаъолияти сохтмонӣ барои фармоишгар – сармоягузорӣ, васеъкунии истеҳсолот ва барои паймонкор – хароҷот, фурӯш, марҳилаҳои анҷомёфтаи корҳои сохтмонию васлгарӣ ҳисоб мебад;

– ҳисобкунии арзиши аслии корҳо, хизматрасониҳо, конструксияҳои бунёдшаванда, биноҳо, иншоот ва ғ. дар асоси қоида ва меъёрҳои сохтмонии тасдиқшуда амалӣ мегардад;

– давраи тӯлониро (аз 12 моҳ зиёд) талаб намудани истеҳсолоти сохтмонӣ;

– эътирофкунии давра ба давраи даромад ва хароҷот дар заминаи ба таври марҳилавӣ иҷро гаштани корҳо;

– муайянунии моддаҳои хароҷоти барилова ва ҳисобкунии онҳо дар асоси меъёрҳо вобаста ба фонди музди меҳнати коргарон;

– аз рӯйи принсипи эҳтиёткорӣ (консерватизм) пешбурди баҳисобгирии амалиётҳои хусусияти дарозмуҳлат дошта, ки натиҷаи воқеии онҳо пас аз гузаштани муҳлати тӯлонӣ мушаххас мегардад;

– вобаста ба он ки нарх (арзиши шартномавии объект) ба таври устувор пеш аз оғози корхо гузошта мешавад, мумкин аст ки дар рафти иҷроиши корҳои сохтмонӣ тамоюлҳо пайдо шавад. Дар ин сурат манбаи маблағгузории ин тамоюлҳо муайян карда мешавад;

– дар соҳаи сохтмон, на танҳо бузургиҳои хароҷот, балки маблағи фоида низ бамеъёр дароварда мешавад (меъёраш пешакӣ муайян карда мешавад);

– стандартҳо ва меъёрҳо бисёрсатҳа буда, аз рӯйи дараҷаҳои гуногун муқаррар карда мешаванд: а) бо қарорҳои ҳукумат ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) аз ҷониби худи ширкати сохтмонӣ дар мувофиқа бо фармоишгар;

– баръакси саноат, ки тамоюлҳо ба ҳайати арзиши аслии маҳсулот дохил карда шуда аз ҳисоби харидор ҷуброн карда мешавад, дар сохтмон ин яке аз масъалаҳои асосӣ буда, танҳо бо шартномаи иҷрои корҳои сохтмонӣ

танзим карда мешавад.

2.2. Ҷанбаъҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ

Арзиши аслӣ ва нархи фурӯш нишондиҳандаҳои муҳимтарини фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ ба ҳисоб мераванд. Нархи фурӯши объектҳои бунёдшуда, корҳо ва хизматрасониҳои иҷрошуда аз арзиши аслӣ, яъне аз хароҷот барои сохтан ва ба истифода супоридани онҳо вобаста аст. Дар ин радиф вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст баҳисоб гирифтани хароҷоти ширкатҳои сохтмонӣ, дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии корҳои иҷрошуда ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ мебошад.

Ширкати сохтмонӣ, ки ба ҳайси паймонкори асосӣ фаъолият мекунад, ҳамчун пайвандгар байни фармоишгар ва зерпаймонкорон баромад мекунад. Паймонкори асосӣ дар назди фармоишгар-сармоягузор барои сифати корҳои сохтмонӣ, инчунин барои сари вақт иҷро шудани онҳо масъул мебошад. Муносибатҳои мутақобила байни зерпаймонкорон ва паймонкори асосӣ дар асоси меъёрҳои қабулшуда ташаккул меёбанд.

Барои ташкили баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар ширкатҳои сохтмонӣ аз талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрии зерин муқарраргардида истифода намудан ҳатмӣ мебошад:

– Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25.03.2011, №702, [2];

– Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12.2021, [1];

– Низомнома оид ба қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505, [4];

– Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 7/2001 “Хароҷоти ширкат”.

Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2001, № 118, [13];

– «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41» [10].

– СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон» [19].

– Санадҳои меъёрии Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сомондиҳии ҳама гуна корҳо марбут ба сохтмон ва бунёди иншоотҳо хароҷотро барои ширкат ба бор оварда, дар заминаи он имконияти ҳисобкунии арзиши аслӣ ба миён меояд.

Дар ин росто қайд карданро зарур мешуморем, ки «хароҷоти бевосита ба истеҳсоли корҳои сохтмонӣ, инчунин ба фармоишгар расонидани онҳо, арзиши ин корҳо номида мешавад. Давомнокии раванди истеҳсолот, инчунин ба фармоишгари мушаххас таъин будани он хусусиятҳои фарқкунандаи баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ дар соҳаи сохтмонро муайян мекунад» [24, с. 93].

Дар ширкатҳои сохтмонӣ баҳисобгирии хароҷот барои корҳои сохтмонӣ асосан ба арзиши корҳое зам карда мешавад, ки ба объекти муайян равона шуда бошанд, сарфи назар аз вақти ба вуҷуд омаданашон. «Дар робита ба назарияи мазкур тасниф кардани хароҷоти ширкати сохтмонӣ вобаста ба давраи ҳисоботӣ, усули соқиткунӣ ба арзиши аслии корҳои сохтмонӣ ва вобастагӣ аз ҳаҷми корҳо хеле муҳим аст» [32].

Вобаста ба давраи ҳисоботӣ онҳо ба *ҷорӣ ва яквақта* тақсим мешаванд.

Вобаста ба усулҳои соқит кардан ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ба *мустақим ва ғайримустақим* (барилова) тақсим мешаванд.

Вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми корҳои иҷрошаванда хароҷот ба *тағйирёбанда ва собит (доимӣ)* ҷудо карда мешавад.

Вобаста ба хусусиятҳои соҳаи сохтмон ба хароҷоти ҷорӣ дохил мешаванд: «хароҷоти мунтазам дар раванди истеҳсолот амалишаванда, (хароҷоти масолеҳи сохтмонӣ, музди меҳнати коргарон ва ғ.) ва мувофиқан ба хароҷоти якваква он хароҷоте дохил мешаванд, ки як маротиба дар давраи ҳисоботӣ ва ё даври истеҳсолӣ амалӣ карда мешаванд (хароҷоти иҷора, суғурта, обунапулӣ ва ғ)» [34].

Хароҷоти мустақим ҳамчун «хароҷоти бевосита дар иҷрои корҳои сохтмонӣ алоқаманд (масолеҳи асосӣ, музди меҳнати асосӣ) фаҳмида мешаванд. Онҳоро метавон бевосита ба арзиши корҳо ва объектҳои сохтмонии мушаххас дохил кард» [27].

Хароҷоти ғайримустақим хусусияти умумӣ дошта ба истеҳсолоти асосии ширкатҳои сохтмонӣ робитаи мустақим надоранд. Онҳо зимни пешбурди корҳои сохтмонӣ бештар ба идоракунии ташкили истеҳсолот, хизматрсонии равандҳои истеҳсолӣ тааллуқ дошта, байни якчанд объектҳои сохтмонӣ тақсим карда мешаванд. Ба сифати манбаи тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим дар ширкати сохтмонӣ беҳтар аст, ки арзиши масолеҳи асосӣ, музди меҳнати коргарони асосӣ ва ё масоҳати бунёдшаванда муқаррар карда шавад. Ин ҷо бештар хароҷоти барилова (хароҷоти маъмурии ширкати сохтмонӣ, хароҷоти коммуналӣ, хароҷоти хусусияти умумиистеҳсолӣ дошта, хароҷоти шуъбаҳои хизматрасон ва ғ) ба ҳамин гурӯҳ дохил карда мешаванд. Дар замимаи 4 номгӯи моддаҳои хароҷоти барилова ва меъёри миёнасоҳавии онҳо пешниҳод карда мешавад.

Ҳамаи хароҷоти ширкатро «вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми корҳои иҷрошуда ба тағйирёбанда ва собит (доимӣ) тақсим кардан мумкин аст. Хароҷоте, ки вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми корҳои сохтмонӣ тағйир меёбанд, хароҷоти тағйирёбанда номида мешаванд (масолеҳи сохтмонӣ, маводди сӯхт, музди меҳнати коргароне, ки бо низоми корбайъ пардохта мешавад ва ғ.)»

[34].

Барои ҳисоби дуруст ва дақиқи арзиши аслии корҳои сохтмонию васлкунӣ ширкатҳои сохтмониро зарур меяд ки дар сиёсати баҳисобгирӣ банди таснифи хароҷоторо ҷой дода хусусиятҳои онҳоро бо номгӯй ва намудҳояшон ба тавври мушаххас тавсиф намоянд.

Амалияи ширкатҳои сохтмонӣ нишон медиҳад, ки дар низоми баҳисобгирии онҳо таснифи хароҷот аз рӯйи тавсияҳои назариявӣ ва методологии дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ коркардашуда ба ҷо оварда намешавад. Дар ин маврид барои ширкатҳои мазкур ҳангоми қабули қарорҳо ва банақшагирӣ дастраскунии маълумоти фаврӣ мушкил гашта, имконияти ҳал кардани вазифаҳои идоракунӣ маҳдуд мегардад.

Аз ин рӯ, ба ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешавад, ки аз тарзи таснифи хароҷот, ки дар низоми баҳисобгирии муҳосибии дар натиҷаи таҳқиқотҳои назариявию методологӣ коркардшуда маъмул аст, истифода намоянд (Ҷадвали 2.2.1).

Ин тарзи тасниф «иттилооти кофиро оид ба намудҳои хароҷот, таъйинот ва функсияҳои онҳо барои идоракунандагон муҳайё намуда, барои интихоби методикаи баҳисобгирии хароҷот [24], арзишмуайянкунӣ ва қабули қарорҳо кӯмаки амалӣ мерасонад.

Дар сатри охирони ҷадвал мо таснифоти хароҷотро вобаста ба даврaҳои ҳисоботӣ пешниҳод намудем, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: *хароҷот марбут ба давраи ҷорӣ* (хароҷоти ба ҳамин давраи ҷорӣ таллуқдошта: масолеҳ; нерӯи барқ; сӯзишворӣ; музди меҳнат); *хароҷот марбут ба даврaҳои оянда* (иҷорапулии пешпардохтшуда; суғуртапулии пешпардохтшуда; хадамоти пешпардохтшуда); *хароҷоти сармояшаванда* (хароҷот марбут ба бунёди объектҳои дарозмуддат). Барои ширкатҳои сохтмонӣ банди пешниҳодшудаи таснифот ҳангоми ҳисоб кардани хароҷоти воқеии давраи ҳисоботӣ, ҳисобкунии арзиши аслии корҳои иҷрошуда ва муайянкунии натиҷаҳои молиявии давра мусоидат менамояд. Ҳамчунин он

имконият медиҳад, ки хароҷоти давраи ҳисоботӣ ва давраҳои оянда аз хароҷоти сармояшаванда, ки ба бунёдкунии дороиҳои дарозмуддат иртибот доранд, ҷудо нишон дода шуда, арзиши аслии ин дороиҳои дарозмуддат, ки дар оянда барои истифодабарӣ дар ширкати сохтмонӣ таъин шудаанд, дуруст муайян карда шавад.

Ҷадвали 2.2.1. - Таснифоти хароҷот бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ

Нишонаи таснифот	Ҷудокунии хароҷот
Аз рӯйи нақши иқтисодӣ дар ҷараёни истеҳсолот	*Асосӣ ва барилова*
Аз рӯйи ҳайат	*Якҷузъаи иқтисодӣ ва маҷмӯӣ (комплексӣ)*
Аз рӯйи тарзи ҳамроҳкунӣ ба арзиши аслии маҳсулот	*Мустақим ва ғайримустақим*
Аз рӯйи вобастагӣ бо ҳаҷми истеҳсол	*Тағйирёбанда, собит (доимӣ)ва нимтағйирёбанда*
Аз рӯйи функсияи идоракунӣ	*Истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ (идоракунӣ ва тиҷоратӣ)*
Аз рӯйи самаранокӣ	*Самравӣ ва бесамар*
Аз рӯйи дараҷаи миёнагӣ	*Умумӣ ва миёна (дар ҳаҷми умумӣ ва ба ҳар як воҳиди кору маҳсулот)*
Ҳангоми интихоби равишҳо (алтернативаҳо)	*а) Ба инобат гирифташаванда ва ба инобат гирифтанашаванда;* *б) Бартарафшаванда ва бартарафнашаванда*
Бо мақсади назорат ва танзим	*Танзимшаванда ва танзимнашаванда*
Аз рӯйи ҳолати воқеӣ	*Воридшуда ва соқитшуда*
Аз рӯйи муносибат ба давраҳои ҳисоботӣ	*Ҷорӣ* *Давраҳои оянда* *Сармояшаванда*

Манбаъ: *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт [56, с. 58-82; 78, с.41; 96, с. 35; 83, с.44] таҳия намудааст.*

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳошияи баҳисобгирии хароҷот ва муайянкунии арзиши аслӣ дар сиёсати баҳисобгирии ширкати сохтмонӣ самтҳои зерин бояд нишон дода шавад:

1. Объектҳои баҳисобгирии хароҷот (Объектҳо, лоиҳаҳои сохтмон,

марҳилаҳои кор, намудҳои кор ва ғ.).

2. Таснифи хароҷот (вобаста ба ҳисобкунии арзиши аслӣ).

3. Усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии объектҳои сохташаванда, корҳо хизматҳо (Усули фармоишӣ, усули равандӣ; усули меъёрӣ).

4. Усулҳои тақсимкунии хароҷоти умумиистеҳсолӣ (дар ососи хароҷоти маводҳои асосии сохтмонӣ; дар асоси музди кори коргарони асосии истеҳсолот; аз рӯйи масоҳат ва ҳаҷми корҳои иҷрошуда).

5. Баҳогузорӣ ва арзёбии истеҳсолоти нотамом (бо хароҷоти маводҳои ҳақиқии маҳсулот; тибқи хароҷоти меъёрии истеҳсолот; аз рӯйи моддаҳои хароҷоти мустақим).

6. Баҳисобгирӣ ва соқиткунии хароҷоти маъмурию хоҷагӣ ва тиҷоратӣ:

- асосҳои тақсимот (масалан, мутаносибан ба хароҷоти мустақим, ҳаҷми корҳои иҷрошуда);

- тартиби аз ҳисоб соқиткунии хароҷот (Ба арзиши аслии маҳсулот, ба натиҷаҳои молиявӣ (давраи ҷорӣ)).

7. Баҳисобгирии хароҷоти ба давраҳои оянда тааллуқдошта (таркиби хароҷоти давраҳои оянда; усул ва муҳлати аз ҳисобсоқиткунии хароҷоти пешпардохтшуда).

8. Баҳисобгирӣ ва баҳогузории маҳсулоти тайёр ва корҳои иҷрошуда (бо арзиши аслии ҳақиқӣ; бо арзиши меъёрӣ (нақшавӣ); бо маблағи мувофиқашуда)

9. Ташаккули захираҳо барои хароҷоти давраҳои оянда (Захира барои таъмири кафолатӣ ва хизматрасонии кафолатӣ; захираҳо барои пӯшонидани талафот аз рӯйи корҳои нотамом).

10. «Баҳисобгирии тамоюлот дар арзиши нақшавӣ ва омилҳои соқиткунии онҳо (меъёрҳо барои муайян кардани тамоюлҳои назаррас; тартиби таҳлил ва тасдиқи тамоюлҳо; объектҳои соқиткунии тамоюлҳо)» [34].

«Объекти мушаххас ё марҳилаи муайяни кор, ки бо хусусиятҳои ичроиши технологӣ фарқ мекунанд, ҳамчун объекти баҳисобгирии хароҷот дар сохтмон қабул карда мешавад. Дар вақти ҳисоб кардани арзиши объектҳои сохтмонӣ интихоб кардани объектҳои баҳисобгирӣ ва объектҳои арзишмуайянкунӣ аҳамияти калон дорад» [53, с. 165].

Баҳисобгирии хароҷотро вобаста ба намудҳои объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ метавон тибқи усули фармоишӣ, ё усули ҷамъкунии хароҷот дар давраи муайян бо истифода аз унсурҳои усули меъёрии баҳисобгирӣ ва назорати истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ё дигар усул ташкил кард.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки дар ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» ва ҶДММ «Диёри сабз» баҳисобгирии хароҷот вобаста ба намуди онҳо аз рӯйи усули ҷамъ кардани хароҷот дар давраи муайян новобаста аз ҷудокунии объектҳо дар шуъбаи муҳосибот пеш бурда мешавад, ки ин тарз ҳисобкунии арзиши воқеии маҳсулот (кору хизматарсониҳо)-и сохтмонӣ ва ҳосил кардани натиҷаҳои молиявӣ аз объектҳои алоҳидаро хеле душвор мегардонад.

Дар ширкатҳои сохтмонӣ мисли дигар соҳаҳои иқтисодӣ арзиши аслии корҳои сохтмонию васлкунӣ ва таъмирӣ аз унсурҳои иктисодии зерини хароҷот иборат мебошад.

• хароҷоти маводди сохтмонӣ;

• хароҷоти меҳнатӣ;

• ҳиссаҷудокуниҳо барои ниёзҳои иҷтимоӣ;

• фарсудашавии воситаҳои асосӣ;

• хароҷоти дигар.

Азбаски дар бораи ҳайати ин хароҷот дар бештари асарҳои илмӣ ва адабиёти таълимӣ маълумоти кофӣ пешниҳод карда шудааст, мо бо сабаби маҳдудии ҳаҷми кори диссертатсионӣ зарур намешуморем, ки оид ба ҳар як намуди онҳо маълумоти иловагиро пешниҳод намоем.

Арзиши ба даст овардани маводди сохтмонӣ бо нархҳои ҷорӣ (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда) бо дарназардошти унсурҳои зерин муайян карда мешавад:

– пардохти фоизи қарз, барои ин ё он намуди захираҳои моддии тибқи шартномаи молтаъминкунӣ аз ҷониби таъминкунадаи мушаххас воридшуда;

– илованарх (иловапулӣ), ҳаққи комиссионие, ки ба ширкатҳои таъминкунандаи хориҷӣ пардохта мешаванд;

– пардохти хизматрасониҳои биржаҳои молӣ, аз он ҷумла хизматрасониҳои миёнравӣ, боҷҳои гумрукӣ.

Дар ширкатҳои сохтмонию паймонкорие, ки дорои мошину таҷҳизотҳои зиёди махсус мебошанд, хароҷоти нигоҳубин ва истифодабарии ин гуна воситаҳо бузургии зиёдро дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ ташкил медиҳанд ва бинобар ин ширкати сохтмониро зарур меояд, ки бо ин мақсад моддаи «Хароҷот барои истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ»-ро бо ҷудокунии унсурҳои зерин дар алоҳидагӣ нишон диҳанд:

– ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ барои ҳисоби истифодабарии объектҳои воситаҳои асосӣ;

– хароҷоти нерӯйи барқ, сӯзишворӣ ва равғани мошинҳо барои таъмини кори босамари мошину механизмҳо;

– хароҷоти таъмир ва нигоҳубини техника ва таҷҳизоти сохтмонӣ: арзиши корҳои таъмирӣ, иваз кардани кисмҳои эҳтиётӣ, музди меҳнати устоҳо. Дар мавриди ташкил кардани захира (фонд) барои таъмир – ҳиссаҷудокунӣ ба фонд (захира)-и таъмир ғ.

– хароҷоти музди кори коркунони хизматрасон (музди кори механикҳо, устоҳо; ронандагон, операторҳо ва дигар коргароне, ки ба мошину механизмхо хизмат мерасонанд);

– андозҳо, суғуртапулии мошину таҷҳизот;

– хароҷоти дигар ба монанди корҳои интиқолдиҳии таҷҳизот, муҳофизат, иҷорапулӣ, пардохтҳои лизингӣ (барои истифодабарии мошину

механизмҳои сохтмонии иҷоравӣ ба андозаи муқаррарнамудаи шартнома) ва ғ.;

Бо дарназардошти хусусият ва таркиби хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ, қайд кардан зарур аст, ки мисли дигар соҳаҳои иқтисодӣ ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ аз рӯйи моддаҳои хароҷот, ки онҳо дар навбати худ метавонанд аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ дар гурӯҳҳо муттаҳид карда шаванд, муносибтар буда, маҳзани кофии маълумотро барои таҳлил муҳайё менамояд.

Хароҷоти ширкати сохтмонӣ аз рӯйи моддаҳои тасдиқшуда арзиши аслии истеҳсолии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмониро ташкил медиҳад. Вакте ки ба он хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва тиҷоратӣ илова карда мешавад, арзиши пурраи маҳсулот ё корҳои сохтмонӣ ба даст меояд.

Дар ҷадвалҳои 2.2.2 ва 2.2.3 намунаи варақаи ҳисобкуни (калкулятсия)-и арзиши аслии як намуди маҳсулоти сохтмонию васлкуниро (тахтасангҳои оҳану бетонии болопӯш) дар ширкати сохтмонии ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» барои солҳои 2023 ва 2024 пешниҳод менамоем, ки аз рӯйи намунаҳои тавсиявии барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ мувофиқ фарқ менамоянд.

Ҷадвали 2.2.2. - Варақаи арзишмуайянкунии маҳсулот (тахтасанги оҳану бетонии болопӯш) барои 1 дона, дар соли 2024

№	Номгӯи моддаҳои хароҷот	Тахтасанги болопӯш П-1 отм. + 4, (1 дона)			
		Воҳиди ченак	Миқдор	Нарх	Маблағ, сомонӣ
1	Бетони М-300 фр 5-20 мм	$м^3$	5,78	661,8	3825,20
2	Арматураи қ. 4 Вр 1	тн	0,02	5339	106,78
3	Арматураи қ. 10 А 3	тн	0,209	5339	1115,85
4	Арматураи қ. 12 А 3	тн	0,206	5339	1099,83
5	Арматураи қ. 28 А 1	тн	0,048	5339	256,27
6	Арматураи қ. 25 А 3	тн	0,158	5339	843,56
7	Арматураи қ. 28 А 3	тн	0,164	5339	875,60
8	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,158	5339	843,56
9	Варакаи пулодии Ғ.14 мм	тн	0,007	5700	39,90
10	Гази пропан	кг	1,5	5,4	8,10
11	Оксиген	$м^3$	3	4	12,00
12	Маводди чӯбӣ 350х50х50	$м^3$	0,0035	1841,98	6,45

13	Равғанҳои техникӣ	л	8	4,92	39,36
14	Электрод	кг	7,3	13	94,90
15	**Ҳамагӣ:**	-	-	-	**9167,37**
16	Хизматрасонии истгоҳи газпуркунӣ	кг	1,5	7,388	11,08
17	Нерӯи барқ	Квт/ с	96	0,65	62,4
18	Музди меҳнати асосӣ	-	-	-	414,14
19	Хароҷоти барилова, 16,8%	-	-	-	69,58
20	Суғуртаи иҷтимоӣ 20%	-	-	-	82,83
21	Хароҷоти коргоҳӣ 606,38%	-	-	-	2511,26
22	**Арзиши аслӣ**	-	-	-	**12318,65**
23	Хароҷоти умумихоҷагӣ	-	-	-	982,93
24	**Ҳамагӣ арзиши аслии пурра**	-	-	-	**13301,58**
25	Фоидаи сметавӣ	-	-	-	
26	Бо ҳисоби ААИ	-	-	-	15658,00
27	Ҳамагӣ		217	15658,00	3397784,99

Манбаъ: *муаллиф дар асоси маълумот аз ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» таҳия намудааст.*

Бояд зикр кард, ки ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» ҳамчун ширкати корпоративӣ фаъолият намуда, дорои якчанд сохторҳои воҳидии истеҳсолӣ буда, тарзи идоракунии ғайримарказонидашударо ба роҳ мондааст.

Дар ҷадвалҳои 2.2.2 ва 2.2.3 варақаи арзишмуайянкунии як намуд маҳсулот (тахтасанги оҳану бетонии болопӯш) барои ду сол – 2023 ва 2024 пешниҳод гардидааст, ки маълумоти дар онҳо овардашуда нишон медиҳанд, ки то сатри 20-ум номгӯйи моддаҳои хароҷот якхела оварда шудаанд. Дар моддаҳои 21-27 ҷадвалҳои зикршуда камбудӣ дар пайдарпайии ҷобаҷогузории моддаҳои боқимонда (хароҷоти коргоҳӣ, хароҷоти умумихоҷагӣ, фоидаи сметавӣ, ААИ) мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин фарқияти калон дар бузургии моддаҳои 19-ум, хароҷоти барилова – 66% ва 16,8% мувофиқан дар солҳои 2023 ва 2024 дида мешавад, ки сабаби ин фарқияти калон барои истифодабарандаи маълумот норавшан боқӣ мемонад. Ҳамчунин, дар сатри 21 ҷадвали 2.2.2. моддаи «Хароҷоти коргоҳӣ» дар ҳаҷми 606,38% аз музди меҳнати асосии коргарон муайян карда шудааст, ки он дар ҷадвали 2.2.5. дида намешавад ва ин бузургӣ (606,38%) бо кадом асос дар

муҳосиботи ширкат муқаррар карда шудааст, маълум нест.

Ҷадвали 2.2.3. – Варақаи арзишмуайянкунии тахтасанги оҳану бетонии болопӯш (барои 1 дона) дар соли 2023

№	Номгӯйи моддаҳои хароҷот	Тахтасанги болопӯш П-1 отм.+ 4, (1 дона)			
		Воҳиди ченак	Миқдор	Нарх	Маблағ, сомонӣ
1	Бетони М-300 фр 5-20 мм	$м^3$	5,78	698,14	4035,25
2	Арматураи қ. 4 Вр 1	тн	0,02	5135,09	102,70
3	Арматураи қ. 14 А 3	тн	0,248	5135,09	1273,50
4	Арматураи қ. 12 А 3	тн	0,206	5135,09	1057,83
5	Арматураи қ. 28 А 1	тн	0,048	5135,09	246,48
6	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,258	5135,09	1324,85
7	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,224	5135,09	1150,26
8	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,158	5135,09	811,34
9	Варақаи пулодии ғ.14 мм	тн	0,007	5700	39,90
10	Гази пропан	кг	1,5	5,6	8,40
11	Оксиген	$м^3$	3	6,69	20,07
12	Тахта 350х50х50	$м^3$	0,0035	1480	5,18
13	Равғанҳои техникӣ	л	8	4,92	39,36
14	Электрод	кг	7,3	17	124,10
15	**Ҳамагӣ:**	-	-	-	**10239,23**
16	Хизматрасонии истгоҳи газпуркунӣ	кг	1,5	7,388	11,08
17	Нерӯйи барқ	Сомонӣ (квт)	96	0,65	62,4
18	Музди меҳнати асосӣ	-	-	-	423,82
19	Хароҷоти барилова 66%	-	-	-	279,72
20	Хароҷоти суғурта 20%	-	-	-	84,76
21	Фоидаи сметавӣ 70%	-	-	-	296,67
22	**Арзиши аслӣ:**	-	-	-	**11397,69**
23	Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ	-	-	-	1250,27
24	**Арзиши аслии пурра:**	-	-	-	**12647,96**

Манбаъ: муаллиф дар асоси маълумот аз ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» таҳия намудааст.

Дар назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, барои мутахассисони соҳа маълум аст, ки хароҷоти умумихоҷагӣ ба хароҷоти барилова тааллуқ дорад. Лекин дар ин ҷадвалҳо барои «Хароҷоти умумихоҷагӣ» сатрҳои алоҳида бо маблағҳои муайян нишон дода шудаанд ва он аз кадом моддаҳо

иборат аст, номаълум боқӣ мемонад.

Хуллас, дар ҷадвалҳои 2.2.2. ва 2.2.3, ки варақаи арзишмуайянкунии як намуд маҳсулотро барои ду сол нишон медиҳад, номуайянӣ ва номукаммалӣ дар ҳисобкунии арзиши аслии воқеии маҳсулот дида мешавад. Маблағи якчанд моддаҳои арзишмуайянкунӣ, хусусан арзиши партовҳои бозгашт, хароҷоти умумиистеҳсолӣ, хароҷоти нақлиётӣ барои то маҳали сохтмон ва минтақаҳои корӣ бурда расонидани маҳсулот (ҳангоми ба уҳдаи ширкат вогузор будани ин кор) ва дигарҳо нишон дода нашудаанд.

Аз ин рӯ мо тибқи қоидаи ҳисоби хароҷот ва муайянкунии арзиши аслӣ вобаста ба моҳияти иқтисодии хароҷот варақаи арзишмуайянкунии маҳсулотро барои объектҳои таҳқиқшуда дар чунин шакл пешниҳод менамоем (Ҷадвали 2.2.4.):

Ҷадвали 2.2.4. - Варақаи тавсиявии арзишмуайянкунии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ барои ҶДММ «Бехатарии саноатӣ»


№	Номгӯи моддаҳои хароҷот	Тахтасанги болопӯш П-1 отм. + 4, (1 дона)			
		Воҳиди ченак	Миқдор	Нарх	Маблағ, сомонӣ
1.	**Масолеҳи ассосӣ**				
2.	Бетони М-300 фр 5-20 мм	$м^3$	5,78	698,14	4035,25
3.	Арматураи қ. 4 Вр 1	тн	0,02	5135,09	102,70
4.	Арматураи қ. 14 А 3	тн	0,248	5135,09	1273,50
5.	Арматураи қ. 12 А 3	тн	0,206	5135,09	1057,83
6.	Арматураи қ. 28 А 1	тн	0,048	5135,09	246,48
7.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,258	5135,09	1324,85
8.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,224	5135,09	1150,26
9.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,158	5135,09	811,34
10.	Электрод	кг	7,3	17	124,10
11.	*Партовҳои бозгашт (аз арзиши масолеҳи истифодашуда) тарҳ карда мешаванд*	-	-	-	-
12.	***Ҳамагӣ масолеҳи асосӣ***	-	-	-	***10126,31***
13.	***Масолеҳи ёрирасон:***	-	-	-	-
14.	Варақаи пулодии ғафсиаш 14 мм	тн	0,007	5700	39,90
15.	Гази пропан	кг	1,5	5,6	8,40
16.	Оксиген	$м^3$	3	6,69	20,07
17.	Маводди чӯбӣ 350х50х50	$м^3$	0,0035	1480	5,18

18.	Равғанҳои техникӣ	л	8	4,92	39,36
19.	**Ҳамагӣ масолеҳ:**				**10239,22**
20.	Хизматрасонии стансияи газпуркунӣ	кг	1,5	7,388	11,08
21.	Қувваи барқ	квт/сомонӣ	96	0,65	62,40
22.	Музди меҳнати асосӣ (ММА)	-	-	-	423,82
23.	*Ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ, 20%*	-	-	-	*84,76*
24.	*Харочоти умумиистеҳсолӣ*	-	-	-	*1250,27*
25.	***Арзиши аслии истеҳсолӣ***	-	-	-	***12071,55***
26.	*Харочоти барилова (Бо % аз ММА)*	-	-	-	*279,72*
27.	*Харочоти тиҷоратӣ (таҳвили маҳсулот)*	-	-	-	
28.	*Фоидаи сметавӣ 70% (аз ММА)*	-	-	-	*296,67*
29.	***Арзиши аслии пурра:***	-	-	-	***12647,94***
30.	*ААИ (7% аз арзиши аслии пурра)*	-	-	-	*885,36*
31.	***Нархи фурӯш***				***13533,30***

Манбаъ: *муаллиф дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» тартиб додааст*

Бартарии ин равиши ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки дар ҷадвали 2.2.4 пешниҳод гардидааст, дар он аст, ки моддаҳои харочот дар асоси гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ дар варақаи арзишмуайянкунӣ ҷобаҷо гузошта шудаанд. Аз рӯйи он имконияти муайян кардани маблағи ҳар як унсури харочот муҳайё гардида, таҳлил, назорат ва танзими онҳоро амалӣ намудан мумкин аст. Маълумоти дар ҷадвали 2.2.4 овардашуда раванди қабули қарорҳои идоракуниро аз ҷониби менеҷерони марказҳои масъулият осон мегардонад.

Модели ташкили баҳисобгирии харочотро аз рӯйи моддаҳо дар ҳисобҳои муҳосибии ширкатҳои сохтмонӣ аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.2.4 мо дар расми 2.2.1 инъикос менамоем.



Расми 2.2.1. - Амсилаи баҳисобгирии харочот ва натичаҳои молиявӣ аз фурӯш
Манбаъ: *муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.2.4 тартиб додааст*

Аз маълумоти дар расми 2.2.1 овардашуда мушоҳида карда мешавад, ки зимни ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ҳамаи хароҷоти мустақими истеҳсолӣ дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ҷамъ карда мешавад. Барои баҳисобгирии хароҷоти ғайримустақим (хароҷоти умумиистеҳсолӣ, хароҷоти барилова (маъмурӣ ва хоҷагӣ), хароҷоти тиҷоратӣ, андозҳо ва ғ.) ҳисобҳои мувофиқро аз нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда [10] истифода бурдан мумкин аст. Масалан, барои баҳисобгирии хароҷоти дигари ширкати сохтмонӣ гурӯҳҳои зерини ҳисобҳои муҳосибиро тавсия менамоем: «10731 - Истеҳсолоти ёрирасон; 10733 - Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон; 10734 - Харҷоти умумиистеҳсолӣ; 55300 - Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ; 55200 - Хароҷоти тиҷоратӣ ва фурӯш; 66100 - Хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» [10].

Дар адабиётҳои илмӣ ва таълимӣ ду усули соқит кардани хароҷоти барилова дар ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод гардидааст: 1) *соқиткунии хароҷоти барилова (умумӣ ва маъмурӣ) ба истеҳсолоти нотамом ва 2) соқиткунии хароҷоти барилова ба давраи ҳисоботӣ (натиҷаҳои молиявӣ).*

Дар расми 2.2.1 соқиткунии хароҷоти барилова аз рӯйи тарзи дуюм нишон дода шудааст. Дар мавриди истифодабарии тарзи якум навиштҳои муҳосибӣ оид ба соқиткунии хароҷоти барилова чунин мукотиботи ҳисобҳо тартиб дода мешавад:

Дт 10730 «Истеҳсолоти нотамом»

Кт 55300 «Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ»

Умуман ширкати сохтмонӣ метавонад аз ду тарзи номбаршудаи соқиткунии хароҷоти барилова якеашро интихоб кунад. Истифодабарии тарзи якум дар мавридҳои зерин барои ширкат натиҷаи муносибро ба бор меорад:

– агар дар ҳар як давраи ҳисоботӣ пас аз иҷро кардани корҳои сохтмонӣ маблағ аз фурӯш ба ширкат аз ҳисоби фармоишгар ва ё дилхоҳ мизоҷи дигар ворид шавад;

– санади иҷроиши корҳои сохтмонӣ тартиб дода шуда, аз ҷониби

фармоишгар имзо карда шавад;

– агар дар ширкат танҳо сохтмони як объект, ё ин ки як намуди корҳои сохтмонӣ иҷро карда шавад.

Дар сурати риоя нашудани ҳолатҳои зикршуда бо ин тарз кор кардан дар муҳосибот, иттилоот оид ба арзиши аслии маҳсулот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ ба таври нодуруст (таҳрифшуда) ба истифодабарандаи маълумот пешниҳод мегардад, ки натиҷаи он барои ширкат метавонад ногувор бошад.

Дар дигар мавридҳо истифодабарии тарзи дуюми соқиткунии хароҷоти барилова барои ширкатҳои сохтмонӣ тавсия карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо мақсади идоракунии босамараи истеҳсолоти сохтмонӣ ва ташаккули иттилооти таҳлилӣ аз рӯйи ҳар як объект, намуди корҳо, маҳсулот, дар ҳайати ҳисобҳои таркибии 10730 «Истеҳсолоти нотамом», 10731 «Истеҳсолоти ёрирасон», 10733 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» кушодани ҳисобҳои таҳлилии дараҷаҳои гуногун тавсия карда мешавад. Ин амал барои ташаккули бонизоми иттилооти муҳосибӣ оид ба баҳисобгирии хароҷот, арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и алоҳида, муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш мусоидат намуда, пешниҳоди иттилоот ва қабули қарорҳоро аз ҷониби менеҷерон осон мегардонад. Ҳамчунин назорати хароҷот, танзими онҳо ва баҳогузории натиҷаҳои фаъолияти роҳбарони марказҳои масъулият бо ин роҳ метавонад амалӣ гардонида шавад.

2.3. Ташкили назорати фаъолияти асосии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмон

Истилоҳи «назорати сохтмон» мафҳуми хеле васеъ буда, як самти муҳимтарини ташкили идоракунӣ дар соҳаи сохтмон мебошад.

«Функсияҳои назорати сохтмон аз санҷиши мутобиқати корҳои анҷомдодашуда ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, талаботи меъёрҳои техникӣ,

натиҷаҳои таҳқиқоти муҳандисӣ, талаботи нақшаи шаҳрсозии қитъаи замин, инчунин экспертизаи корҳои кушодаканӣ ва корҳои сохтмонӣ, ошкор намудани камбудиҳои корҳо иборат аст. Назорати сохтмон аз ҷониби шахси иҷрокунандаи сохтмон, аз ҷониби фармоишгар, лоиҳакаш ё муассисаи ваколатдори дорои мутахассисони босалоҳият ва соҳибкасб, ки дар асоси шартнома барои гузаронидани корҳои назоратии сохтмонӣ ҷалб карда мешавад, амалӣ мегардад» [181].

Имрӯзҳо дар баъзе аз ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми назорати дохилӣ расман вуҷуд дорад, вале он ҳам ба таври самаранок амал намекунад. Дар баъзеи ширкатҳои дигар умуман ташкил карда намешавад. Дар чунин ҳолат сармоягузорон ва соҳибмулкон аз хатарҳои дохилӣ ва берунии ба фаъолияти ширкати сохтмонӣ таҳдидкунанда умуман бехабар мемонанд.

Дар субъектҳои хоҷагӣ, аз он ҷумла дар ташкилотҳои сохтмонӣ дилхоҳ менеҷери сатҳи идоракунӣ танҳо ба хатарҳои ба зерсохтори худ таҳдидкунанда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз хавфҳои аз дигар бахшҳо зуҳурёбанда бехабар мемонанд. Бо дарназардошти ин вазъ дар ширкат бояд низоми ягонаи назоратии ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти хоҷагдории ширкатро фарогиранда ташкил карда шавад.

Дар амалия аз рӯйи таъйиноти функсионалӣ, назорати сохтмонро дар маҷмуъ ба назорати дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд.

Назорати дохилии сохтмон аз ҷониби шахси иҷрокунандаи сохтмон (паймонкори асосӣ, зерпаймонкор) амалӣ карда мешавад ва марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- назорати сифати маводди воридшаванда;

- назорати амалиётӣ;

- назорати қабулкунии объект.

Барои ба таври инструменталӣ тасдиқ кардани сифати масолеҳ, корҳо ва конструксияҳои бинокории ба итмом расонидашуда дар ҳамаи марҳилаҳои

номбаршудаи назорат, назорати лабораторӣ ва геодезӣ ҷалб карда мешаванд.

Назорати берунии сохтмон аз ҷониби фармоишгар (фармоишгари техникӣ), ширкати махсусгардонидашуда оид ба назорат, ки дорои иҷозатнома мебошад, ё ин ки мақомоти давлатӣ (назорати давлатии сохтмон[2]) иҷро карда мешавад.

Мо асарҳои илмии соҳавӣ [46; 84] фаъолияти ширкатҳои сохтмонии ватаниро омӯхта, дар расми 2.3.1. нақшаи равиши имконии гузаронидани низоми назоратро дар ширкати сохтмонӣ пешниҳод намудем.

Аз расми 2.3.1. маълум мегардад, ки «дар системаи назоратии ширкати сохтмонӣ ҳам аз ҷумлаи шуъбаҳои дохилӣ ва ҳам аз ҷониби ширкатҳои беруна киҳо иштирок мекунанд ва кадом корҳо иҷро карда мешаванд» [39]. Дар низоми назорати дохилӣ «назорати конструксияҳои сохтмонӣ, маснуот, масолеҳ, назорати истифодабарии таҷҳизот, корҳои сохтмонию васлгарӣ, сифати маводҳои воридшуда, назорати озмоишгоҳӣ, назорати геодезӣ ва дигар корҳо гузаронида мешаванд» [34], ки барои таъмини идоракунии босамари фаъолияти сохтмонӣ, тибқи талабот иҷрошавии корҳо ва ба меъёрҳои лоиҳавӣ мувофиқ будани онҳо мусоидат хоҳад намуд. Татбиқи назорати дохилӣ аз рӯйи моделе, ки мо дар расми 2.3.1 пешниҳод намудаем, ба ҳадафҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва дар маҷмуъ ба мукаммалгардонии низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади тибқи талабот иҷро шудани корҳои сохтмонӣ муайян кардани самтҳои мушаххаси назорат кори муҳим ба шумор рафта, натиҷаи назоратро барои ширкат дар маҷмуъ ҳалкунанда мегардонад. Дар доираи ин таҳқиқот чунин самтҳои назорати корҳо муайян карда шуд:

– санҷиши муҳлат ва эътимоднокии ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорати сифати мавод;

[2] Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мақомоти давлатӣ Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд.

– санҷиши мувофиқ будани нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва лоиҳавӣ муайяншуда бо сифати корҳои иҷрошуда;

– тафтиши риояи қоидаҳои пешбурди кори анбор ва нигоҳдории масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби паймонкор ва фармоишгар;

– назорат аз рӯйи тибқи талабот, пай дар пай ва дар муҳлати муайян иҷрошавии корҳо дар мувофиқа бо нишондодҳои таркиби амалиётҳои технологӣ;

– назорати корҳои кушодаканӣ, назорати қабули иншоот ва инфрасохтори коммуналӣ;

– назорати рафти иҷроиши ҷадвали корӣ, вақти иҷроиши корҳо дар мувофиқа бо фармоишгар;

– назорати кулминатсионии қабули иншооти анҷомёфта ва мутобиқ будани он ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию техникӣ муайяншуда;

– санҷиши нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсолот бо ченаки пулӣ ва аслӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои дар буҷети ширкат тасдиқшуда.



Расми 2.3.1. - Нақшаи ташкилии низоми назорат дар сохтмон
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Дар ҷадвали 2.3.1 натиҷаҳоеро, ки аз рӯйи ҳар як самти кори назоратӣ ба даст меояд, пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 2.3.1 - Иҷрои корҳои назоратӣ ва натиҷа аз рӯйи онҳо дар ширкати сохтмонӣ

№	Самти кори назоратӣ	Натиҷа
1	Санҷиши муҳлат ва эътимоднокии ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорати сифати мавод	Истисно кардани истифодаи масолеҳи сохтмонӣ дар корҳое, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-сметавӣ ва меъёрҳои техникӣ ҷавобгӯ нестанд, инчунин дар сурати аз молрасонҳо пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сифати масолеҳ
2	Тафтиши риояи қоидаҳои анбор ва нигоҳдории масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби паймонкор	Пешгирӣ кардани истифодаи маводҳои вайроншуда, нуқсондор, сохтаю ғайристандартӣ дар объекти сохтмон, инчунин маводҳое, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ мувофиқ нестанд.
3	Назорати сифати корҳои иҷрошуда ва мутобиқати онҳо ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва лоиҳавӣ	Пешгирӣ кардани исрофкорӣ, кафолати сифати корҳои иҷрошуда
4	Санҷиши пуррагӣ ва ба муҳлат мувофиқ будани пайдарҳамӣ ва таркиби амалиётҳои технологӣ, мувофиқи технологияи қабулшуда, инчунин санҷиши дурустии ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорат аз ҷониби паймонкор	Пешгирӣ кардани корҳои нуқсондор, кафолати сифати корҳои иҷрошуда, мунтазам пур кардани китоби сабти корҳо ва ташкили маҷмуи ҳуҷҷатҳои ба истифода додани объекти сохтмонӣ
5	Иштирок дар тафтиши корҳои кушодаканӣ ва қабули фосилавии иншоотҳо ва минтақаҳои шабакаҳои коммуналӣ	Сифати кафолатноки корҳои иҷрошуда ва мувофиқатии онҳо бо лоиҳа, сари вақт нигоҳ доштан, мавҷуд будан ва ташкил кардани маҷмуи ҳуҷҷатҳои тартибдодашуда барои ба истифода додани объекти сохтмонӣ
6	Назорати вақти кор мувофиқи ҷадвали корӣ, ки бо фармоишгар мувофиқа шудааст	Сари вақт супурдани объект, инчунин фоидаи инвеститсионии фармоишгар барои пеш аз муҳлат ба истифода додани лоиҳаи сохтмонӣ
7	Тафтиши ҳаҷми ҳақиқии корҳои иҷрошуда, мувофиқ будан ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ	Пешгирӣ кардани корҳои иловагии беасос иҷрошуда, пардохти музди меҳнат барои корҳои нопурра ва нотамом
8	Назорати қабули мутобиқати иншооти сохтмонии анҷомёфта ба талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва техникӣ	Саривақт ба истифода додани объекти сохтмонӣ аз тарафи гурӯҳи корӣ бо иштироки мақомоти назорати давлатӣ

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Яке аз самтҳои муҳимтарини системаи назорати дохилӣ баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот ва аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ (марказҳои масъулият) мебошад. Баҳисобгирии идоракунии даромадҳо ва хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳое таҳлил карда шаванд, ки саҳми шуъбаҳо ва роҳбарони алоҳида ба натиҷаи умумии ширкати сохтмонӣ ошкор гардад. Даромад, хароҷот, фоида, самаранокии иқтисодӣ, самаранокии сармоягузориҳо ва ғ. аз ҷумлаи чунин нишондиҳандаҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар ширкатҳои сохтмонӣ «мисли дигар субъектҳои иқтисодӣ чор маркази масъулият ҷудо карда мешавад: маркази хароҷот; маркази даромад; маркази фоида; маркази сармоягузорӣ» [34].

Дар ширкатҳои сохтмонӣ объектҳои сохтмонӣ, минтақаҳо ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, бригадаҳо, шуъбаҳои фурӯш, идораҳои маъмурӣ ва ғ. ҳамчун марказҳои масъулият ҳисоб меёбанд, ки онҳоро менеҷерҳо идора мекунанд.

Объектҳои сохтмонӣ ҳамчун марказҳои хароҷот дар ширкатҳое, ки корҳои сохтмонию васлгариро иҷро менамоянд, эътироф карда мешаванд. Роҳбари ҳар як маркази масъулият ба нишондиҳандаҳои барои ӯ муқарраршуда масъул мебошад.

Шумораи марказҳои хароҷот дар ширкатҳои сохтмонӣ хеле зиёд буда (объектҳои сохтмонӣ, минтақаҳо ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, бригадаҳо), ҳиссаи бештари марказҳои масъулиятро ташкил медиҳанд. Роҳбарони марказҳои хароҷот танҳо барои хароҷоти зерсохтори худ масъул буда оид ба ин самати фаъолият дар назди менеҷери сатҳи болоӣ ҳисоботдиҳанда мебошанд. Масалан, барои сарфакорона ва тибқи меъёр истифодабарии масолеҳи сотмонӣ, самаранок истифодабарии вақти корӣ ва ҳайати коргарон, истифодабарии мошину таҷҳизоти сохтмонӣ, сарфакорона истифодабарии сӯзишворӣ ва ғ.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ташкил кардани низоми назорати дохилӣ дар ширкатҳое, ки фаъолияти онҳо ба объектҳои мушаххас ҷудо карда

шудаанд ва аз рӯйи низоми ғайримарказонидашуда онҳо идора карда мешавад, ниҳоят самараи хубро ба бор меорад. Амалияи ширкатҳои пешрафтаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ аз рӯйи ҳар як сохтори дохилии ширкат барои ҳадафҳои гузошташудаи роҳбарият мувофиқ буда, нисбат ба ширкатҳое, ки бо усули маъмулӣ корҳои баҳисобгирӣ ва назоратро пеш мебаранд, дар рушди фаъолият муваффақтаранд Аммо бо вуҷуди бартариҳои ташкили низоми назорат бо равиши мазкур ҳанӯз дар соҳаи сохтмони кишвари мо он татбиқи васеъро пайдо накардааст. Ин ҳолат сабабҳои зеринро дорад:

– То ҳадди зарурӣ рушд накардани заминаҳои методологӣ ва амалии ташкилкунии назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ;

– Дорои салоҳияти пасти касбӣ будани роҳбарони ширкатҳои сохтмонӣ барои табиқи унсурҳои пешрафтаи назорати дохилӣ дар раванди идоракунӣ. Соҳибон ва роҳбарони олии бисёре аз ширкатҳо назоратро ҳамчун бюрократияи маъмурӣ, на ҳамчун абзори афзоиши фоида ва кам кардани хароҷот мешуморанд;

– Таваҷҷуҳ нишон додан танҳо ба иҷрошавии талаботҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз. Қисми бештари ширкатҳои сохтмонӣ низоми баҳисобгирии худро танҳо дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд карда ба иҷрои босалоҳияти равандҳои дигари идоракунӣ, аз он ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ диққати лозимӣ намедиҳанд;

– Мавҷуд будани ҳиссаи баланди муомилоти ғайрирасмӣ. Хусусияти хоси бозори Тоҷикистон ва талаботи мақомоти соҳаи андоз роҳбарияти корхонаҳоро водор мекунад, ки бештари амалиётҳои хоҷагӣ пинҳонӣ сурат гиранд, ки ин ҳолат низ ҷорикунии низоми назорати дохилиро душвор мекунад;

– Набудани кадрҳои баландихтисос. Дар соҳаи мазкур норасогии кадрҳои баландихтисоси идоракунӣ (муҳосибони идоракунӣ, таҳлилгарони

молиявӣ ва иқтисодӣ) ба назар мерасад, ки ҳам дар масъалаҳои идоракунӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, идори молиявӣ ва ҳам дар пешбурди методикаи муосири назорати идоракунӣ тахассус дошта бошанд;

– Дар амал татбиқ набудани усули ғайримарказонидашудаи идоракунӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бартарӣ дорад. Дар ин ҳолат, роҳбарони ширкатҳои бузурги сохтмонӣ, ки объектҳои зиёд доранд, наметавонанд саривақт аз ҷараёни корҳо ва вазъи истифодабарии захираҳо дар минтақаҳои гуногун огоҳ бошанд ва чораҳои заруриро роҳандозӣ кунанд;

– Сатҳи пасти автоматикунонии раванди бақайдгирии амалиётҳо, рақамикунонӣ ва насби таҷҳизотҳои камеравӣ. Шумораи зиёди ширкатҳои сохтмонӣ аз имкониятҳои имрӯзаи рушди технологӣ ва рақамикунонӣ истифода намебаранд, ки он ба заиф гаштани раванди назрати дохилӣ ва талафёбии захираҳову аз дастравии имкониятҳо оварда мрасонад;

– Имкониятҳои маҳдуди молиявии ширкати сохтмонӣ барои татбиқи низоми назорати дохилӣ. Татбиқи он хароҷоти зиёдро талаб мекунад, аз он ҷумла насби низомҳои иттилотии BIM ва ERP, ки на ҳамаи ширкатҳо ин имкониятро доро мебошанд. Оид ба ин низомҳо дар параграфи 3.3 иттилооти муфассал пешниҳод карда мешавад;

– Хусусияти даври тӯлонӣ доштани истеҳсолот. Номуайянии баланди нархҳои масолеҳи сохтмонӣ, таъхир дар маблағгузории сармоягузорон ва харидорон, буҷети дарозмуддат ва назорати амалиётии инҳирофҳои бавуҷудомадаро душвор мегардонад.

Яъне ҷорӣ кардани низоми назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ аз рӯйи марказҳои масъулият ва дигар объектҳо барои бартараф гаштани сабабҳо ва омилҳои монеъшавандаи татбиққунӣ ва рушди назорати дохилӣ мусоидати комил хоҳад намуд.

Моҳияти татбиқи тартиби баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз рӯйи марказҳои масъулият аз он иборат аст, ки ба ғайр аз мақсадҳои умумии ширкати сохтмонӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои зерсохторҳои алоҳидаи он низ

муайян карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти ҳар як зерсохтор дақиқтар арзёбӣ карда шуда, мушкилоти эҳтимолӣ, ки метавонад ба фаъолияти умумии ширкат таъсир расонад, ошкор карда шавад. Илова бар ин, ин муносибат ба роҳбарият имкон медиҳад, ки дар бораи тақсими захираҳо ва сармоягузориҳо дар рушди воҳидҳои алоҳида қарорҳои оқилона қабул кунанд.

Истифодаи тартиби баҳисобгирии марказҳои масъулият низ имкон медиҳад, ки ҳавасмандии коркуноне, ки дар бахшҳо ва зербахшҳои алоҳида кор мекунанд, баланд бардошта шавад. Вақте ки кормандон мефаҳманд, ки кори онҳо ба ҳадафҳои ширкат ва бахши онҳо чӣ гуна таъсир мерасонад, онҳо таваҷҷӯҳи бештарро ба натиҷаҳои фаъолияташон равона мекунанд. Илова бар ин, ин равиш ба менеҷерони зерсохторҳо имкон медиҳад, ки дастаҳои худро бо роҳи муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои дақиқ барои ҳар як корманд ва чен кардани фаъолияти онҳо бо ин ҳадафҳо самараноктар идора кунанд. Ҳамин тариқ, иттилооти баҳисобгирӣ бояд фаъолияти марказҳои масъулиятро дар бар гирифта ба роҳбарияти ширкат барои қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ пешниҳод карда шавад.

Дар системаи назорати дохилӣ равандҳои таҳлилӣ нақши асосӣ ва муҳимтаринро мебозанд. Таҳлил имконият медиҳад, ки далели беэътимод будани ҳисобот ошкор карда шуда, вазъи молиявии ширкат, захираҳои субъекти хоҷагӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодии ширкат муайян карда шаванд.

Дар низоми баҳисобгирии идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ ҷузъигардонии маълумот ва истифода бурдани корҳои таҳлилии ботартиб кори муҳим ҳисоб меёбад.

Муайянкунӣ ва баҳогузории тағйироти мутлақ ва нисбӣ дар бузургии моддаҳои алоҳидаи хароҷот яке аз усулҳои маъмултарини назорати дохилии таҳлилӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ буда тавассути дар ҳисобҳои таҳлилӣ инъикоскунии онҳо барои қабули қарорҳо кӯмаки амалӣ мерасонад. Амалияи

субъектҳои иқтисодӣ, хусусан ширкатҳои сохтмонӣ нишон медиҳад, ки зимни пур кардани феҳристҳои баҳисобгирӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо, инчунин ҳангоми интиқоли маълумотҳо хатоҳои маъмултарин – арифметикӣ ба назар мерасанд. Бартарафкунии чунин ҳолатҳо иҷро кардани амалҳои назоратӣ, аз он ҷумла санҷиши маълумот дар ҳуҷҷатҳоро талаб мекунад.

Зимни гузаронидани корҳои таҳлилӣ тамоюлҳо аз нишондиҳандаҳои буҷетӣ ошкор мегардад. Ҳамчунин барқасдона ва беасос зиёд нишон додани хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯйи баъзе моддаҳои хароҷот дар амалияи ширкатҳои сохтмонӣ баъзан мушоҳида мешавад, ки он ҳангоми таҳлили сохтори арзиши объекти сохтмонӣ муайян мегардад. Таҳлили маблағи хароҷот дар объектҳои сохтмонӣ аз муайян кардани тамоюлҳои хароҷоти воқеӣ аз буҷет барои ҳар як модда оғоз меёбад. Нишондиҳандаҳои ҳисобот оид ба арзиши аслии корҳои сохтмону васлгарӣ банд ба банд бояд иҷро карда шавад.

Тағйирёбии бузургиҳои хароҷот метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошанд. Тафовути мусбат дар бораи истифодаи оқилонаи захираҳои ширкати сохтмонӣ ва тамоюлоти манфӣ бошад барзиёдхарҷӣ дар арзиши аслии нақшавиро (меъёрӣ) нишон медиҳад.

Мо бар он андешаем, ки тартиби таҳлилии назорати дохилии арзиши маҳсулот (кор, хизматрасониҳо) инчунин барои муайян намудани омилҳои алоҳида, ки ба дуршавии арзиши ҳар як модда аз буҷет таъсир расониданд, бояд гузаронида шавад. Дар баробари ин омилҳои объективие, ки ба амал омадаанд, ба назар гирифта мешаванд. Масалан, таъсири омилҳои техникӣ-иктисодӣ ба дараҷаи хароҷот ба моддаҳои арзиши аслӣ. Муҳимтарин омиле, ки ба бузургии моддаи «Ашёи хом ва мавод» ва арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) метавонад таъсир расонад, хароҷоти истеҳсолоти ёрирасони ширкати сохтмонӣ мебошад.

Ғайр аз ин, таҳлил кардан лозим аст, ки масолеҳи барои истеҳсолоти худӣ баровардашуда то чӣ андоза оқилона истифода бурда мешавад ва оё ин ба маълумоти ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ мувофиқат мекунад ё не. Дар

баробари ин нишондиҳандаҳои ҳисобгирии объектҳоро бо маълумоти меъёрҳои сметавию нақшавӣ муқоиса кардан лозим аст. Ба мақсад мувофиқ мебошад, ки ин кор бо роҳи пур кардани феҳристи махсус, ки нишондиҳандаҳои меъёрӣ ва воқеиро пешбинӣ мекунад, ба амал бароварда шавад.

Проблемаи сарфи масолеҳ дар сохтмон яке аз масъалаҳои мураккаб ва масъулиятнок барои менеҷерони ширкат ба шумор меравад, зеро аз сабаби назорати нокифояи он ширкат метавонад ба оқибатҳои зерин дучор шавад:

– барзиёдхарҷӣ дар ҳаҷми масолеҳ;

– фармоиши масолеҳи зиёдатии дар лоиҳа пешбининашуда;

– бекористии истеҳсолот аз сабаби сари вақт ба объектҳои сохтмонӣ наовардани масолеҳ;

– воридшавии масолеҳи пастсифат;

– ҷарима ва ё муҷозот аз ҷониби фармоишгар барои таъхири кори сохтмон.

Барои ташкили назорат аз рӯйи самаранок ва бо ҳадафҳои мувофиқ истифодабарии маводҳои сохтмонӣ дар ширкат омодакунии ҳисоботро оид ба истифодабарии масолеҳҳо аз рӯйи ҳар як намуди корҳои иҷрошуда тавсия менамоем, ки намунаи он дар ҷадвали 2.3.2 оварда шудааст.

Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 2.3.2 овардашуда хароҷоти воқеии масолеҳи дар корҳои сохтмонӣ истифодашуда ҳисоб карда шуда, майлкуниҳо дар бузургии онҳо муайян карда мешаванд.

Ҷадвали 2.3.2. - Шакли ҳисобот дар бораи сарфи масолеҳи асосӣ дар сохтмон нисбат ба сарфи меъёрҳои истеҳсолӣ

Номгӯйи масолеҳ	в.ч	Асосноккунии меъёри сарфи истеҳсолии масолеҳ	Меъёри харочоти масолеҳ ба воҳиди кор	Ҳачми кор ва талаботи меъёрӣ ба масолеҳ	Харочоти меъёрии масолеҳ	Харочоти воқеии масолеҳ	Тамоюл +;-
Мастикаи битумӣ барои болопӯши боми бино	т	МХМ 12-01-002-02	1.26	0.5	0.63	0,65	+0.02
Маҳлул барои чидани хишт, сементдор	$м^3$	МХМ 12-01-002-03	3.06	0.5	1.53	1,6	+0,07
Реги табиӣ барои корҳои сохтмонӣ	$м^3$	МХМ 12-01-002-04	3.06	0.5	1.53	1,55	+0,02
Лентаҳои мустаҳкамкунанда аз углеволокна	м	101-8211	1	100	100	100	-
Эзоҳ: МХМ – меъёри харочоти масолеҳ							

Манбаъ: *адабиёти [84]*.

Қайд кардан бамаврид аст, ки зимни истифодабарии масолеҳи асосӣ ва ёрирасон дар ширкатҳои сохтмонӣ ва тайёр кардани ҳисоботи дар ҷадвали 2.3.3 нишондодашуда риоя кардани меъѐрҳои муқарраршудаи харҷи масолеҳ хеле муҳим аст. Дар асоси омӯзиши асарҳои илмии соҳавӣ ва дастурҳои методӣ намунаи меъёри харҷи масолеҳ ва маводҳои сохтмонӣ, ки дар натиҷаи озмоишҳои техникию лабораторӣ тасдиқ гардидаанд, дар замимаҳои 5-13 пешниҳод карда мешавад.

Дар пояи муайянкунии меъёрҳои сохтмонӣ ва истифодабарии воқеии захираҳои иқтисодӣ ногуфта намонад, ки дар ҳама гуна истеҳсолоти сохтмонӣ новобаста аз усули ташкили истеҳсолот тамоюлот дар арзиш ва бузургии масолеҳи истифодашаванда ҳатман ба миён меояд. Чунон ки амалия нишон медиҳад, тамоюлҳо дар натиҷаи омилҳои гуногун пайдо шуда метавонанд. Масалан, «истифодаи масолеҳи пастсифат боиси зиёд шудани талафот мегардад, ё ин ки раванди беқурбшавӣ ба арзиши захираҳои

истифодашаванда таъсири манфӣ мерасонад» [39].

Тафтиши ғайричашмдошти бақияи масолеҳҳо ва дигар захираҳои иқтисодӣ дар анборҳо ва минтақаҳои сохтмонӣ яке аз усулҳои муҳим ва таъсирбахш дар системаи назорати дохилӣ ҷиҳати муайянкунии тамоюлҳо ва муҳофизати амволи ширкати сохтмонӣ мебошад. Бо ин усул меъёри истифодабарии масолеҳ ва маводҳои сохтмонӣ муайян карда шуда, исрофкорӣ ва талафи беасоси мавод пешгирӣ карда мешавад.

Тартиб додани санадҳои муқоисакунӣ бо контрагентҳо қоидаи дигари муҳимми амалигардонии назорати дохилӣ мебошад, ки он имкон медиҳад эътимоднокии қарзҳои дебиторӣ ва кредитории мавҷуда баланд бардошта шавад.

Хуллас, дар ширкатҳои сохтмонӣ бидуни ташкили низоми назорати дохилӣ барои расидан ба ҳадафҳои муқарраршуда, ноилгардӣ ба натиҷаҳои босамари истеҳсолӣ, сарфакорона истифодабарии маводҳо, самаранок истифодабарии мошину механизмҳои сохтмонӣ аз имкон берун аст.

Назорати арзиши масолеҳи сохтмонӣ барои роҳ надодан ба харидани масолеҳи сохтмонии нолозим ва бартарафкунии барзиёдхарҷӣ дар арзиши масолеҳ зарур аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки он бо ёрии ҳисобот бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ-ҳақиқӣ, ки ҳар моҳ аз ҷониби шахсони масъул тартиб дода мешавад, назорат карда шавад.

Хулоса аз рӯйи боби 2-юм

1. Муайян карда шуд, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ вобаста ба хусусиятҳои соҳавии онҳо ба роҳ монда шуда, пешбурди он дар чор марҳила ба манфиати кор буда, дар бунёди низоми иттилоотии мукаммал нақши ҳалкунандаро мебозад: (1) Ташкил ё марҳилаи тартиб додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ. (2) Марҳилаи баҳисобгирии истеҳсолот – дар он масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ба роҳ монда шуда, арзиши аслӣ ҳисоб карда мешавад.

(3) Марҳилаи ошкоркунии тамоюлҳо, сабабҳо ва роҳҳои бартарафкунии онҳо, ки дар рафти иҷроиши корҳои назоратӣ-санҷишӣ ва таҳлилӣ муайян карда мешаванд. (4) Марҳилаи омодакунии ҳисоботи идоракунӣ, пешниҳоди маълумот ба менеҷерон ва қабули қарорҳои идоракунӣ бо мақсади рафъи тамоюлҳо ва мушкилотҳои пешомада.

2. Барои бунёди мадели бахисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ, аввалан хароҷоти ширкати сохтмонӣ бояд тасниф карда шавад. Зимни баҳисобгирии хароҷот истифода намудани номгӯйи хуҷҷатҳои меъёрии танзими баҳисобгирӣ, ки дар зербоби 2.2. пешниҳод намудем, зарур мебошад. Бо мақсади идоракунии босамараи истеҳсолоти сохтмонӣ ва ташаккули иттилооти таҳлилӣ аз рӯйи ҳар як объект, намуди корҳо, маҳсулот, дар таркиби ҳисобҳои муҳосибии 10730 «Истеҳсолоти нотамом», 10731 «Истеҳсолоти ёрирасон», 10733 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» ҷудо кардани ҳисобҳои таҳлилии дорои якчанд дараҷа тавсия карда мешавад. Яке аз ду усулҳои маъмулии соқиткунии хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ, ки дар амалияи баҳисобгирӣ мавҷуд аст, метавонад дар ширкатҳои сохтмонӣ истифода бурда шаванд: (1) соқиткунии хароҷоти барилова (умумӣ ва маъмурӣ) ба истеҳсолоти нотамом ва 2) соқиткунии хароҷоти барилова ба давраи ҳисоботӣ (натиҷаҳои молиявӣ).

3. Бо мақсади тибқи талабот иҷро шудани корҳои сохтмонӣ муайян кардани самтҳои мушаххаси назорат кори муҳим ба шумор рафта, натиҷаи назоратро барои ширкат дар маҷмуъ ҳалкунанда мегардонад. Дар доираи ин таҳқиқот чунин самтҳои назорати корҳо муайян карда шуд: «санҷиши муҳлат ва эътимоднокии ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои назорати сифати мавод; санҷиши мувофиқ будани нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва лоиҳавӣ муайяншуда бо сифати корҳои иҷрошуда» [39]; тафтиши риояи қоидаҳои пешбурди кори анбор ва нигоҳдории масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби паймонкор ва фармоишгар; назорат аз рӯйи тибқи талабот, пай дар пай ва дар муҳлати муайян иҷрошавии корҳо дар мувофиқа бо нишондодҳои таркиби амалиётҳои технологӣ; назорати корҳои кушодаканӣ, назорати қабули

иншоот ва инфрасохтори коммуналӣ; назорати рафти иҷроиши ҷадвали корӣ, вақти иҷроиши корҳо дар мувофиқа бо фармоишгар; назорати кулминатсионии қабули иншооти анҷомёфта ва мутобиқ будани он ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию техникӣ муайяншуда; санҷиши нишондиҳандаҳои ҳақиқии истеҳсолот бо ченаки пулӣ ва аслӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои дар буҷети ширкат тасдиқшуда.

БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ

3.1. Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз рӯйи сегментҳо

Муддатҳои тӯлонӣ субъектҳои иқтисодӣ нақшаҳои истеҳсолии худро ҳамчун ҷараёни баҳодиҳии ҳатмии даромад ва хароҷоти дарпешистодаи ширкат муаррифӣ менамуданд. Акнун, ки «шароити пешбурди хоҷагидорӣ, усулҳои ташкили корҳо ва талаботи истифодабарандагони ахбор тағйир ёфтааст, ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки барои тартиб додани буҷети ширкат аз роҳу усулҳои наву пешқадам истифода баранд» [34]. Ширкатҳои пешқадами соҳаро лозим меояд, ки даромад ва захираҳои ба он вобастаро ояндабинӣ намуда саҳеҳӣ ва дурустии онро таъмин намоянд. Ин амал на танҳо мақоми банақшагирӣ ва буҷетсозиро баланд мебардорад, балки тарзи оммавии тартибдиҳии ҷадвалҳои гуногун, низоми буҷетҳо ва таъминоти барномавии истеҳсолотро тағйир медиҳад.

Дар робита ба ин «нақш ва мақоми буҷетсозӣ ҳангоми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ баланд мегардад, чунки он барои назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда, раҳнамун сохтани менеҷерони зерсохторҳо ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа кафили устувор мебошад» [39]. Мақоми буҷетсозӣ ҳамчун соҳаи дониш ва ҳамчун унсури таркибии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ дар асарҳои олимони соҳа таҳқиқ гардидааст.

Мо ба андешаҳои Вандина О.Г. комилан розӣ ҳастем, ки Ӯ банақшагириро ҳамчун «функсияи муҳимми идоракунӣ» ва буҷетсозиро «раванди мураккаби банақшагирии фаврӣ» [24, с.166] шуморидааст.

Вахрушина М.А. мафҳуми буҷетро чунин муайян кардааст ва то андозае

мо бо ақидаи Ӯ розӣ шуда метавонем: «Смета (ё ин ки буҷет) ин ҳуҷҷати молиявӣ буда, то иҷрошавии амалҳои муайян тартиб дода мешавад. Ин ояндабинии амалиётҳои молиявии оянда мебошад. Зери мафҳуми буҷетсозӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ раванди банақшагирӣ фаҳмида мешавад. Мувофиқан буҷет (ё ин ки смета) ин нақша мебошад» [56, с. 325]. Буҷетсозӣ дар маънои васеаш ҳамчун маҷмуи равандҳои баҳамалоқаманди банақшагирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти ширкат дар маҷмуъ ва ҳам зерсохторҳои он фаҳмида мешавад.

Муаллифони китоби дарсии баҳисобгирии идоракунӣ буҷетро ҳамчун ифодаи миқдории нақшаи фаъолияти ширкат шуморида қайд менамоянд: «Буҷет ифодаи миқдории нақшаи фаъолияти рушди ширкат, ки аз ҷониби роҳбарият бо рақамҳои мушаххас таҳия шудаанд, мебошад. Дар натиҷаи таҳияи буҷет маълум мегардад, ки ҳангоми тасдиқи ин ё он нақшаи рушди фаъолият ширкат то кадом андоза фоидаро соҳиб мегардад» [83, с. 215].

Мо ба ақидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи олимон оид ба мафҳуми буҷет ва буҷетсозӣ комилан розӣ ҳастем, ки он ҳамчун унсури таркибии банақшагирӣ, воситаи ояндабинии захираҳо, хароҷот ва даромадҳо, василаи назорат аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти менеҷерҳои марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбад.

Нисбат ба андешарониҳои профессор Вахуршина М.А. танҳо илова карданием, ки он амалҳое, ки зимни таҳияи сметаҳо иҷро мегардад, моҳиятан ҳангоми тартибдиҳии буҷетҳо низ аз ин амалҳо кор гирифта мешавад. Танҳо буҷет аз ҷиҳати таркиб нисбат ба смета васеътар мебошад. Яъне аз рӯйи ҳадаф «Смета ин ҳисобкуни (нақша)-и хароҷоти оянда барои иҷро кардани ин ё он кор мебошад» [180]. Инро мо бо он чиз асоснок менамоем, ки буҷети асосии ширкат аз ду қисм иборат аст: буҷети амалиётӣ ва буҷети молиявӣ. Буҷети амалиётӣ дар худ сметаро таҷассум менамояд, яъне он нишондиҳандаҳои фаъолияти ҷории ширкатро (буҷети захираҳои моддӣ, буҷети истеҳсоли маҳсулот, буҷети хароҷоти мустақим, буҷети хароҷоти

барилова, буҷети хароҷоти тиҷоратӣ ва ғ.) дар бар гирифта, марҳилаи охирини он тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар мебошад. Зимни тартибдиҳии сметаҳо бошад, унсурҳои буҷети молиявӣ *(буҷети сармоягузории асосӣ, буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ, буҷети тавозуни муҳосибӣ)* тартиб дода намешаванд. Аз ин хотир мо мафҳуми буҷетро бо смета аз рӯйи ин хусусият ҷудо менамоем. Яъне смета ба маънои томаш буҷети ширкатро ба пуррагӣ ифода карда наметавонад.

Таҳқиқи андешарониҳои олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар самти муайянкунии мафҳуми буҷет ва нақша ошкор гардид, ки олимон таърифҳои ба ҳам монанди гуногунталафузро нисбат ба онҳо пешниҳод менамоянд ва хулосаи мо дар ин росто чунин аст:

Банақшагирӣ – ин ҷараёнест, ки тибқи он стратегияи ширкат барои давраҳои оянда аз нуқтаи назари рушди тиҷорат ва ҳадафҳои молиявии он муқаррар карда мешавад ва одатан якчанд солро дар бар мегирад.

Буҷет, ҳамчун ҳуҷҷати молиявӣ ифодаи миқдорӣ ва арзишии нақша барои давраи муайян (одатан як сол) мебошад. Он метавонад ҳаҷми фурӯши нақшавӣ, ҳаҷми пешбинишудаи захираҳо, ҳар гуна хароҷоти ширкат, дороиҳо, уҳдадориҳо ва гардиши воситаҳои пулиро дар бар гирад. Буҷет ин смета (харҷнома)-и муфассали фаъолияти молиявии ширкат мебошад.

Ҳамаи ин ҷанбаҳои илмиро омӯхта амсилаи ташаккули буҷети асосии ширкати сохтмониро дар расми 3.1.1 тасвир менамоем.



Расми 3.1.1.- Амсилаи ташаккули буҷети асосии ширкати сохтмонӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Аз рӯйи расми 3.1.1 мо мушоҳида менамоем, ки буҷети асосии ширкати сохтмонӣ аз ду қисм иборат аст: буҷети амалиётӣ ва буҷети молиявӣ.

Дар навбати худ буҷети амалиётӣ аз буҷетҳои қисмӣ иборат аст, ки дар расми 3.1.1 номгӯй ва тартиби пайдарпай бунёдшавии онҳо нишон дода шудааст. Буҷети фурӯш марҳилаи аввал ва буҷети фоида ва зарар марҳилаи охирони тартибдиҳии буҷети амалиётӣ мебошанд.

Дар ҳайати буҷети амалиётӣ мо як унсури иловагӣ – “Буҷети хароҷоти тахриби иншооти мавҷудбуда ва пардохти арзиши манзили шаҳрвандон”-ро пешниҳод намудем, ки намунаи тартибдиҳии он дар ҷадвали 3.1.8 нишон дода шудааст. Маҳз бо ҳамин унсури пешниҳодшуда метавон буҷети ширкати сохтмониро аз буҷети дигар ширкатҳои истеҳсолӣ фарқ кард.

Буҷети молиявӣ аз се қисми асосӣ иборат аст:

- буҷети тавозуни муҳосибӣ;
- буҷети ҳаракати востаҳои пулӣ;
- буҷети сармоягузориҳои дарозмуддат.

Амсилаи ташаккули буҷети ширкатро аз рӯйи расми 3.1.1 мушоҳида намуда муайян мекунем, ки пас аз пурра тартибдиҳии ҳамаи унсурҳои буҷети амалиётӣ, сипас буҷети молиявӣ бо се унсури номбаршудааш тартиб дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки «тартибдиҳии буҷетҳо дар ширкати сохтмонӣ вобаста ба марказҳои масъулият агар ба роҳ монда шавад, барои идоракунӣ ва назорати захираҳо дар марказҳои масъулият имконияти воқеӣ ба вуҷуд меояд» [32]. Чунки тибқи ақидаи олимон [27, с. 98; 56, с. 15-16; 83, с.17] маркази масъулият «зерсохтори ширкат мебошад, ки менеҷери он ба идоракунии захираҳои барои ӯ вогузошташуда масъул аст» ва аз рӯйи нишондиҳандаҳои дар буҷетҳо муқарраршуда маҳз масъулият ва натиҷаҳои кори менеҷер муайян мегардад.

Чи тавре ки қайд намудем, марҳилаи аввали буҷети амалиётӣ дар ширкат бо таҳия ва қабули буҷети фурӯш оғоз мегардад ва дар ин зербахши

диссертатсия маҳз мо методикаи тартибдиҳии буҷети амалиётии ширкати сохтмониро баррасӣ хоҳем кард.

Ҳангоми таҳияи буҷети фурӯш аз таҷрибаи солҳои гузашта, «вазъи бозор, нақшаҳои дар пеш истодаи ширкати сохтмонӣ, шартномаҳое, ки бо фармоишгарони гуногун баста шудааст, пешниҳодҳои мутахассисоне, ки талаботи мизоҷон ва харидоронро ба маҳсулоти сохтмонӣ таҳлил мекунанд, - машварати сардори раёсати сохтмони асосӣ ва сармоягузорӣ истифода бурдан зарур аст» [34].

Мо дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди тартибдиҳии буҷети амалиётии ширкати сохтмонии ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз»-ро бо тартиби зайл пешниҳод менамоем. Тартибдиҳии буҷети фурӯш барои соли 2023 аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулоти сохтмонӣ иҷро карда мешавад (ҷадали 3.1.1).

Дар ҷадвали 3.1.1 маълумот оид ба ду объекти бунёдшавандаи ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз», яке дар шаҳри Душанбе – объекти №1 ва дигаре дар шаҳри Ҳисор – объекти №2 пешниҳод карда шудааст. Аз рӯйи объекти №1 фурӯши 1100 м^2 масоҳати бино бо нархи 11000 сомонӣ ва аз рӯйи объекти №2 фурӯши 4200 м^2 масоҳати бинои истиқоматӣ бо арзиши 5500 сомонӣ барои ҳар 1 м^2 дар соли 2023 ба нақша гирифта шуд.

Ҷадвали 3.1.1. - Буҷети фурӯш дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Номгуи объектҳои сохтмонӣ	Ҳаҷми фурӯш, м^2	Нархи фурӯш, м^2 / сомонӣ	Маблағ, сомонӣ
Объекти №1 (ш. Душанбе)	1100	11000	12 100 000
Объекти №2 (ш. Ҳисор)	4200	5500	23 100 000
Ҳамагӣ			35 200 000

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Бояд зикр намуд, ки тибқи лоиҳа масоҳати умумии объекти №1 дар шаҳри Душанбе 1100 м^2 ва масоҳати умумии бинои истиқоматӣ дар шаҳри Ҳисор 7200 м^2-ро дар бар мегиранд.

Тибқи амсилаи дар расми 3.1.1 нишондодашуда пас аз тартиб додани

буҷети фурӯш марҳилаи тартибдиҳии буҷети истеҳсол аз рӯйи ҳар як объекти сохтмонӣ оғоз мегардад, ки намунаи онро дар ҷадвали 3.1.2 пешкаш менамоем.

Ҳангоми тартибдиҳии буҷети истеҳсол бояд масоҳати сохтмонии тайёрбуда, ки аз соли гузашта боқӣ мондаанд, ё ин ки фурӯхта нашудаанд, ба инобат гирифта шавад. Дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» масоҳати сохташудаи фурӯхтанашуда дар давраи гузаштаи ҳисоботӣ аз рӯйи объекти №1 100 м^2 ва аз рӯйи объекти №2 1000 м^2-ро ташкил додааст. Аз ин рӯ ҳаҷми банақшагирифтаи истеҳсол барои объекти №1 1000 м^2 (1100-100) ва барои объекти №2 3200 м^2 (4200-1000)-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми бақияи маҳсулоти тайёре, ки бояд дар охири соли банақшагирифташаванда ҳамчун бақияи маҳсулоти тайёр барои аввали соли баъд аз соли банақшагирифташаванда боқӣ монад, ба сифр баробар аст.

Ҷадвали 3.1.2. - Буҷети истеҳсол дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Номгӯи корҳои сохтмонӣ	Объекти №1 (ш. Душанбе)		Объекти №2 (ш. Ҳисор)	
	Аз рӯйи масоҳат, м^2	Аз рӯйи арзиши аслӣ	Аз рӯйи масоҳат, м^2	Аз рӯйи арзиши аслӣ
Масоҳати сохташудаи боқимонда аз соли гузашта,	100	605000 (6050 сомонӣ ба 1 м^2)	1000	4050000 (4050 сомонӣ ба 1 м^2)
Ҳаҷми банақшагирифтаи фурӯш дар давоми сол, м^2	1100	Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад	4200	Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад
Ҳаҷми масоҳати сохташаванда дар давоми сол, м^2	1000	Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад	3200	Дар раванди тартибдиҳии буҷет муайян карда мешавад

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Марҳилаи дигар дар раванди буҷетсозӣ пас аз муайян шудани миқдори маҳсулоти истеҳсолшаванда омодакунии *буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ, буҷети хароҷоти меҳнатӣ, буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ,* ки аз унсурҳои асосии буҷети хароҷоти истеҳсолот ҳисоб меёбанд, мебошад.

Дар ҷадвалҳои 3.1.3. ва 3.1.4. тартиб додани буҷети хароҷоти масолеҳи

асосӣ барои соли 2023 ҳам бо ченаки миқдорӣ ва ҳам бо ченаки пулӣ пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки зимни тайёр кардани буҷети истеҳсоли маҳсулот, ки ҳадафаш муайян кардани арзиши аслии 1 м^2 масоҳати сохтмонии бунёдшуда мебошад, аз меъёрҳои муқарраргардидаи хароҷоти сохтмонӣ, ки аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар як се моҳ як маротиба тасдиқ мешавад, истифода бурдан зарур аст.

Ҷадвали 3.1.3 - Буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023 (бо ченаки миқдорӣ)

	Объекти №1 (ш. Душанбе)			Объекти №2 (ш. Ҳисор)			Ҳамагӣ
	Хароҷот ба 1 м^2	Ба ҳаҷми умумӣ	Ҳамагӣ	Хароҷот ба 1 м^2	Ба ҳаҷми умумӣ	Ҳамагӣ	
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*	*7*	*8 (С4+С7)*
Бетон, м^3	0,3 м^3	1000 м^2	300 м^3	0,3 м^3	3200 м^2	960 м^3	1260 м^3
Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна	0,175 т дар 1 м^3 бетон	дар 300 м^3 бетон	52,5 т	0,175 т дар 1 м^3 бетон	дар 960 м^3 бетон	168 т	220,5 т
Хишти сабук, м^3	0,26 м^3 дар 1 м^2	1000 м^2	260 м^3	0,26	3200 м^2	832 м^3	1092 м^3

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Аз рӯйи хусусиятҳои технологии истеҳсолоти сохтмонӣ, саҳми хароҷоти ашёҳои моддӣ дар ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сохтмонӣ, ҳамчунин саҳми онҳо дар башаклдарории биноҳои сохташаванда дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» се намуди ашёҳои сохтмонӣ *(бетон, арматура, хишти сабук)* ҳамчун масолеҳи асосӣ эътироф карда мешавад. Маълумоти ҷадвали 3.1.4 нишон медиҳанд, ки вазни аз ҳама зиёдро дар ҳайати хароҷоти масолеҳи асосӣ зимни бунёди сохтмонҳои оҳану бетонӣ хароҷоти металл (арматура – 3087000 смонӣ) ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки руйхати ашёҳое, ки дар ҷадвали 3.1.4 пешниҳод шудааст, метавонад бо ин шумора дар ширкатҳои сохтмонӣ маҳдуд нагардад. Яъне ба ин феҳрасти хароҷоти масолеҳи асосӣ метавонад

масолеҳҳои дигар низ, ки дар ҳайати арзиши аслии корҳои сохтмонӣ вазни назаррасро ишғол мекунанд, илова карда шавад.

Ҷадвали 3.1.4. - Буҷети хароҷоти масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023 (бо сомонӣ)

	Объекти №1 (ш. Душанбе)			Объекти №2 (ш. Ҳисор)			Ҳамагӣ, сомонӣ
	Хароҷот ба 1000 $м^2$	Нарх, сомонӣ	Маблағ, сомонӣ	Хароҷот ба 3200 $м^2$	Нарх, сомонӣ	Маблағ, сомонӣ	
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*	*7*	*8*
Бетон, $м^3$	300	600	180000	960	600	576000	756000
Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна	52,5	14000	735000	168	14000	2352000	3087000
Хишти сабук, $м^3$	260	600	156000	832	600	499200	655200
Ҳамагӣ, сомонӣ	-	-	1071000	-	-	3427200	4498200

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Дар вақти тайёр кардани буҷети хароҷоти масолеҳӣ тайёр кардани буҷети хариди масолеҳ низ зарур аст, ки намунаи онро мо дар ҷадвали 3.1.5 пешниҳод менамоем. Ҳангоми тайёр кардани буҷети хариди масолеҳ ба инобат гирифтани бақияи масолеҳ ва талабот ба масолеҳ дар давраи банақшагирифташаванда муҳим аст.

Ҷадвали 3.1.5. - Буҷети хариди масолеҳи асосӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

1	Бакия дар аввал	Ҳамагӣ лозим аст	Хариди воқеӣ	Нарх	Маблағ
Бетон, $м^3$	-	1260	1260	600	756000
Арматура, тонна	10	220,5	210,5	14000	2947000
Хишти сабук, $м^3$	92	1092	1000	600	600000
Ҳамагӣ бояд масолеҳ харид карда шавад	-	-	-	-	*4303000*

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Марҳилаи навбатии ҳисобкунии арзиши аслии буҷетии маҳсулоти сохтмонӣ тайёркунии буҷети хароҷоти музди меҳнати асосӣ мебошад (Ҷадвали 3.1.6).

Дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» ба ҳайати коргарони асосӣ ҳамаи он коргароне, ки бевосита дар иҷрои корҳои сохтмонӣ иштирок мекунанд

(устоҳо, бетонрезҳо, хиштчинҳо, арматурчиҳо), дохил карда мешаванд. Хароҷоти музди меҳнати коргарони ёрирасон, механикҳо, фаррошҳо, муҳофизонро ба таркиби хароҷоти умумистеҳсолӣ дохил намудем. Аз рӯйи меъёрҳо ва қойидаҳои сохтмонӣ ҳисоб карда шуд, ки барои иҷроиши корҳои гуногуни сохтмонӣ дар ҳар як м^2 масоҳат ба ҳисоби миёна 8 соат вақт лозим аст. Мувофиқан барои бунёди 1000 м^2 масоҳати объекти №1 8000 соат, ё ин ки 240000 сомонӣ ва барои бунёди 3200 м^2 объекти №2 25600 соат вақти корӣ ё ин ки 768000 сомонӣ сарф мешавад.

Ҷадвали 3.1.6 - Буҷети хароҷоти музди меҳнати асосӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

	Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, м^2	Хароҷоти вақти корӣ, ба 1 м^2/соат	Ҳамагӣ	Нархи 1 соат	Хамагӣ, сомонӣ
1	*2*	*3*	*4*	*8*	
Объекти №1 (ш. Душанбе)	1000	8	8000	30	240000
Объекти №2 (ш. Ҳисор)	3200	8	25600	30	768000
Ҳамагӣ	4200	-	33600	30	1080000

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Дар ҷадвали 3.1.7 руйхати корҳо ва хароҷоте оварда шудаст, ки онҳо аз рӯйи моҳият хароҷоти умумиистеҳсолии ширкати сохтмониро ташкил медиҳанд. Ногуфта намонад, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ маблағи хароҷоти умумиистеҳсолӣ дар таркиби арзиши аслӣ вазни хеле назаррасро ишғол менамояд, ки аз ин ҳолат рақамҳои дар ҷадвали 3.1.7 овардашуда шаҳодат медиҳанд.

Ҷадвали 3.1.7. - Буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

	Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ
1	*2*	*3*	*4*
Нерӯи барқ	11000	35000	46000
Хароҷоти хизматрасонии об	12000	22000	34000
Сӯзишоврӣ	1600	4500	6100
Ташхиси экологӣ	9000	14000	23000
Ташхиси техникӣ ва сифат	12400	32000	44400
Тозакунии маҳал ва бунёди девори муҳофизатии сохтмон	26000	45000	71000

Идомаи ҷадвали 3.1.7.

Хароҷоти кандани замин барои таҳхона	73200	155400	228600
Хароҷоти бунёди таҳкурсии бино, $м^3$ (1000×124,3=124300)* (3200×135=432000)*	124300	432000	556300
Насби низоми ҳавокашӣ	18450	43240	61690
Насби низоми обтаъминкунӣ ва канализатсия	-	71250	71250
Насби низоми гармидиҳӣ	-	65400	65400
Хулосаи бехатарии сӯхтор	3460	9640	13100
Насби таъминоти низоми барқ	12300	41600	53900
Масолеҳи ёрирасон, аз он ҷумла дару тирезаҳо	695650	2016740	2712390
Музди меҳнати коргарони умумиистеҳсолӣ, ёрирасон ва хизматрасон	115600	345600	461200
Фарсудашавӣ ва хизмати техникии мошин ва таҷҳизот Мошин-соат/сомонӣ	8450	244600	253050
Тайёркунии шиносномаҳои техникӣ	44230	158400	202630
Ҳамагӣ хароҷоти умумиистеҳсолӣ, сомонӣ	**1167640**	**3736370**	**4904010**
Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, $м^2$	**1000**	**3200**	**4200**
Ба ҳар як $м^2$	**1167,64**	**1167,61**	**1167,62**
**Хароҷоти умумии тайёркунии таҳкурсӣ ба миқдори умумии масоҳати бинои сохташаванда тақсим карда шуда, ба ҳар 1 $м^2$ масоҳат ҳосил шуд:* *барои объекти №1 (ш. Душанбе) – 124,3 сомонӣ* *барои объекти №2 (ш. Ҳисор)– 135 сомонӣ*			

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Ногуфта намонад, ки дар амалияи ширкатҳои сохтмонӣ ҳолатҳое дучор меоянд, ки барои ширкат сарбории зиёдеро дар таркиби хароҷоти амалиётӣ ба миён меоранд. Ин ҳолат ба кӯчонидани истиқоматкунандагони биноҳои кӯҳнаи истиқоматӣ, ки дар ҷойи зисти онҳо бинои нав сохта мешавад ва иҷорапулиҳои пардохтшаванда ба ин истиқоматкунандагон барои зисти муваққатиашон то омода гаштани бинои истиқоматии нав вобастагӣ дорад. Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни арзиши манзили истиқоматии шаҳрванд, ки барҳам дода мешавад, аслан бо ду усул рӯйпуш карда мешавад: якум, маблағи хонаи истиқоматии шаҳрваанд бо розигии тарафайн ҷуброн карда мешавад, дуюм, ё ин ки дар заминаи масоҳати манзили истиқоматии шаҳрванд ба ӯ аз бинои нав дар мувофиқа бо меъёрҳои иловагии муқарраршуда манзили истиқоматии нав ҷудо кард мешавад. Дар ҳар ду ҳолат ин гуна хароҷот ҳамчун хароҷоти мустақим ҳисоб ёфта, он пурра ба

арзиши биноҳои навсохташаванда мувофиқан бояд соқит карда шаванд.

Дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» зимни бунёди ҳар ду объекти сохтмонӣ ҳолатҳои дар боло зикршуда ҷой доранд. Аз ин рӯ, буҷети хароҷот марбут ба ҷуброни арзиши манзили истиқоматкунандагон ва пардохти иҷорапулии зисти муваққатии онҳоро низ тартиб медиҳем (Ҷадвали 3.1.8)

Ҷадвали 3.1.8. - Буҷети хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шахрвандон дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023, сомонӣ

№		Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ
1	*2*	*3*	*4*	*5*
1	Пардохти арзиши манзили истиқоматӣ, ҳамагӣ, сомонӣ	3300000	5292000	8592000
2	Ба 1 м^{2,} сомонӣ	3300000 ÷1100=3000	5292000 ÷ 7200 = 735	8592000÷8300 =1035,18
3	Дар буҷети соли ҷорӣ	3000×1000 =3000000	735 × 3200 =2352000	5352000
4	Пардохти иҷорапулӣ барои зисти муваққатии шаҳрвандон	Пардохти иҷорапулӣ мавҷуд нест	1728000	1728000
5	**Ҳамагӣ, сомонӣ**	**3000000**	**4080000**	**7080000**

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ (барилова) дар ширкатҳои сохтмонӣ омили иловагии унсури арзиши аслӣ, буда муайянкунии бузургии он мушоҳидакунӣ ва таҳлилу ҳисобкуниҳои зиёдро талаб мекунад. Бояд зикр кард, ки муайян кардани бузургии аниқи хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ, ҳамчунин бузургии хароҷоти тиҷоратӣ дар шароити зудивазшавии нархҳо, тарофаҳо ва дигар омилҳо аз имкон берун аст. Илова бар ин ивазшавии санадҳои меъёрӣ, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо метавонанд, меъёри кору хизматрасониҳои давлатӣ пешбинӣ шавад, барои субъектҳои иқтисодӣ номаълум боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, зимни тартибдиҳии буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хароҷоти тиҷоратӣ ба ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» тавсия дода мешавад, ки аз таҷрибаи солҳои гузашта ё ин ки аз меъёрҳои миёнасоҳавии хароҷоти маъмурӣ ва фурӯш истифода бурда шавад. Феҳрасти хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ ва фурӯш дар замимаи 4 оварда шудааст.

Ҳамин тавр хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ дар соли банақшагирифташаванда 1953000 сомониро ташкил дод, ки ба ҳар 1 м^2 масоҳати сохташаванда 465 (1953000÷4200) сомонӣ рост меояд. Буҷети хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ

(барилова)-ро дар ҷадваи 3.1.9 пешниҳод мекунем.

Ҷадвали 3.1.9 - Буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ (барилова) дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Объекти сохтмонӣ	Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, м^2	Ба ҳар 1 м^2	Ҳамагӣ, сомонӣ
1	*2*	*3*	*4*
Объекти №1 (ш. Душанбе)	1000	465	465000
Объекти №2 (ш. Ҳисор)	3200	465	1488000
Ҳамагӣ	4200	465	1953000

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Хароҷоти тиҷоратӣ мисли хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ дар ҳаҷми 462000 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, ба ҳар 1м^2 110 сомонӣ рост меояд (Ҷадвали 3.1.10).

Ҷадвали 3.1.10.-Буҷети хароҷоти тиҷоратӣ дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Объекти сохтмонӣ	Масоҳати бинои сохташаванда дар давоми сол, м^2	Ба ҳар 1 м^2	Ҳамагӣ
1	*2*	*3*	*4*
Объекти №1 (ш. Душанбе)	1000	110	110000
Объекти №2 (ш. Ҳисор)	3200	110	352000
Ҳамагӣ, сомонӣ	4200	110	462000

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Бо мақсади фарогирии тамоми амалиёти хоҷагидории ба натиҷаҳои молиявӣ таъсиркунанда дар ширкати сохтмонӣ тавсия карда мешавад, ки хароҷоти ғайриамалиётӣ ва ғайричашмдошт (пардохти фоизҳо, зарар аз фарқияти қурби асъор, ҷарима, муҷозот ва ғ.) низ ба инобат гирифта шуда дар буҷети ширкат муайян карда шаванд. Вобаста ба таҷрибаи солҳои гузашта маблағи хароҷоти ғайриамалиётӣ ва ғайричашмдошт барои давраи банақшагирифташаванда 189040 сомонӣ муайян карда шуд (Ҷадвали 3.1.11).

Ҷадвали 3.1.11. - Буҷети хароҷоти дигар (ғайриамалиётӣ) дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Объекти сохтмонӣ	Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ
1	*2*	*3*	*4*
Хароҷоти фоизи қарз	23810	76190	100000
Дигар хароҷоти ғайриамалиётӣ	21200	67840	89040
Ҳамагӣ, сомонӣ	45010	144030	189040

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Пас аз тартибдиҳии буҷети истеҳсоли маҳсулот дар заминаи хароҷоти масолеҳӣ, меҳнатӣ ва умумиистеҳсолӣ, хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон, ҳамчунин бо илова кардани хароҷоти маъмурӣ-хоҷагӣ, тиҷоратӣ ва хароҷоти ғайриамалиётӣ тайёркунии буҷети арзиши аслии пурраи маҳсулоти истеҳсолшаванда оғоз мегардад. Дар ҷадвали 3.1.12 намунаи он пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 3.1.12. - Буҷети арзиши аслии пурраи маҳсулоти истеҳсолшаванда (1 м^2 масоҳати бино) дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

	Ишора ба ҷадвал	Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ	Бо %*
2	*3*	*4*	*5*	*6*	*7*
Хароҷоти масолеҳи асосӣ, аз он ҷумла:	*Ҷадвали 3.1.4.*	**1071000**	**3427200**	**4498200**	**22,38**
Бетон, м^3	*Ҷадвали 3.1.4.*	180000	576000	756000	-
Арматура, қ. 6, 16, 20 мм, тонна	*Ҷадвали 3.1.4.*	735000	2352000	3087000	-
Хишти сабук, м^3	*Ҷадвали 3.1.4.*	156000	499200	655200	-
Музди меҳнати асосӣ	*Ҷадвали 3.1.6.*	240000	768000	1008000	5,02
Хароҷоти умумиистеҳсолӣ	*Ҷадвали 3.1.7.*	1167640	3736370	4904010	24,40
Хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон	*Ҷадвали 3.1.8.*	3000000	4080000	7080000	35,23
Ҳамагӣ арзиши аслии истеҳсолӣ (С.1+С.5+С.6+С.7)	-	**2478640**	**7931570**	**10410210**	-
Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ	*Ҷадвали 3.1.9.*	465000	1488000	1953000	9,72

					Идомаи ҷадвали 3.1.12.
Хароҷоти тиҷоратӣ	*Ҷадвали 3.1.10.*	110000	352000	462000	2,30
Дигар хароҷот	*Ҷадвали 3.1.11.*	45010	144030	189040	0,95
Ҳамагӣ, арзиши аслии истеҳсолии пурра (С.8+ +С.9+С10+С.11)	-	**6098650**	**13995600**	**20094250**	**100***
Миқдори масоҳати сохташаванда, м^2	*Ҷадвали 3.1.2.*	1000	3200	4200	-
Ба ҳар 1 м^2		**6098,65**	**4373,63**	**4784,35**	-
*20094250= 100%					

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 3.1.12 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти сохтмонии банақшагирифташуда вазни аз ҳама бештарро хароҷоти ҷуброни арзиши манзилҳои тахрибшудаи шаҳрвандон (35,23%), хароҷоти умумиистеҳсолӣ (24,4%) ва хароҷоти масолеҳи асосӣ (22,38%) ташкил медиҳанд, ки дар маҷмуъ онҳо беш аз 82 %-и хароҷоти умумии ширкати сохтмониро дар бар мегиранд. Бинобар ин ба роҳбарият ва менеҷерони вобастаи ширкати сохтмонӣ зарур аст, ки корҳои назоратию санҷишӣ, таҳлилӣ ва чорабиниҳои босамарро ҷиҳати кам кардани хароҷот дар самтҳои зикршуда ҷиддӣ баррасӣ намоянд.

Муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда барои ҳисоб кардани натиҷаҳои молиявӣ-хоҷагидории ширкати сохтмонӣ раванди асосии корҳои баҳисобгирӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад буҷети арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматарсониҳо)-и сохтмонӣ тартиб дода мешавад, ки намунаи онро мо дар ҷадвали 3.1.13 пешниҳод мекунем.

Ҷадвали 3.1.13. - Буҷети арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташаванда дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

Нишондиҳандаҳо	Ишора ба ҷадвал	Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ
2	3	4	5	6
Арзиши аслии истеҳсолӣ:				
Маҳсули кори соли гузашта, ки бояд имсол фурӯхта шавад.	Ҷадвали 3.1.2	605000	4050000	4655000

				Идомаи ҷадвали 3.1.13.
Маҳсули кори соли ҷорӣ	Сатри 8, ҷадвали 3.1.12	2478640	7931570	10410210
Ҳамагӣ, арзиши аслии маҷмуи маҳсулоти фурӯхташаванда		**3083640**	**11981570**	**15065210**

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Аз маълумоти дар ҷадвали 3.1.13 овардашуда маълум мегардад, ки арзиши аслии маҳслоти фурӯхташаванда аз ду бузургӣ иборат аст: аз масоҳати биноҳои сохташуда дар соли гузашта ва аз масоҳатҳои сохташуда дар соли ҷорӣ. Тибқи нақша ҳамаи маҳсулоти дар соли ҷорӣ сохташаванда бояд фурӯхта шаванд.

Тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар марҳилаи охирини таҳияи буҷети амалиётии ширкат мебошад, ки тартиби онро дар ҷадвали 3.1.14 нишон медиҳем. Ҳангоми тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар хусусиятҳои даромадҳо ва хароҷот, муносибати хароҷот ба ташаккули арзиши аслии истеҳсолӣ ва арзиши пурра ба назар гирифта шуда, буҷети мазкур ҷузъ ба ҷузъ омода карда шавад.

Ҷадвали 3.1.14. - Буҷети фоида ва зарар дар ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» барои соли 2023

№	Объекти сохтмонӣ	Ишора ба ҷадвал	Объекти №1 (ш. Душанбе)	Объекти №2 (ш. Ҳисор)	Ҳамагӣ
	1	*2*	*3*	*4*	*5*
1	**Даромад аз фурӯш**	**Ҷадвали 3.1.1**	**1100×11000= 12 100 000**	**4200×5500= 23 100 000**	**35 200 000**
2	Арзиши аслии маҷмуи маҳсулоти фурӯхташаванда	Ҷадвали 3.1.13	3083640	11981570	15065210
3	**Фоидаи умумӣ**		**9016360**	**11118430**	**20134790**
4	**Хароҷоти амалиётӣ:** хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ;	Ҷадвали 3.1.9.	465000	1488000	1953000
	хароҷоти тиҷоратӣ;	Ҷадвали 3.1.10.	110000	352000	462000
	дигар хароҷот	Ҷадвали 3.1.11.	45010	144030	189040
5	**Ҳамагӣ хароҷоти амалиётӣ:**		**620010**	**1984030**	**2604040**

Идомаи ҷадвали 3.1.14.

6	Фоидаи андозбанди-шаванда		**8396350**	**9134400**	**17530750**
7	Андоз аз фоида,18%		1511343	1644192	3155535
8	**Фоидаи соф**		**6885007**	**7490208**	**14375215**

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз».*

Бо тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар буҷети амалиётии ширкати сохтмонӣ пурра мегардад. Буҷетҳои тартибдодашуда имконият фароҳам меоранд, ки фаъолияти амалиётии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи ҳар як объектҳои сохташванда вобаста ба сметаҳои тасдиқшуда метавонад зери назорат гирифта шавад.

Ҳамин тариқ, барои бештар шаффоф гардонидани раванди истифодабарии захираҳо, назорат аз рӯйи тамоюлоти ҳосилшуда дар сметаҳои буҷетӣ, ошкоркунии сабабҳо ва бартарафкунии тамоюлот, баҳодиҳии фаъолияти марказҳои масъулият ва менеҷерҳои онҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бояд системаи банақшагирии молиявӣ дар намуди тартибдиҳии буҷетҳо бунёд карда шавад.

Раванди тартиб додани буҷет бо раванди назорати иҷрои буҷет алоқамандии зич дорад. Дар баробари тасдиқ гаштани лоиҳаи хароҷоти ширкати сохтмонӣ, ки даври пурраи иҷрошавии объекти сохтмонро фарогир мебошад, ба ширкатҳои сохтмонӣ тавсия дода мешавад, ки низоми таҳияи буҷетро давра ба давра бо унсурҳои асосиаш тартиб диҳанд, ки ин амал барои назорати иҷрои корҳо, самаранокии истифодабарии захираҳо ва тибқи смета бунёдшавии объекти сохтмонӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

3.2. Ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ

Баҳисобгирӣ аз рӯйи сегментҳо ва ё тайёркунии ҳисоботи сегментӣ яке аз бахшҳо ё унсурҳои системаи баҳисобгирии муҳосибии ширкат мебошад.

Сегмент ҳамчун истилоҳи байналмилалӣ хоси забони лотинӣ («segmentum») [182] буда маънои «бахш» ё «қисме аз доира»-ро ифода менамояд. Дар илми иқтисодӣ он бахш, ё самте дар соҳаи муайян, фаъолият,

зерсохтори мушаххаси ширкатро дар назар дорад. Ба андешаи мо сегмент шохаи алоҳидаи ширкат мебошад, ки «ба фаъолияти мушаххас ва махсусгардонидашуда нигаронида шудааст ва оид ба рафти иҷрои корҳо ва натиҷаҳои он дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ маълумот омода карда мешавад» [32], ки онро ҳамчун баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ меноманд.

Омӯзиши асарҳои илмӣ дар соҳаи баҳисобгирӣ имкон дод муайян кунем, ки «таҳқиқоти судманд дар самти муайянкунии мафҳум ва моҳияти ҳисоботи сегментӣ анҷом дода шудааст, ки онҳо мубрам будани масъалаи мазкурро дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ менамоянд» [39]. Дар раобита ба ин зарурият пеш меояд, ки барои мукаммалгардонии методикаи таъминоти иттилоотии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи сегментҳои фаъолият мафҳум, таъйинот ва моҳияти баҳисобгирии сегментиро ошкор намудан кори муҳим аст.

Ин ҷо таърифҳои муаллифии як қатор олимонро оид ба муайянкунии мафҳум, моҳият ва таъйиноти баҳисобгирии сегментӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳем. Ба андешаи Касянова Г.Ю. сегмент «ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти ширкат дар шароити муайяни иқтисодӣ» [127, с.31] буда, омодакунии ҳисобот аз рӯйи ин ҷузъҳо ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ мувофиқат менамояд. А.А. Соколов ҳисоботи сегментиро «қисми ҳисоботи дохилӣ (идоракунӣ), ё ин ки ҳисоботи мустақил оид ба бахшҳои кори ширкат бо мақсади таъмини истифодабарндагони дохилӣ бо маълумоти лозимӣ дар бораи бахшҳои тиҷорат барои қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ ва амалигардонии функсияҳои идоракунӣ» [90, с. 12] меҳисобад.

Тибқи андешаҳои Герасимова Л.Н. «Сегмент ин қисми ширкат мебошад, ки вобаста ба таркиби идоракунӣ ва ташкилии ширкат ҷудо карда мешавад, яъне он қисме дар назар дошта мешавад, ки оид ба хароҷот, даромад ё ин ки фоидаи он ба роҳбарият иттилооти лозимӣ дастрас бошад» [119, с. 21].

Вахрушина М.А. дар ҷойи дигар сегментро ҳамчун зербахшҳои

алоҳидаи субъекти иқтисодӣ шуморида тартибдиҳии ҳисоботро аз рӯйи фаъолияти онҳо зарур мешуморад: «Зери мафҳуми ҳисоботи сегментӣ он ҳисоботи ширкат фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи бахшҳои алоҳидаи фаъолият тартиб дода шудааст. Чунин ҳисобот имконият медиҳад, ки фоидаи зербахшҳои алоҳидаи ширкат баланд бардошта шуда, хавфҳо коҳиш дода шавад» [57].

Коляго М.Д. ҳисоботи сегментиро ҳамчун василае байни ҳисоботи дохилӣ ва ҳисоботи берунӣ (молиявӣ) тасвир намуда қайд мекунад: «Ҳисоботи сегментӣ байни ҳисоботи дохилӣ ва ҳисоботи берунӣ мавқеи мобайниро ишғол намуда, пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявиро такмил медиҳад. Ҳисоботи сегментӣ то андозае беҳтару хубтар вазифаҳои баҳисобгирии идоракуниро ҳал мекунад: пешниҳоди иттилооти пурра ба истифодабарнадгони дохилӣ барои таҳлил ва баҳогузории истифодаи босамари захираҳо, банақшагирӣ ва назорат аз рӯйи ҳаракати тамоми воситаҳои субъекти иқтисодӣ дар доираи он сурат мегирад» [128, с.13].

Ба андеши мо, истифодабарии консепсияҳои муаллифии таҳияшуда оид ба сегментҳо, сегментикунонӣ ва ҳисоботи сегментӣ барои ширкатҳои сохтмонии бузургҳаҷм, ки дар онҳо имкониятҳои ҷудокунии фаъолияти корхона ба зербахшҳои таркибӣ, аз он ҷумла минтақаҳои истеҳсолӣ, коргоҳҳо, объектҳои сохтмонӣ, бахшҳои хизматрасон ва ғ. мавҷуд аст, комилан мувофиқ ва мубрам буда, моҳияти тайёркунии ҳисобот аз рӯйи онҳоро пурра ошкор менамоянд.

Сегментҳо бояд ҳамчун бахшҳои таркибии як ширкати том зери роҳбарии менеҷер дар пешбурди фаъолияти ширкат нақши муайянро иҷро намуда, саҳми онҳо дар маҷмуи даромадҳои ширкат ошкор карда шуда, оид ба фаъолияти сегмент ҳисобот ба менеҷери роҳбарикунандаи сатҳи болоӣ пешниҳод карда шавад.

Бунёди амсилаи ҳисоботи сегментӣ шароит фароҳам меорад, ки ширкат

як қатор муаммоҳоеро, ки ҳамарӯза пеш меояд, бартараф кунад.

Масъалаҳои ҷудокунии фаъолияти ширкат ба сегментҳои амалиётӣ ва пешниҳоди иттилоот оид ба онҳо дар Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ низ баррасӣ гардидааст, ки бо ин ҳадаф стандарти алоҳида – СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» масъалаҳои зикршударо ба танзим медарорад. Ин стандарт ду шакли сегментҳоро (*сегменти амалиётӣ ва сегменти ҷуғрофӣ)* муайян намудааст, ки нисбат ба онҳо тавсия дода мешавад иттилооти иловагӣ барои истифодабарандагони беруна пешниҳод карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки барои ҷудо намудани сегментҳои амалиётӣ маҳакҳои асосӣ муқаррар шудаанд, ки дар асоси онҳо сегментҳо ҳисоботдиҳанда маҳсуб меёбанд. Дар банди 5-уми СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» сегментҳои амалиётӣ чунин муайян карда шудаанд:

«Сегменти амалиётӣ ҷузъи таркибии ширкат буда: (а) фаъолиятеро анҷом медиҳад, ки аз он метавонад даромад ба даст оварда хароҷотро амалӣ намояд (аз ҷумла даромад ва хароҷоти бо дигар сохторҳои воҳидии ҳамин ширкат амалигардонидашуд); (б) натиҷаҳои фаъолияти он мунтазам баҳогузорӣ шуда аз ҷониби роҳбари асосии қабулкунандаи қарорҳо дар бораи ҷудо кардани захираҳо ба сегмент ва танзими онҳо мунтазам қарорҳо қабул карда мешавад; (в) барои он маълумоти ҷудогонаи молиявӣ таҳия карда мешавад» [184].

Дар банди 6-уми ҳамин стандарт муайян гардидааст, ки на ҳамаи бахшҳои таркибии ширкат ҳатман сегменти амалиётӣ ё қисми сегменти амалиётӣ шуда метавонанд. Масалан, «идораи марказии корпоратсия ё шуъбаҳои функсионалии муайяни идоравӣ наметавонанд мустақиман даромад ба даст оранд, аз ин хотир бо мақсадҳои иҷроиши талаботи СБҲМ ин бахшҳои сохторӣ сегментҳои ҳисоботӣ шуда наметавонанд» [34].

Дар банди 13-и СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» аломатҳои миқдории ҷудокунии сегментҳои амалиётӣ, ки нисабти онҳо ширкат бояд

маълумоти иловагиро пешниҳод кунад, муайян карда шудааст, ки тибқи он «(1) даромадҳои сегмент аз фурӯш ба мизоҷони беруна, (2) натиҷаҳои молиявии сегмент, чи фоида бошад ва ё чи зарар, ё ин ки бузургии (3) дороиҳои сегмент нисбат ба ҳамин се нишондиҳандаҳои ширкати асосӣ (гурӯҳ) баробар ба 10% ва ё зиёда аз онро ташкил диҳад» [184].

Яъне, агар нишондиҳандаҳои сохтори воҳидии ширкат ба талаботи яке аз се аломатҳои номбаршуда мувофиқ бошад, он ҳамчун сегменти амалиётӣ ҳисоб ёфта, маълумот дар бораи фаъолияти он бо мақсадҳои таъминоти иттилоотии истифодабарандагон, хусусан истифодабарандагони беруна алоҳида пешниҳод карда мешавад.

Тибқи СБҲМ (IFRS) 8 «сегменти амалиётӣ қисмати алоҳидаи ширкатро меноманд, ки бо хусусияти маҳсулот, хизматрасонӣ, равандҳои истеҳсолӣ, намуд ё синфи харидорон (мизоҷон), усулҳое, ки ҳангоми ҷудокунии маҳсулотҳо ва кору хизматрасониҳо истифода бурда мешаванд, аз дигар қисматҳои ширкат фарқ мекунанд» [184].

Сегменти ҷуғрофӣ , чи гунае ки аз номаш маълум аст, вобаста ба минтақае ки зерсохтор ё намояндагии ширкат дар он ҷо ҷойгир аст, ҷудо карда мешавад ва ба истеҳсоли намуди муайяни маҳсулот ё хизматрасонӣ махсус гардонида мешавад.

СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» муқаррар менамояд, ки ширкат бояд маълумот оид ба сегментҳои ҷуғрофии зеринро, агар хароҷоти тайёркунии он гарон набошад, пешниҳод намояд:

(а) даромадҳо аз мизоҷони беруна, ки ба тамоми кишварҳои хориҷӣ, тааллуқ доранд. Агар даромад аз муштариёни беруна, ки ба як кишвари хориҷӣ тааллуқ дорад, назаррас бошад, ин гуна даромадҳо бояд алоҳида ошкор карда шаванд;

(б) дороиҳои дарозмуддати ба ширкат тааллуқдошта, ки дар кишварҳои хориҷӣ ҷойгиранд, ба истиснои воситаҳои молиявӣ, дороиҳои андозии батаъхиргузошташуда, дороиҳои нақшаҳои пардохтҳои пас аз фаъолияти

меҳнатӣ ва ҳуқуқҳое, ки дар асоси шартномаҳои суғурта ба вуҷуд меоянд. Агар бузургии дороиҳои дар ягон кишвари алоҳидаи хориҷӣ мавҷудбуда назаррас бошанд, пас маълумот оид ба ин дороиҳо бояд алоҳида ошкор карда шаванд.

Тавсияҳои методӣ оид ба тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар Низомномаи русиягии НБМ 12/2000 «Иттилоот оид ба сегментҳо» [16] пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи муқаррароти ин санад танҳо ширкатҳое, ки ҳисоботи муттаҳидкардашударо пешниҳод менамоянд, яъне холдингҳо, корпоратсияҳо, ки гурӯҳи ширкатҳоро муттаҳид менамоянд, уҳдадоранд иттилоот оид ба фаъолияти сегментҳоро пешниҳод намоянд. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки муқаррароти НБМ 12/2000 «Иттилоот оид ба сегментҳо» нисбат ба ширкатҳои хурду миёна ва ширкатҳои бузурги ба як соҳибмулк тааллуқдошта амалӣ намегардад.

Дар пояи ин таҳқиқоти гузаронидашуда ва омӯхтани талабот ва муқаррароти СБҲМ қайд кардан муҳим аст, ки тайёркунии маълумот оид ба фаъолияти сегментҳо ду ҳадаф пайдо мекунад: пешниҳоди иттилоот барои қонеъгардонии истифодабарандагони беруна; пешниҳоди иттилоот бо мақсади истифодабарӣ дар дохили ширкат.

Ҳар он чи ки дар СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» муайян карда шудааст, ба қонеъгардонии талаботи ахбории истифодабарандагони беруна нигаронида шудааст. Бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи дохилӣ бошад, метавонанд ин маҳакҳо ва муқаррароти дар стандарти мазкур муайяншуда дар ширкат истифода бурда нашаванд.

Вахрушина М.А. дар баробари таҳқиқоти васеаш оид ба муайянкунии сегментҳои амалиётӣ, пешбурди баҳисобгирӣ ва тайёркунии ҳисоботи сегментӣ ба чунин хулоса омадааст: «Вобаста ба таърифҳое, ки НБМ 12/2000 муайян намудааст, зери мафҳуми сегмент, дар навбати аввал шахси хуқуқии мустақил фаҳмида мешавад, ки ҳамчун ширкати фаръӣ (тобеъ) нисбат ба ширкати асосӣ (болоӣ) ҳисоб меёбад, ё ин ки дар ҳайати ягон иттиҳодия

(холдинг) шомил мебошад. Чунин ширкат ҳатман, бояд ҳамчун сегменти амалиётӣ ё ҷуғрофӣ эътироф карда шавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки чунин сегментҳо ба сегментҳои хурдтар ҷудо карда нашаванд» [56, с. 399]. Маҳз ҷумлаи охирони муаллиф хеле ҷолиб аст ва моро водор менамояд хулоса барорем, ки баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ ҳатто барои воҳидҳои сохтории аз ҳама хурд, бо ибораи дигар марказҳои хароҷот низ тартиб дода мешавад, ки ин кор дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ анҷом мепазирад. Дар ҳошияи тақвияти пешниҳоди худ андешаҳои олими ватанӣ Бобиев И.А.-ро низ овардан мумкин аст: «...ҳар як маркази масъулиятро боз ба зершохаҳо ҷудо кардан мумкин аст, масалан дар доираи марказҳои масрафот тақсимбандӣ намудани сегментҳо аз рӯйи коргоҳҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ, намудҳои муайяни маҳсулот, корҳо, хизматҳо, намудҳои мошину таҷҳизот ва ғ.» [49, с. 14].

Аз ин таҳқиқотҳо чунин хулоса мебарорем, ки дар ширкати сохтмонӣ ҳар як маркази масъулиятеро, ки (аз маркази хароҷот сар карда то маркази сармоягузӣ) менеҷер идора мекунад, ба ихтиёраш захираҳо вогузор карда мешаванд, барои натиҷаҳои кори марказ масъул гардонида шудааст, бояд ҳисоботи сегментии дохилиро тайёр карда ба менеҷери сатҳи болотар пешниҳод намояд.


Зимни таҳқиқи асарҳои илмии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда шуд, ки «ҷудокунии сегментҳои ҳисоботӣ аз рӯйи чунин аломатҳо: минтақаҳои фаъолият; гурӯҳи харидорон (муштариён); намуди фаъолият; марказҳои масъулият; намудҳои маҳсулот (корҳо хизматрасониҳо); марказҳои масрафот ва ғ. асоснок буда, барои ташаккули иттилооти таҳлилӣ ва иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ кӯмаки амалӣ мерасонанд» [154, с.66-68; 87, с. 78; 25, с. 66].

Балашова Н.Н., Макарова Е.В., Воробьев Н.Н., Бобиев И.А. дар асоси омӯзиши асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода пешниҳод менамоянд, ки

«ташаккули иттилооти сегментӣ (дохилӣ) вобаста ба чор маркази масъулият, ки дар илми баҳисобгирии идорокунӣ маъруфанд (*маркази хароҷот, маркази даромад, маркази фоида, маркази сармоягузорӣ)*, ба ҳадафҳои низоми баҳисобгирии идоракунӣ мувофиқ аст ва дар баробари ин ин марказҳоро низ мумкин аст, ки боз ба зербахшҳои алоҳида ҷудо намуда, оид ба фаъолияти онҳо иттилооти ҷузъӣ тайёр карда шавад. Масалан, дар доираи марказҳои масрафот тақсимбандӣ намудани сегментҳо аз рӯйи коргоҳҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ (А, Б, В ва ғ.), истеҳсоли намудҳои муайяни маҳсулот, корҳо хизматҳо, намудҳои мошину таҷҳизот ва ғ., ки масъулияти идоракунии онҳо ба уҳдаи шахси муайян вогузор шудааст, ба мақсад мувофиқ аст» [105, с. 49; 25, с.66-67; 49, с. 14]. Мо низ андешарониҳои олимони дар боло зикршуда ва хусусияти истеҳсолоти соҳаи сохтмонро ба инобат гирифта, пешниҳод менамоем, ки баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ аз рӯйи марказҳои масъулият ва зербахшҳои марказҳои масъулият ташкил карда шуда пешниҳоди он ба таври амудӣ сурат гирад.

Қобили зикр аст, ки соҳаи сохтмон ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт ба шумор рафта дар он ширкатҳои миёна ва бузург фаъолият менамоянд. Хусусан ширкатҳои бузурги сохтмоние мавҷуданд, ки дар шакли корпоратсия (гурӯҳи ширкатҳо) фаъолият намуда, ҳамаи равандҳои корҳои сохтмониро худ иҷро мекунанд.

Мо дар доираи ин диссераттсия нақшаи ташаккули иттилоот оид ба сегментҳо (фаъолияти шуъбаҳо, зершуъбаҳо, коргоҳҳои истеҳсолӣ ва ғ.) ва раванди тайёркунӣ ва пешниҳоди онро аз рӯйи марказҳои масъулият дар расми 3.2.1 пешниҳод менамоем:



Расми 3.2.1. - Ҷудокунии марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ бо мақсади ташкили баҳисобгирии сегментӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Аз рӯйи расми 3.2.1 мушоҳида мекунем, ки сохтори ташкилӣ-идоракунии ширкати сохтмонӣ мисли дигар субъектҳои иқтисодӣ ба панҷ сатҳи марказҳои масъулият ҷудо карда шудааст, ки ду сатҳи аз ҳама поёнӣ як маркази масъулият – марказҳои хароҷотро ташкил медиҳанд. Шуъбаҳо ва сохторҳои воҳидӣ дар ширкати бузурги сохтмонӣ хамчун марказҳои масъулият эътироф карда шуда, онҳо байни ҳам ба таври амудӣ вобаста мебошанд. Ин вобастагӣ менеҷерони онҳоро водор мекунад, ки ба роҳбари маркази масъулияти сатҳи болоӣ ҳисобот оид ба истифодабарии захираҳои ба уҳдаи ӯ вогузошташуда (хароҷот) ва даромадҳои бадастовардаашонро пешниҳод кунанд.

Дар асоси вобастагии зерсохторҳои дар расми 3.2.1 нишондодашуда мо намунаи тайёркунии ҳисоботи сегментиро барои ширкати бузурги сохтмонии иборат аз якчанд объектҳои сохтмонию таъминотӣ ва истеҳсолӣ тартиб медиҳем (Ҷадвали 3.2.1).

Ҳисоботи роҳбари сегменти хароҷот, ки дар ҷадвали 3.2.1 пешниҳод карда шудааст, аз ду сатҳ иборат аст: Ҳисоботи роҳбари минтақаи истеҳсолии №1 (сегменти хароҷоти сатҳи поёнӣ) ва ҳисоботи сардори коргоҳи истеҳсолии №1 (сегменти хароҷоти сатҳи болоӣ). Минтақаи истеҳсолии №1 тобеи коргоҳи истеҳсолии №1 буда дар назди он ҳисоботдиҳанда маҳсуб меёбад. Роҳбари коргоҳи истеҳсолӣ аз роҳбарони минтақаҳои истеҳсолӣ ва дигар бригадаҳо ҳисоботро қабул намуда ҳисоботи худро оид ба фаъолияти сегменташ тартиб медиҳад. Маълумоти дар сатрҳои 9, 10, 11, 12-и ҷадвали 3.2.1 овардашуда ин гуфтаҳоро исбот менамоянд. Маълумоти ҷадвали мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарони марказҳои хароҷот танҳо барои хароҷоти амалинамудаи сохтори воҳидиашон масъул мебошанд, аз ин хотир танҳо оид ба истифодабарии захираҳои дар ихтиёрашон вогузошташуда ҳисобот медиҳанд.

Ҷадвали 3.2.1.-Ҳисоботи роҳбарони марказҳо (сегментҳо)-и хароҷоти дорои сатҳҳои гуногун, ҳазор сомонӣ

№	Нишондиҳандаҳо	Давраи ҳисоботӣ		Аз аввали сол	
		аз рӯйи смета	тамоюл	аз рӯйи смета	тамоюл
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*
1.	**Ҳисоботи роҳбари минтақаи истеҳсолии №1 (сегменти хароҷоти сатҳи 1.1)**				
2.	Масолеҳи асосӣ	30	–5	130	+12
3.	Музди меҳнати асосӣ	20	+2	82	+8
4.	Масолеҳи ёрирасон	5	–0,5	20	–3
5.	Сӯзишворӣ ва барқ бо мақсадҳои технологӣ	4	+0,5	14	+2
6.	Дигар хароҷот	1	–	4	–
7.	***Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаи истеҳсолии №1***	***60***	***–3***	***250***	***+19***
8.	**Ҳисоботи сардори коргоҳи истеҳсолии №1 (сегменти харочоти сатҳи 1)**				
9.	***Минтақаи истеҳсолии №1***	***60***	***–3***	***250***	***+19***
10.	Минтақаи истеҳсолии №1	35	+2	120	+8
11.	Бригадаи хиштчинҳо	35	+2	130	+5
12.	Бригадаи бетонрезҳо	40	+3	200	+10
13.	**Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаҳо ва бригадаҳо**	**170**	**+4**	**700**	**+42**
14.	**Хароҷоти умумикоргоҳӣ, аз он ҷумла:**	**30**	***+3***	**100**	**+8**
15.	Музди меҳнати сардор ва устоҳои коргоҳ	12	+2	45	+5
16.	Фарсудашавии таҷҳизоти коргоҳ	10	–	30	–
17.	Сӯзишворӣ ва барқ бо мақсадҳои технологӣ	4	+1	10	+2
18.	Музди меҳнати фаррошон	4	–	15	–
19.	***Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаҳо ва бригадаҳои истеҳсолӣ бо ҳисоби хароҷоти умумикоргоҳӣ***	***200***	***+7***	***800***	***+50***

Манбаъ: *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт [56] таҳия намудааст*

Дар ширкати сохтмонӣ шуъбаҳои фурӯш ҳамчун сегментҳои даромад ҳисоб ёфта вазифаи онҳо ҳарчи бештар фурӯхтани маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ буда даромади ширкатро зиёд намудан аст. Роҳбарони сегментҳои фурӯш танҳо ба даромадҳои ширкат ҷавобгуянд.

Хароҷоти онҳо аз чониби роҳбарони маркази масъулияти сатҳи болоӣ – сегменти фоида назорат ва танзим карда мешавад. Намунаи ҳисоботи роҳбари сегменти даромадро дар ҷадвали 3.2.2 пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 3.2.2.-Ҳисоботи менеҷери шуъбаи фурӯши объекти сохтмонии №1 (сегменти даромад), ҳазор сомонӣ

№	Нишондиҳандаҳо	Давраи ҳисоботӣ		Аз аввали сол	
		аз рӯйи смета	тамоюл	аз рӯйи смета	тамоюл
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*
1	**Даромад аз фурӯш**	**2000**	**+100**	**8000**	**+220**
2	Аз он ҷумла: Аз мизоҷони беруна	1600	+100	6500	+400
3	Аз дигар сохторҳои ширкат	400	-	1500	100

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст*

Роҳбарони сегментҳои хароҷот ва сегментҳои даромад ҳисоботи худро ба роҳбари маркази масъулияти сатҳи болоӣ – сегменти фоида пешниҳод менамоянд. Дар сегменти фоида аз рӯйи натиҷаи маълумоти дар ҳисоботҳои роҳбарони сегментҳои хароҷот ва даромад овардашуда натиҷаи молиявии сегмент – фоида ё зарар муайян карда мешавад. Мо намунаи ҳисоботи роҳбари сегменти фоидаро (объекти сохтмонии №1) барои ширкати сохтмонӣ дар ҷадвали 3.2.3 пешниҳод менамоем.

Аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 3.2.3 овардашуда мушоҳида мекунем, ки ҳисоботи роҳбари сегменти фоида аз ду қисм иборат аст: қисми даромадҳо ва қисми хароҷот. Ҳисоботи мазкур маълумоти ҳисоботҳои роҳбарони тамоми сегментҳои хароҷот ва сегментҳои даромадро дар бар гирифта дар натиҷаи муқоиса кардани даромадҳои бадастовардашуда ва хароҷоти амалишуда натиҷаи молиявии сегмент – фоида ё зарар (сатри 12-и ҷадвали 3.2.3) муайян карда мешавад. Нишон додани тамоюлот аз рӯйи нишондиҳандаҳои сегментҳо вобаста ба давраҳои ҳисоботӣ мундариҷаи ҳисоботро баланд бардошта, натиҷаи фаъолияти сегментҳоро ошкор менамояд, ки бо ин роҳ барои назорат, идоракунӣ ва қабули қарорҳои боманфиат имконияти мусоид фароҳам меояд.

Ҷадвали 3.2.3.-Ҳисоботи роҳбари объекти сохтмонии №1 – марказ (сегмент)-и фоида, ҳазор сомонӣ

№	Нишондиҳандаҳо	Давраи ҳисоботӣ		Аз аввали сол	
		аз рӯйи смета	тамоюл	аз рӯйи смета	тамоюл
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*
1	**Даромад аз фурӯш***	**2000**	**+100**	**8000**	**+500**
2	Аз он ҷумла: аз мизоҷони беруна	1600	+100	6500	+400
3	аз дигар сохторҳои ширкат	400	–	1500	+100
4	**Харочот**	**1600**	**+(–87)**	**7100**	**+(–310)**
5	**Аз он ҷумла:** Коргоҳи истеҳсолии №1**	200	+(–7)	800	+(–50)
6	Коргоҳи истеҳсолии №2	200	+(–10)	1200	+(–20)
7	Коргоҳи истеҳсолии №3	400	+(–20)	2000	+(–80)
8	Шуъбаи фурӯш	100	–(–10)	400	+(–20)
9	Дигар харочот	200	+(–30)	800	+(–40)
10	Фарсудашавии воситҳои асосӣ	200	+(–10)	700	–
11	Харочоти маъмурӣ ва хоҷагии объекти сохтмонӣ	300	+(–20)	1200	+(–100)
12	***Фоида аз объекти №1 (С.1–С.4)***	***400***	***+13***	***900***	***+190***
Эзоҳ:** – маълумот аз ҷадвали 3.2.2* ** –** маълмот аз ҷадвали 3.2.1*					

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст*

Ба сифати сегменти сатҳи олии ҳисоботдиҳанда мо маъмурияти кулли ширкати сохтмониро (менеҷери генералӣ) муайян намудем, ки он ба шурои нозирон ё соҳибмулк оид ба инвеститсияи дар ширкат гузошташуда ҳисоботдиҳанда маҳсуб меёбад. Дар ҳисобгирии идоракунӣ он бо номи маркази сармоягузорӣ маъмул аст, яъне маркази сармоягузорӣ барои муассис ё соҳибмулк. Нишондиҳандаи муҳимми маркази сармоягузорӣ фоиданокии дороиҳо (сармояи гузошташуда) ҳисоб меёбад, ки он аз рӯйи амсилаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ФС=Ф÷МС×100\%, \qquad (3,1)$$

ки дар ин ҷо:

ФС – фоиданокии сармоягузорӣ;

Ф – маблағи фоида;

МС – маблағи сармоягузорӣ.

Ҳар чи қадаре ки фоиданокии сармоягузорӣ баланд бошад, ҳамон қадар натиҷаи фаъолияти роҳбари маркази сармоягузорӣ хубтар арзёбӣ мегардад.

Намунаи ҳисоботи роҳбари маркази сармоягузориро дар ширкати сохтмонӣ мо дар ҷадвали 3.2.4 чунин пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 3.2.4.-Ҳисоботи директори генералӣ (роҳбари маркази сармоягузорӣ), ба санаи 31.12.2023, ҳазор сомонӣ

№	Нишондиҳандаҳо	Объекти сохтмонии №1	Объекти сохтмонии №2	Корх. ист. хишт	Корх. ист. бетону асфалт	Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ	Парки мошинҳо	Ширкат дар маҷмуъ
1	**Даромади сегментҳо аз рӯйи марказҳои фоида, ҳамагӣ**	**8000***	**10000**	**2000**	**12000**	**11000**	**4000**	**47000**
2	Аз он ҷумла аз мизоҷони беруна	6500	9000	1200	7000	6000	1000	30700
3	Аз дигар зерсохторҳои ширкат	1500	1000	800	5000	5000	3000	16300
4	**Хароҷоти сегментҳо аз рӯйи марказҳои фоида**	**7100***	**8000**	**1600**	**10000**	**9000**	**2000**	**37700**
5	Натиҷаҳои молиявии сегментҳои фоида (С.1–С.4)	900*	2000	400	2000	2000	2000	9300
6	**Фоиданокии фурӯш дар сегментҳо, % (С.4÷С.1×100)**	**11,25**	**20,0**	**20,0**	**16,67**	**18.18**	**50,0**	**19,79**
7	Хароҷоти маъмурии холдинги сохтмонӣ	–	–	–	–	–	–	700
8	Фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ	–	–	–	–	–	–	600
9	Ҳамагӣ хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагии холдинги сохтмонӣ	–	–	–	–	–	–	1300
10	Фоидаи холдинг аз фаъолияти амалиётӣ (сатри 5 – сатри 9)	–	–	–	–			8000
12	Андоз аз фоида (13%)	–	–	–	–			1040
13	Фоидаи соф	–	–	–	–			6960
14	Дороиҳои софи марказҳои фоида ва холдинг	3000	5000	4000	10000	10000	8000	45000*
14	**Фоиданокии сармоягузориҳо, % (С.5÷С.14) × 100**	**30,0**	**40,0**	**10,0**	**20,0**	**20,0**	**25,0**	**15,47**
**Маблағи дороиҳои софи марказҳои фоида бо ҷамъи дороиҳои софи маъмурияти ширкат*								

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст*

Чи тавре ки қайд намудем, ҳисоботи директори генералӣ (сатҳи олии идоракунӣ) ҳамчун ҳисоботи роҳбари маркази сармоягузорӣ эътироф гардида дар ҷаласаи ҷамъбастии солона дар ҳузури шурои нозирон ба соҳибмулк пешниҳод карда мешавад. Ҳисобот нишондиҳандаҳои асосии марказҳои фоида – даромадҳо, харoҷот, натиҷаҳои молиявии фаъолияти солонаи онҳо, ҳамчунин харoҷоти маъмурӣ-хоҷагии ширкати асосӣ (болоӣ)-ро дар бар гирифта, саҳми ҳар яке аз онҳо дар ташаккули натиҷаҳои молиявии ниҳоии ширкати сохтмонӣ муайян карда мешавад. Аз маълумоти дар ҳисоботи мазкур (ҷадвали 3.2.4) овардашуда мушоҳида мекунем, ки ду нишондиҳандаи асосӣ барои ҳар як сегменти фоида ва ширкати кулл муайян карда мешавад: *фоиданокии фурӯш (сатри 6) ва фоиданокии сармоягузориҳо (сатри 14)*. Фоиданокии фурӯш ҳамчун таносуб байни маблағи фурӯш ва харoҷоти сегмент ҳисоб карда мешавад. Фоиданокии сармоягузориҳо ҳамчун таносуб байни маблағи фоидаи бадастомада ва маблағи дороиҳои софи сегмент (дороиҳо тарҳи уҳдадориҳо) муайян мегардад. Нишондиҳандаи дуюми номбаршуда ҳамчун омили муҳимми натиҷаи истифодабарии сармояи гузошташуда дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ ҳисоб ёфта, давраи бозгирифти сармоягузориро муайян мекунад, аз ин хотир таваҷҷуҳи роҳбарияти ширкат ва соҳибмулкон ба он бениҳоят бузург аст. Яъне ҳар чи қадаре, ки бузургии фоиданокии сармоягузориҳо баланд бошад, ҳамон қадар давраи бозгрифти сармоя қӯтоҳ гашта, ҳавасмандии роҳбарият барои татбиқи инвеститсияҳо афзун мегардад.

Бартарии методикаи пешниҳодшуда оид ба тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва ширкат дар маҷмуъ зоҳир гашта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти олии ширкат пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд. Аз рӯйи маълумоти дар ҳисобот овардашуда, истифодабарии захираҳо дар марказҳои масъулият, хусусан марказҳои харoҷот, инчунин даромадҳои

бадастовардашуда дар марказҳои даромад давра ба давра мушоҳида карда шуда, натиҷаи кори ин марказҳо вобаста ба буҷетҳои тасдиқшуда ошкор карда шуда, барои қабули қарорҳои фоиданок шароит фароҳам меояд.

3.3. Роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ

Дар бахшҳои пешинаи рисолаи илмӣ асосҳои назариявию методологӣ, муаммоҳои ташкилию амалӣ, хусусиятҳои хоси фаъолияткунии ширкатҳои соҳаи сохтмон, ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, ан он ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ баррасӣ гардида, тавсияҳо ва коркардҳои методии муаллифӣ дар самти мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии хароҷот, буҷетсозӣ, ташкили баҳисобгирӣ ва назорат аз рӯйи сегментҳо пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин дар доираи ин таҳқиқоти илмӣ омилҳои асосии халалдоркунанда дар амалияҳои мавҷудаи ширкатҳои сохтмонӣ ва барои ташкили баҳисобгирии идоракунии бонизом монеъшаванда муайян гардида, маҷмӯи чораҳо баҳри беҳтар кардани механизми ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод карда шудааст.

Қайд шудааст, ки дар ширкатҳои соҳаи сохтмон мисли дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ проблемаҳои зиёде дар самти асосҳои методию ташкилӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар доираи он ҳисоби хароҷот ва арзиши аслӣ, низоми буҷетсозӣ ва ташкили баҳисобгирӣ аз рӯйи сегментҳо (марказҳои масъулият) амалӣ мегардад, мавҷуд аст. Ин муаммоҳои ҷойдошта бар он асос мегардад, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ имкониятҳои ба роҳ мондани назорати дохилӣ ва қабули қарорҳои идоракунии оқилона ва бо самар аз байн меравад. Дар натиҷа, соҳаи сохтмони ватанӣ, ки байни ширкатҳои он рақобати тезу тунд амал мекунад ва ҳама гуна омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таҳдидҳои минтақавӣ метавонанд ба вазъи он таъсири мустақим расонда, ҳолати молиявии ширкатҳои сохтмониро ноустувор гардонанд.

Дар миқёси олам, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамагон маълум аст, ки вазъи молиявии соҳаи сохтмон бештар аз вазъи молиявии шаҳрвандон – харидорони манзилҳои истиқоматӣ ва объектҳои дорои хусусиятҳои тиҷоратию иҷтимоӣ буда вобаст аст, дар сурати коҳиш ёфтани сатҳи қобилияти харидории аҳолӣ он метавонад мустақиман ба амалиётҳои тиҷоратии ширкатҳои сохтмонӣ таъсири манфӣ расонида, натиҷаҳои номуносиб на танҳо барои худи ширкат балки барои ҷомеаро ба бор биёрад. Аз ин рӯ, роҳбарияти ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки доимо дар бораи ҳолати истифодабарии захираҳои моддӣ, молиявӣ кадрии корхона ва самаранокии онҳо, вазъи менеҷменти зерсохторҳои ширкат, фаъолияти роҳбарони марказҳои масъулият, рафти иҷрошавии лоиҳаҳои алоҳидаи сохтмонӣ, ҳолати фурӯши объектҳои омодашуда, ҷараёнҳои пулӣ ва ҳатто оид ба омилҳои беруна ба мисли вазъи бозори сохтмонӣ, қобилияти харидории шаҳрвандон, омилҳои макроиқтисодӣ, геополитикӣ, ояндабиниҳо дар ин самти иқтисодиёт ва ғ. маълумоти дақиқ дар ихтиёр дошта бошанд, то ин ки назорат ва қабули қарорҳо дар ҳолатҳои буҳронӣ сари вақт амалӣ карда шавад. Бо ин мақсад, зарурати мукаммал гардонидани баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ, ки таъминкунандаи асосии роҳбарият бо маълумотҳои лозимии қайдшуда мебошад, дар ҳар лаҳза ниҳоят мубарм аст.

Соҳаи сохтмон бо дараҷаи баланди номуайянии натиҷаҳо, даврaҳои тӯлонии истеҳсолӣ, истифодаи технологияҳои махсус ва инфиродӣ, иншоотҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ паҳнгашта, вобастагии лоиҳаҳои сохтмонӣ ба релефи маҳал ва иқлим, усулҳои махсуси анҷомдиҳии корҳои сохтмонию васлкунӣ, инфиродӣ будани объектҳои сохтмонӣ, тартиби махсуси нархгузорӣ, усулҳои гуногуни идоракунӣ ва ғ. тавсиф мешавад. Дар чунин шароит, баҳисобгирии идоракунӣ ба як механизми ба равандҳои идоракунӣ таъсирбахш ва воситаи калидии таъмини рақобатпазирӣ ва устувории молиявии ширкатҳои сохтмонӣ табдил меёбад.

Дар робита ба ин, таҳлилҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки низомҳои анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ амал мекунанд, бештар номукаммаланд, маълумотҳои ҷузъигардонидашуда, банизомдаровардашуда ва дар дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ батартибдаровардашуда, ки метавонанд ба қабули қарорҳо саривақт мусоидат кунанд, дастрас кардани онҳо аз имкон берун аст. Ҳамкории байнисохторӣ байни зерсохторҳои ширкатҳои сохтмонӣ ба назар намерасанд, мушкилот дар истифодабарӣ, таҳлил ва коркарди маълумотҳои муҳосибӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ мавҷуд аст, баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯйи марказҳои масъулият умуман пеш бурда намешавад.

Дар чунин шароит роҳбарияти ширкати сохтмониро зарур меояд, ки ба қоидаи самаранокии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, ки метавонад ҳам баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам баҳисобгирии идоракуниро дар худ муттаҳид намояд, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кунанд, чунки дар мавриди ташкили бонизоми баҳисобгирии муҳосибӣ мумкин аст, ки бо хароҷоти камтарин самаранокии баланди идоракунӣ ва натиҷаҳои максималиро метавон ба даст овард.

Механизми ташкилии баҳисобгирии мавҷуда дар аксари ширкатҳои сохтмонӣ як қатор норасогиҳоро дар бар мегиранд, ки ба равиши системавии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири ҷиддии номатлуб мерасонанд:

• нобаробарӣ: мавҷуд набудани муошират ва ҳамкории возеҳ байни объектҳои истеҳсолӣ, техникӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ ва маъмурӣ бо шуъбаҳои баҳисобгирӣ ва молиявию иқтисодӣ. Ин ҳолат боиси такроршавии амалҳо ва вазифаҳои баҳисобгирӣ, пайдоиши "монеаҳои" иттилоотӣ ва номувофиқатӣ дар ҳисоботҳои муҳосибӣ мегардад.

• таъхирпазирӣ зимни дастраскунии маълумотҳои аввалия оид ба равандҳои истеҳсолӣ: сари вақт пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳо оид ба анҷоми корҳои иҷрошуда, ҳуҷҷатҳо оид ба молу маводҳо ва захираҳои воридшуда, корҳои техникии иҷрошуда, корҳои иҷрокардаи коргарони кироя ва

коргарони доимии корхона, ҳисоботҳои менеҷерҳо ва ғ. Пешниҳоди номуназзами ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳо оид ба истифода ва истеъмоли маводи аввалия, дигар захираҳо, техникаҳои сохтмонӣ ва кори коргарон дар иншооти сохтмонӣ роҳбариятро аз имконияти назорати самараноки харoҷоти истеҳсолӣ маҳрум мекунад ва ба таҳрифи натиҷаҳои молиявии фосилавӣ ва натиҷаҳо аз объектҳои мушаххас оварда мерасонад.

• Тақсимоти номуассири масъулиятҳо: муайян набудани марзи масъулиятҳои шахсӣ ва вазифавии кормандон ва роҳбарон барои тамоюлҳои бамиёномада дар истифодаи захираҳо. Набудани механизми масъулияти фардии молиявӣ ва идоракунии роҳбарони сатҳи поёнӣ (роҳбарони коргоҳҳо, зерсохторҳо, қитъаҳо) боиси пайдоиши тамоюлот ва инҳирофҳои номусоид дар арзиши нақшавӣ ва ҳақиқии объекти сохтмонӣ ва корҳои алоҳида, инчунин боиси равиши беназмӣ дар назорати захираҳо ва харoҷот мегардад.

Барои ҳалли муаммо ва мушкилиҳои зикршуда, табдили ҳамаҷонибаи заминаи ташкилию методии баҳисобгирии идоракунӣ дар се самти асосӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Сохтори ташкилӣ – муайян кардани марказҳои масъулияти молиявӣ (МММ), муайян кардани марзҳои фаъолият ва вазифаҳои менеҷерони ин марказҳо. Гузариш ба сохтори ташкилӣ, ки бар асоси марказҳои масъулияти молиявӣ асос ёфтааст, тақозо менамояд, ки сохтори классикии хаттӣ-функсионалӣ ба сохтори молиявии идоракунӣ табдил дода шавад, ки тибқи он ба майдонҳо ва минтақаҳои сохтмонӣ, объектҳои алоҳида, коргоҳҳо ва зерсохторҳои истеҳсолию хизматрасон мақоми марказҳои масъулияти молиявӣ дода мешавад. Барои идораи ин марказҳо роҳбарон таъин карда мешаванд, масъулият ва вазифаҳои онҳо мушаххас карда шуда, ҳисоботҳои онҳо саривақт талаб карда шуда, фаъолияти онҳо аз рӯйи сметаҳои тасдиқшуда зери назорат гирифта шуда, натиҷаҳои кораш баррасӣ, қадрдонӣ ва ё муҷозот карда мешавад.

2. Танзим кардани равандҳо, ҷараёни ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот – татбиқи

шаклҳои ҳуҷҷатҳо, равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ, ҳисоботдиҳӣ ва низомномаҳои ягонаро дар доираи як субъекти иқтисодӣ талаб мекунад. Таҳия ва татбиқи низомномаҳои ягонаи баҳисобгирии идоракунӣ ва шаклҳои ҳисоботи дохилӣ ҳамчун механизми ташкилии кори баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб ёфта, хусусияти қатъиро талаб намекунад, аммо зимни татбиқи бобарори он дар субъектҳои бузургҳаҷми соҳаи сохтмон метавонад барои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии босамар заминаи мусоид фароҳам орад. Дар доираи ин равиш, аввалан таҳия кардани сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ, эҷоди ҷадвали ҷараёни ҳуҷҷатҳо бо сабти масъулияти шахсии иҷрокунандагон ва муҳлатҳо, стандартикунонии шаклҳои ҳисоботи дохилии идоракунӣ (ҳисоботҳо оид ба истифодаи маводҳо, гузоришҳо аз кори иҷрокардаи мошинҳо ва таҷҳизоти сохтмонӣ), таснифкунии хароҷот барои ҳисоби арзиши аслӣ бо мақсадҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии андоз, идоракунӣ, назорат ва қабули қарорҳо, муайянкунии усулҳои баҳодиҳии молу амвол, захираҳо, дигар дороиҳо, уҳдадориҳо ва ғ. амалӣ карда мешавад. Ҳамаи ин амалҳои иҷрошавандаро дар сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо фармоиши роҳбари корхона тасдиқ карда мешавад, қайд кардан зарур аст.

Дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», №702 аз 25.03.2011 нисбат ба сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун ҳуҷҷати меъёрии дохилии танзимкунӣ ва пешбурди баҳисобгирӣ дар ширкат чунин муқаррарот муайян карда шудааст: «Сиёсати баҳисобгирӣ принсипҳои мушаххас, низомнома, қойидаҳо ва тачрибаи андӯхтаи ширкатҳоро ҷиҳати баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва нақшаҳои ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба талабот ва хусусиятҳои фаъолияташон дар бар мегирад» [5]. Дар баробари ҳатмӣ будани таҳиякуни сисёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ, олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ [107, с. 63;

25, с. 66; 133, с. 8; 72, с. 532; 81, с. 27] пешниҳод менамоянд, ки субъектҳои иқтисодии соҳаи сохтмонро зарур меояд, ки сиёсати баҳисобгирии муҳосибиро дар фаслҳои *муқаддимавӣ, ташкилӣ-техникӣ ва фасли методӣ* таҳия намоянд.

Муаллифи диссертатсия пешниҳод менамояд, ки сиесати баҳисобгирии идоракунӣ бо чунин бандҳо, ки масъалаҳои хеле зиедро фарогир аст, бояд таҳия ва тасдиқ карда шавад:

«*Фасли муқаддимавӣ:*

- аҳамият, сабаб ва шартҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ;
- қабули қарорҳо оид ба ҷудокунии бахшҳои дохилӣ-ҳисоботӣ;
- аломатҳои ҷудокунии бахшҳои ҳисоботдиҳанда;
- муайянкунии нишондиҳандаҳои асосӣ, ки нисбати онҳо ҳисоботи идоракунӣ тайёр карда мешавад.

2.Фасли ташкилӣ-техникӣ:

- ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ;
- технологияи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ;
- нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ;
- ҷадвали ягонаи гардиши хуҷҷатҳо;
- ҷадвали иҷроиши корҳои баҳисобгирӣ;
- шаклҳо ва таркиби нишондиҳандаҳои ҳисоботи дохилии идоракунӣ.

Фасли методӣ:

– усули баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ;

– низоми нархгузории трансфертӣ;

– асоси тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим байни маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ;

– баҳодиҳии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и истеҳсолшуда;

– тарзи соқиткунии арзиши масолеҳи истифодашуда;

– усули соқиткунии фарсудашавии ВА» [7-М].

3. Дастгирии иттилоотӣ – ин дар амалияи баҳисобгирии муҳоибӣ,

умуман дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ ба таври васеъ истифодабарии технологияҳои иттилоотии рақамӣ ва ҳамгирокунии якчанд нармафзорҳои рақамӣ дар назар дошта мешавад.

Ногуфта намонад, ки дар шароити имрӯза рушди ягон соҳа, фаъолият, амал, рӯйдод, объект ва ё зуҳуротро бидуни татбиқи имконоти муосири автоматикӣ ва механизмҳои рақамӣ ба даст оварда намешавад. Яке аз ин имкониятҳо дар фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ татбиқ ва ҳамгиро кардани низомҳои иттилоотии ERP (Enterprise Resource Planning, ё ин ки "низоми банақшагирии захираҳои корхона") ва Низоми BIM (Building Information Modeling – Тарҳи иттилоотии биноҳо,) тавассути истифодабарии воситаҳои кории мобилӣ аз ҷониби менеҷерони ширкат мебошад.

Ин ҷо зарур мешуморем, ки шарҳи муфассали методикаи ҳамгиркунии рақамиро бо истифода аз низомҳои номбаршуда пешниҳод кунем. Вақте ки сухан дар бораи ҳамгирокунии механизмҳои баҳисобгирии идоракунии ташкилот бо абзорҳои рақамӣ меравад, як чиз дар назар дошта мешавад, ки раванди дасткашӣ аз баҳисобгирии баъдиамалиётии таъхиршуда, бо ибораи дигар "баҳисобгирии карахтшуда" (масалан, вақте ки хароҷот чанд ҳафта баъд пас аз харҷ шудани пул ба ҳисоб гирифта мешавад), ба раванди фаъоли идоракунӣ ва пешгӯикунандаи хароҷот гузариш ба мал меояд. Дар доираи татбиқи ин методика яъне ҳамгирокунии низомҳои ERP ва BIM амалигардонии корҳои зерин дар ду зина анҷом дода мешавад:

Зинаи аввал – мутобиқ кардани системаҳои ҳамаҷонибаи ERP бо таҷҳизотҳои кории мобилӣ. Ин дар амал чӣ маъно дорад. Низоми ҳамгирошудаи банақшагирии захираҳои корхона (ERP) ҳамчун манбаи ягонаи ҳақиқии маълумот барои ҳамаи сохторҳо, зерсохторҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо, коргоҳҳо ва минтақаҳои истеҳсолӣ, анборхонаҳо аз харидҳои корпоративӣ сар карда то истифодаи захираҳо дар майдонҳои дурдасти сохтмонӣ хизмат мекунад. Ҳамаи менеҷерҳо ва кормандони масъули корхона бо таҷҳизотҳои мобилӣ (планшет), ки низомҳои иттилоотии зикршуда дар

онҳо насб шудаанд, таъмин карда мешаванд.

Маъмулан, пештар аз ин менеҷерони майдончаҳо ва минтақаҳои сохтмонӣ маводҳо ва масолеҳҳои сохтмонии истифодашударо дар варақаҳои коғазӣ (шакли М-29) ё дар ҷадвалҳои алоҳида қайд карда онҳоро дар охири моҳ ба идораи марказии ширкати сохтмонӣ мефиристоданд, ки ин амалҳо вақти зиёдро талаб мекарда ва ба хусусияти фавригии маълумотҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ таъсири манфӣ мерасониданд. Таҷҳизотҳои муосири мобилӣ (планшетҳо ё смартфонҳои пуриқтидор, ки мустақиман ба ERP-и корпоративӣ пайвастанд) ин "нуқтаи заъифи кори баҳисобгирӣ ва идораи захираҳоро дарҳол бартраф мекунанд. Ин механизм қадам ба қадам иҷро карда мешавад:

Воридкунии маълумот дар вақти воқеӣ: Вақте ки маводҳои сохтмонӣ (ба монанди арматура, хишти сохтмонӣ, бетон ва ғ.) ба макони муайяншуда ворид мешаванд, менеҷер ва ё шахси ба ҳамин мавод масъул рамзи QR ё RFID-ро бо таҷҳизоти мобилӣ сурат мегирад (скан мекунад). Ин маълумот ба низоми ERP ворид шуда барнома фавран бақияи захираҳои молию моддиро аз нав ҳисоб мекунад. Ин маълумотҳо дарҳол ба ҳамаи шахсоне, ки ба ҳамин барнома дастрасӣ доранд, аз ҷумла кормандони шуъбаи муҳосибот равона мегардад.

Сабти фаъолияти амалиётӣ дар макони сохтмон. Ҳангоми иҷро кардани корҳои сохтмонӣ дар макони муайян менеҷери масъул ҳаҷми корҳои анҷомёфтаро ҳар рӯз мустақиман дар барнома сабт мекунад.

Тавлиди худкори ҳуҷҷатҳо. Дар асоси сабтҳои ҳаррӯзаи тасдиқшуда, яъне маводҳои воридшуда, корҳои сохтмонии иҷрокардашуда низоми ERP ба таври худкор шаклҳои мутобиқат ва шаклҳои молиявӣ (масалан, СА-2, СА-3 ва М-29)-ро пур мекунад, ки дар ин замина хатогиҳои дастӣ, таъхирҳои байниидоравӣ ва дигар тамоюлот аз байн бардошта мешавад.

Бастани фаврии буҷет. Ин амалро барнома худ мустақилона анҷом медиҳад. Масалан, агар ба роҳбари ягон минтақаи сохтмонӣ маводҳои

иловагӣ лозим шаваду дархостеро барои дастраскунии онҳо дар барнома гузорад, ки он аз меъёри харҷномаи пешакӣ тасдиқшуда зиёдтар бошад, низоми ERP ба таври худкор фармоишро масдуд мекунад ва ба сармуҳандиси корхона огоҳинома (тасдиқнома) барои тасдиққунӣ мефиристад.

Дар доираи зинаи дуюм ҳамгирокунии тарҳи иттилоотии бино (BIM) бо амсилаҳои баҳисобгирии хароҷот амалӣ карда мешавад. Тарҳи иттилоотии бино (BIM) на танҳо ин омодакунии иттилоотии сеченакаи сохтор мебошад, он пойгоҳи додаҳои интеллектуалӣ мебошад, ки ҳамаи маълумотҳои заруриро – аз хусусиятҳои сифатию техникӣ сар карда, то аломатҳои пурраи геометрӣ, масолеҳ ва мавод барои ҳар як унсури бино (пойдевор, деворҳо, сутунҳо, фаршу сақфҳо, хатҳои коммуникатсионӣ) ва ғайраро дар бар мегирад. Дар расми 3.3.1. тарҳи ҳамгирокунии низоми BIM ва низоми иттилоотӣ-идоракунии ERP пешниҳод карда шудааст.

Дар доираи ҳамгироии BIM бо амсилаҳои баҳисобгирии идоракунӣ равандҳо ва муҳитҳои зерини иттилоотӣ бояд мушоҳида ва эҷод карда шавад:


А) Хусусиятҳои техникӣ, иқтисодӣ ва ҷуғрофии объект;

Б) Банақшагирии сохтмон ва идоракунии вақт (реҷаи вақт);

В) Баҳисобгирии муназзами хароҷот ва идоракунии захираҳо.

Дар доираи ин корҳо мушоҳида ва муоинаи (мониторинг) тамоюлот дар вақтҳои оҷил метавонад анҷом дода шавад. Онро ба таври зайл иҷро кардан мумкин аст (Расми 3.3.1):

Мувофиқатии нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ ва молиявӣ: Ҳар як унсури сохторӣ ва конструксияҳои бино дар тарҳи BIM мустақиман бо рамзи мушаххаси хароҷот (WBS) ва банди сатри сметавӣ дар системаи ERP алоқаманд кунонида мешавад.




Расми 3.3.1. *– Тарҳи ҳамгирокунии низоми BIM ва низоми иттилоотӣ-идоракунии ERP*

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

Ҳисобкунии автоматии миқдор ва ҳаҷми мавод ва корҳо: Ҳолатҳое дучор меояд, ки тағйирот дар тарҳи объекти сохтмонӣ бояд ворид карда шавад. Дар ин маврид, масалан, агар муҳандисони сохтмон ғафсии деворро дар лоиҳа тағйир диҳанд, амсилаҳои ҳамгирошуда фавран ҳаҷми зарурии маводро аз нав ҳисоб мекунанд ва сметаи лоиҳаро ба таври худкор нав мекунанд.

Назорати хароҷот ба таври визуалӣ (воқеӣ ва банақшагирифташуда): Ин чи гуна намуди мушоҳида ва назорат мебошад. Назорати визуалии хароҷот як равише нисбат ба идоракунии молиявӣ ва хароҷот мебошад, ки аз

рӯйи он маълумот дар бораи буҷет, хароҷоти воқеӣ ва тамоюлот дар смета дар шакли тасвирҳои графикии визуалӣ (аломатҳои рангдор, моделҳои 3D, панелҳои идоракунӣ, графикҳо), на дар шакли ҷадвалҳои хушки баҳисобгирӣ, ки дарки моҳияти масъала вақти зиёдро мегирад ва майнаи инсонро метавонанд гиҷ кунанд, пешниҳод карда мешаванд.



Расми 3.3.2. *- Тарҳи мушоҳидакунии (мониторинги) тамоюлоти хароҷот аз рӯйи низомҳои BIM ва ERP.*

Манбаъ: *таҳияи муаллиф*

Ҳадафи асосии ин равиш фавран ҷалб кардани таваҷҷӯҳи роҳбарият ва қабулкунандагони қарорҳо барои пешгӯии нуқтаҳои мушкилдоштаи объекти сохташаванда, пеш аз он ки онҳо сабаби талафот гарданд, мебошад. Дар ширкатҳои сохтмонӣ, назорати визуалии хароҷот тавассути якҷоя кардани тарҳҳои BIM ва низоми иттилоотӣ-идоракуни ERP амалӣ карда мешавад:

1. Рамзгузории рангии модели 3D-и иншоот (BIM). Муҳандис ё менеҷери лоиҳа модели 3D-и бинои дар ҳоли сохтмонро мекушояд, ки дар он ҳар як унсур (девор, фарш, таҳкурсӣ, сутун) мувофиқи риояи меъёри дар буҷет тасдиқшуда ранг карда мешавад, масалан:

- Сабз – корҳо анҷом ёфтаанд, хароҷоти воқеӣ қатъиян дар доираи меъёри буҷети тасдиқшуда мебошад.
- Зард – тамоюлоти хароҷот ночиз аст (масалан, то 3% - 5%-ро дар бар мегирад) ё ин ки хатари таъхири воридшавии маводҳо низ хеле кам аст.
- Сурх – аз ҳад зиёд сарф шудани маблағ ё аз ҳад зиёд сарф шудани

миқдори зиёди масолеҳ (масалан, истифодабарии аз меъёри тасдиқшуда зиёди бетон ва ғ.) Дар ин маврид роҳбарият фавран бояд ба вазъи бамаломада вокуниш нишон дода, қарорҳои лозимӣ қабул кунанд.

2. Панелҳои графикии амалиётӣ (Dashboards). Омодакунии маълумотҳои лозимӣ дар экранҳои намоишӣ. Ба ҷои хондани гузориш ва ҳисоботҳои бисёрсаҳифагии менеҷерҳо, шахсони масъул ва ё муҳосибон директори молиявӣ ба экране менигарад, ки инҳоро дар реҷаи онлайн нишон медиҳад: Масалан, диаграммаи ҳаҷми корҳои иҷрошуда (муқоисакунии нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ бо маълумотҳои нақшавӣ то вақти ҳозира; индикаторҳои меъёрҳо (возеҳу равшан аст, ки аз рӯйи кадом модда ва бандҳои хароҷот "ранги сурх" мавҷуд аст).

Назорати визуалии хароҷот дорои як қатор бартариҳо мебошад:

Муайнкунии фаврӣ. Майнаи сари инсон сигналҳои рангаро дар як сония мехонад, аммо масалан пайдо кардани як хатогӣ дар барномаи Excel ё дар ҳуҷҷатҳои муҳосибии пуркардашуда метавонад соатҳо тӯл кашад.

Шаффофияти натиҷаи корҳо барои кормандон. Сардори коргоҳ ва ё минтақа фавран дар таҷҳизоти мобилиаш назора мекунад, ки амалҳои иҷрокардаи онҳо ба буҷети сохтмон чӣ гуна таъсир мерасонанд ("агар конструксияи мушаххас, масалан сурх шавад, ин маънои онро дорад, ки хароҷот аз ҳад зиёд шудааст").

Хусусияти пешгирикунандагӣ: Мушкилот фавран баробари пайдо шуданашон (масалан, дар рӯзи дуюми рехтани бетон) муайян карда мешавад, на ин ки пас аз як моҳ, вақте ки шуъбаи баҳисобгирӣ ҳисоботҳоро омода мекунад.

Ҳамин тариқ змини ташкил ва пеш бурдани баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои соҳаи сохтмон истифода бурдани низомҳои иттилоотӣ дар асоси технологияи муосири рақамӣ ва ҳамбаста кардани якчанд намуди онҳо, мисли ҳамгирокунии низомҳои BIM ва низоми иттилоотӣ-идоракунии ERP якчанд бартариҳо дошта, пеш бурдани корҳои баҳисобгирӣ ва омодакунии

иттилооти иқтисодӣ-молиявиро хеле осон мекунанд: ҳуҷҷатҳои коғазӣ хеле кам истифода мешаванд; маълумотҳои зарурӣ фавран ба барнома ворид карда шуда шахсони масъул ба он дастрасӣ пайдо мекунанд; қарорҳои идоракунӣ дарҳол ва самаранок қабул карда мешавад; ба тамоюлоти беасос ва барзиёдхарҷӣ роҳ дода намешавад; масъулияти менеҷерҳо ва кормандони вобаста баланд мегардад; мавзеъҳои заъифи корҳои сохтмонӣ дарҳол ошкор карда мешавад; ҳавасмандии коргарон барои пешбурди корҳо боло меравад; ҳисоботҳои дохилӣ фавран омода карда мешавад; ҳаҷми корҳо ва меҳнатталабии корҳои баҳисобгирӣ хеле коҳиш меёбад ва мувофиқан, самаранокии низоми баҳисобгирӣ баланд мегардад ва ғ.

Мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи татбиқи технологияҳои рақамӣ бо роҳи ҳамгирокунии ду низоми иттилоотии зикршуда маҳдуд нагашта, дар ин таҳқиқот, ҳамчунин зарур мешуморем, ки дар доираи ташкили як низоми иттилоотӣ, яъне баҳисобгирии муҳосибӣ омода кардани ду намуди маълумотҳо: ҳам бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин, дар доираи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо роҳи як маротиба ба қайд гирифтани амалиётҳои хоҷагӣ равише пешниҳод карда мешавад, ки аз рӯйи онҳо ду намуди маълумотҳо (таъиноти дохилӣ дошта ва таъиноти берунӣ дошта) яку якбора бояд ба даст оварда шавад.

Барои интихоби равиши мушаххаси вобастагии байни низомҳои баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо равишҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибиро аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ, ки дар «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ» [10] (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №41 аз 27.05. 2011), гирд оварда шудаанд, баррасӣ менамоем. Ҳамчунин таҳқиқоти илмии олимони ватании соҳаи баҳисобгирӣ – С.Ф. Низомов [33, с.

156;], И.А.Бобиев [49, с. 68-70;], М.У. Бобоев [50] ва нақшаи ҳисобҳои муҳосибиро ҳамчун асос интихоб карда, равишҳои гуногуни омодакунии иттилооти баҳисобгириро оид ба фаъолияти субъекти соҳаи сохтмон, ки метавонанд змини қабули қарорҳои манфиатнок созгор бошанд, коркард кардан мумкин аст.

Вахрушина М.А. [56, с. 375], Низомов С.Ф. [33, с. 156], Науменко Е.И. [75, с. 80] ва дигарон ду равиши ташкили баҳисобгирии идоракуниро аз рӯйи тартиби инъикоси маълумот дар ҳисобҳои муҳосибӣ (*низоми мухтор ва низоми муттаҳидшуда)* пешниҳод намудаанд. Таҷрибаи амалии ширкатҳои сохтмонӣ нишон дод, ки истифодабарии *равиши муттаҳидшуда* нисбат ба равиши мухтор аз бартариҳои зиед бархурдор аст:

– зарурияти ташкил кардани шуъбаи алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ дар баробари шуъбаи баҳисобгирии молиявӣ аз байн меравад, дар ин росто харҷи маблағҳои иловагӣ сарфа мегардад;

– барои амалӣ кардани баҳисобгирии идоракунӣ на ин ки гурӯҳи зиёди коргарони муҳосибӣ, балки як ё ду нафари босалоҳият ва дорандаи дониши васеъ метавонанд сафарбар карда шаванд;


– қайди амалиёти хоҷагӣ танҳо дар як ҳуҷҷати муҳосибӣ ҳамагӣ як бор анҷом дода мешавад, ки ин ҳолат меҳнатталабии корҳои баҳисобгириро коҳиш медиҳад;

– як даври гардиши ҳуҷҷатҳо басанда аст, ки дар доираи он маълумотҳои заруриро оид ба ду низом: баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дастрас кунем;

– иттилооти ҳам бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам бо маќсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ тайёршаванда дар доираи як нақшаи тасдиқшудаи ҳисобҳо ба низом дароварда мешавад, кор карда баромадни нақшаи нави ҳисобҳо зарур намеояд;

– дар доираи як ҳисоби муҳосибӣ ҳам маълумоти умумӣ ва ҳам маълумоти таҳлилӣ омода карда шуда, маълумотҳои хусусияти таҳлилӣ ва махфигӣ дошта ба ҳисоботҳои идоракунӣ ва маълумотҳои хусусияти умумӣ

дошта ба ҳисоботҳои молиявӣ кӯчонида мешаванд ва ғ.



Эзоҳ: маълумоти бо ранги сабз нишондодашуда ба ҳисоботи идоракунии дохилӣ ва бо ранги сурх ҷудокардашуда ба ҳисоботи молиявӣ

Расми 3.3.1. - Тарҳи баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ бо низоми муттаҳидшуда

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст*

Тарҳи инъикоскунии маълумотҳои баҳисобгириро аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ бо равиши муттаҳидшуда марбут ба ҳисоби хароҷот, арзиши аслӣ ва натиҷаҳои молиявӣ барои ширкатҳои сохтмонӣ дар расми 3.3.3 пешниҳод менамоем.

Дар расми 3.3.3 алоқамандии чунин ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилӣ пешниҳод карда мешавад:

10720 «Ашёи хом ва мавод»

107201 «Арматура»

107202 «Хишти бинокорӣ»

10720.. «Дигар масолеҳи сохтмонӣ»

10730 «Истеҳсолоти нотамом»

107301 «Истеҳсолоти нотамом-объекти сохтмонии №1»

107302 «Истеҳсолоти нотамом-объекти сохтмонии №2»

10731 «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ»

10100 «Воситаҳои пулӣ»

11100 «Фарсудашавии воситаҳои асосӣ»

22010 «Ҳисобҳо барои пардохт»

22200 «Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда» (аз он ҷумла музди меҳнати пардохтшаванда)

22300 «Андозҳо барои пардохт»

22040 «Дигар ҳисобҳо барои пардохт»

22400 «Захираҳои хароҷот ва пардохтҳои дарпешистода»

55010 «Арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и фурӯхташуда»

55200 «Хароҷоти тиҷоратӣ»

55300 «Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ»

44010 «Даромад аз фурӯш»

Аз расми 3.3.3 дида мешавад, ки ба ҳисобҳои таркибии 10720 «Ашёи хом ва мавод» ҳисобҳои таҳлилии 107201 «Арматура», 107202 «Хишти

бинокорӣ», 10720… «Дигар масолеҳи сохтмонӣ» ва ба ҳисоби таркибии 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ҳисобҳои таҳлилии 107301 «Истеҳсолоти нотамом – объекти сохтмонии №1», 107302 «Истеҳсолоти нотамом – объекти сохтмонии №2» ва ғ. кушодан мумкин аст. Аз рӯйи ҳисобҳои таҳлилии зикршуда мо муайян карда метавонем, ки бақияи масолеҳи сохтмонӣ, миқдори сарфшудаи онҳо ба истеҳсолоти нотамом аз рӯйи ҳар як намуд ошкор карда шавад. Ҳамчунин аз рӯйи ҳисобҳои таҳлилии 107301 ва 107302 дастраскунии маълумоти таҳлилӣ оид ба таркиби истеҳсолоти нотамом – объектҳои сохтмонӣ (ё ин ки намуди маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳои сохтмонӣ) ва оид ба он ки ба кадом объект чи қадар захираҳо равона шудааст ва аз онҳо чи қадар маҳсулот ба даст оварда шудааст, муайян мегардад. Ҳамин тавр нисбати дигар объектҳо, захираҳо, хароҷот, даромадҳо ва ғ. чунин методикаро ба кор бурдан мумкин аст.

Қайд карданро зарур мешуморем, ки дар расми 3.3.3 маълумотҳои бо ранги зард ишорашуда хусусияти умумӣ дошта, барои қонеъгардонии талаботи истифодабарандагони беруна кофӣ аст, яъне онҳо ба ҳисоботи молиявии беруна кӯчонида мешавад ва маълумоти ба ҳисобгирии идоракунӣ тааллуқдошта бо ранги сабз ишора шудаанд, чунки онҳо хусусияти таҳлилӣ дошта иттилооти ҷузъигардонидашударо оид ба захираҳо ва дигар объектҳои баҳисобгирӣ дар бар мегиранд ва танҳо мавриди истифодабарии дохилӣ бояд қарор гиранд.

Яъне, «амсилаи пешниҳодшуда оид ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ бо равиши муттаҳидшуда дар ширкатҳои сохтмонӣ, ки бартариҳои онро мо болотар номбар намудем, яке аз усулҳое мебошад, ки ба имкониятҳои молиявию иқтисодии ширкат мувофиқ буда, татбиқи он хароҷоти иловагиро талаб накарда, дар доираи як низоми комил иттилооти заруриро барои ду намуди баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ тайёр менамояд» [7-М].

Хуллас, мо дар рафти таҳқиқоти худ хусусиятҳои соҳаи сохтмонро

омӯхта, омилҳоеро аз қабили танзими давлатии фаъолияти онҳо, давраи тӯлонии истеҳсолот, инфиродӣ будани истеҳсолоти сохтмонӣ, тарзи лоиҳавии сармоягузории сохтмон, сохтори муракаби идоракунӣ, ҳаҷми зиёди бузургии истеҳсолоти нотамом ва ғ. муайян намудем, ки ҳангоми ташкил кардани баҳисобгирии идоракунӣ бо мақсади ташаккули иттилоот ва пешниҳоди он ба менеҷерони дараҷаҳои гуногун ба инобат гирифтани онҳо амри зарурӣ мебошад.

Хулоса аз рӯйи боби 3-юм

1.Мо ба ақидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи олимон оид ба мафҳуми буҷет ва буҷетсозӣ комилан розӣ ҳастем, ки он ҳамчун унсури таркибии банақшагирӣ, воситаи ояндабинии захираҳо, хароҷот ва даромадҳо, василаи назорат аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти менеҷерҳои марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбад. Ҳамаи ин ҷанбаъҳои илмиро омӯхта амсилаи ташаккули буҷети асосии ширкати сохтмониро дар расми 3.1 пешниҳод намудем. Бартарии таритибдиҳи бучет дар ширкати сохтмонӣ аз он иборат, ки тавассути он раванди истифодабарии захираҳо ва фаъолияти менеҷерони марказҳои масъулият назорат карда шуда, тамоюлҳо сари вақт ошкор ва қарорҳои идоракунӣ саривақт кабул карда мешаванд.

2. Дар бахши 3.2 кори илмӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои методӣ оид ба таҳиякунии маълумоти сегментӣ вобаста ба марказҳои масъулият ва зербахшҳои онҳо пешниҳод карда шуд. Бартарии методикаи пешниҳодшуда оид ба тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва ширкат дар маҷмуъ зоҳир гашта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти олии ширкат пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд.

3. Татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии босамар коркарди методикаҳои махсуси иҷрокунии корҳои баҳисобгириро талаб мекунад. Ба

сифати чунин методикаҳо дар параграфи 3.3 пешниҳод карда шуд, ки дар субъектҳои соҳаи сохтмон истифода бурдани низомҳои иттилоотӣ дар асоси технологияи муосири рақамӣ ва ҳамбаста кардани якчанд намуди онҳо, мисли ҳамгирокунии низомҳои BIM ва низоми иттилоотӣ-идоракунии ERP бартарӣ дошта, пеш бурдани корҳои баҳисобгирӣ ва омодакунии иттилооти иқтисодӣ-молиявӣ хеле осон мегардад. Илова бар ин бо мақсади боз ҳам такмил ёфтани баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи ташкили як низоми иттилоотӣ, яъне баҳисобгирии муҳосибӣ омода кардани ду намуди маълумотҳо: ҳам бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ амалӣ карда шуд. Дар ин росто дар чаҳорчӯбаи нақшаи ҳисобҳо равиши муттаҳишудае пешниҳод карда шуда, ки амалҳо ва натиҷаҳои зикршударо дар доираи он ба даст овардан мумкин аст, яъне аз рӯйи он бо хароҷоти камтар ду намуди маълумотҳо (таъиноти дохилӣ дошта ва таъиноти берунӣ дошта) яку якбора метвонад ба даст оварда шавад.

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Аз таҳқиқоти диссертатсионии дар самти ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмон гузаронидашуда чунин хулоса ва тавсияҳо пешниҳод карда мешавад.

1.Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон асоснок карда шуда, нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди низоми идоракунии ширкатҳои зикршуда муқаррар карда шуд. Ҷамъбасти омӯзиши мавқеи олимону муҳаққиқон нишон медиҳад, ки дар байни онҳо оид ба методология, консепсия, мақсадҳо ва ташкили амалии баҳисобгирии муҳосибӣ андешаҳои монанд дида мешавад. Асосҳои назариявию методологии баҳисобгирии идоракунӣ мавриди таҳқиқоти васеъ қарор гирифта, муайян карда шуд, ки он ҳамчун низоми пешниҳодкунандаи иттилооти иқтисодӣ мебошад, ки дар асоси он барои баланд бардоштани самаранокии амалиёти мавҷуда қарорҳои муносиби огоҳона қабул карда мешавад [10-М, 11-М, 3-М].

2. Ширкати сохтмонӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ бо хусусиятҳои мушаххас, ба монанди доштани хосиятҳои инфиродӣ, ба таври марҳилавӣ иҷрошавии корҳои сохтмонӣ, беназирӣ, дарозмуҳлатии даври истеҳсолӣ, махсусиятҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ вобаста ба иқлим ва релефи маҳал, истифодабарии таҷҳизотҳои махсус ва мураккаб, истифодаи усулҳои махсуси баҳисобгирии харoҷот ва эътирофи даромад, зарурияти тағйир додани сохтор ва мутобиқ шудани он ба шароити тағйирёбанда бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян мегардад. Ин хусусиятҳои зикршуда ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат таъсири бевосита мерасонанд [4-М, 10-М].

3. Идоракунии ҳар як марҳилаи фаъолияти иқтисодии ширкати сохтмонӣ бояд бо иттилооти санҷидашуда, таҳлилшуда, коркардшуда ва ҷамъбастшуда таъмин карда шавад, чунки маҳз ҳамин гуна маълумот барои назорат ва идоракунии босамари ҳамаи захираҳои дар ихтиёри субъекти иқтисодӣ

вогузшташуда кӯмак расонида метавонад. Чунин маълумот дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби мутахассисони бахши баҳисобгирии муҳосибии ширкат тайёр карда мешавад. Дар баробари маълумотҳо оид ба фаъолияти маҷмуии ширкат, маҳз ташаккули иттилооти чузъигардонидашуда (таҳлилӣ) барои назорат ва баҳогузории фаъолияти роҳбарони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва фавран қабул кардани қарорҳои боманфиат бо мақсади муносибгардонии вазъи натиҷаҳои фаъолияти молиявии ширкат ва зерсохторҳои он барои давраи кӯтоҳ ва дароз зарур аст [4-М, 11-М].

4.Яке аз вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст ба ҳисоб гирифтани хароҷоти ширкатҳои сохтмонӣ ва дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии корҳои сохтмонию васлкунӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ҳар чӣ қадаре, ки арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ паст бошад, ҳамон қадар нархи фурӯши онҳо метавонад паст, фоида ва рақобатпазирии ширкат дар бозори корҳои сохтмонию васлгарӣ баланд бошад. Барои ташкили баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар шикратҳои сохтмонӣ аз талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавии тасдиқшуда истифода намудан ҳатмӣ мебошад. Муайян карда шуд, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ барои ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ таснифи хароҷот ва истифодабарии усулҳои фармоишӣ, АВС (баҳисобгирӣ аз рӯйи фаъолиятҳо) ва дигарҳо ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ хеле мувофиқ аст [9-М, 12-М]**.**

5. Системаи назорати дохилии ширкати сохтмонӣ василаи муҳимтарини механизми танзими фаъолияти ширкати сохтмонӣ ва усули баҳогузории натиҷаи кори иҷрокунандагони вазифаҳои мушаххас барои бехатарии иҷроиши корҳо ва самаранокии сохтмон мебошад. Имрӯзҳо системаи назорати дохилӣ дар баъзе аз ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман вуҷуд дорад, вале он ҳам ба таври самаранок амал намекунад. Дар баъзе аз дигар ширкатҳо умуман ташкил карда намешавад. Бо дарназардошти

ин вазъ дар ширкат бояд низоми ягонаи назоратии ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти хоҷагдории ширкатро фарогиранда ташкил карда шавад. Назорати дохилии сохтмон аз ҷониби шахси иҷрокунандаи сохтмон (паймонкори асосӣ, зерпаймонкор) амалӣ карда шуда се марҳилаҳои асосии зеринро бояд дар бар гирад: (1) назорати сифати маводди воридшаванда; (2) назорати амалиётӣ; (3) назорати қабулкунии объект [1-М, 5-М].

6. Имрӯзҳо, ки «шароити хоҷагидорӣ, талабот ва таркиби бозор тағйир ёфтааст, бозор маҳсулот ва фаъолияти рақобатпазирро тақозо менамояд, ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки барои тартиб додани буҷети ширкат аз роҳу усулҳои наву пешқадам истифода баранд» [39]. Ширкатҳои пешқадами соҳаро лозим меояд, ки даромад ва захираҳои ба он вобастаро ояндабинӣ намуда саҳеҳӣ ва дурустии онро таъмин намоянд. Вобаста ба ин банақшагирӣ ва буҷетсозӣ дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд, чунки «он барои таъмини фаъолияти самаранок, назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда, баҳодиҳии фаъолияти менеҷерҳо ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа» [39], кафили устувор мебошад [6-М].

7. Маълумоти тайёршуда дар доираи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ аз фаъолияти зербахшҳои тиҷоратии ширкат дарак дода, барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерон кӯмаки амалӣ мерасонад. Тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва худи ширкат дар маҷмуъ саҳм гузошта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти болоии ширкат пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд. Он барои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ хамчун василаи пешқадам хизмат мерасонад [6-М, 12-М].

8. Механизми ташкилии баҳисобгирии мавҷуда дар аксари ширкатҳои

сохтмонӣ як қатор норасогиҳоро дар бар мегиранд, ки ба равиши системавии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири номатлуб мерасонанд. Барои ҳалли муаммо ва мушкилиҳои зикршуда, табдили ҳамаҷонибаи заминаи ташкилию методии баҳисобгирии идоракунӣ дар се самти асосӣ пешниҳод карда шуд: 1) такмили с*охтори ташкилӣ-идоракуни корхона; 2) танзим кардани равандҳо, ҷараёни ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот*; *3) дастгирии иттилоотӣ*. Ин дар амалияи баҳисобгирии муҳоибӣ, умуман дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ ба таври васеъ истифодабарии технологияҳои иттилоотии рақамӣ ва ҳамгирокунии якчанд нармафзорҳои рақамиро дар назар дорад, ки дар зербоби 3.3 тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи он пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин дар баробари ин, ҷиҳати мукаммал ва самаранок гаштани низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда равиши муттаҳидшудае пешниҳод карда шуд, ки аз рӯйи он ҳам иттилоот барои истифодабарандагони беруна ва ҳам барои истифодабарандагони дохилиро дастраст кардан мумкин аст [7-М, 11-М, 12-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1.Зимни таҳлили ҳолати ба эҷоди асосҳои методологии баҳисобгирии идоракунӣ алоқамандбуда, ба он чиз бояд такя кард, ки ин масъала аз ҷиҳати консептуалӣ омӯхта шавад. Ин хулоса аз хусусияти субъективии баҳисобгирии идоракунӣ ва таснифи маълумоти расмиаш бармеояд. Илова бар ин, он вазифаи асосиро иҷро мекунад - таъмини роҳбарият бо маълумоти арзишманд барои қабули қарорҳои фаврӣ. Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксарияти ҳаҷми маълумоте, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ тавлид мешавад, бояд ба ҳалли мушкилоти субъекти иқтисодӣ, аз он ҷумла ба ширкати сохтмонии муайян нигаронида шавад.

2. Аз нуқтаи назари системавӣ, ширкатҳои сохтмонӣ як низоми мураккаб ва идорашавандаи дорои омилҳои сершумори иқтисодӣ ва технологӣ

мебошанд, ки бо алоқаи баръакс тавсиф мешаванд ва ҷузъҳои таркибии онҳо коргарон (мутахассисони соҳаи сохтмон), масолеҳ ва олотҳои меҳнат мебошанд. Дар доираи ин система захираҳои истифодашуда ба натиҷаҳои ниҳоӣ (дороиҳои ғайригардишӣ, ки дар оянда фоидаи иқтисодӣ меоранд, дигар манофеи иқтисодӣ ва ғ.) табдил меёбанд. Мувофиқ ба ин хусусиятҳои номбаршудаи соҳаи сохтмон низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои соҳа бояд тавре ҷорӣ карда шавад, ки иитилооти омодагардида дар қабули қарорҳо ҳамчун абзори рахнакунанда эътироф гардад.

3. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд ҳамчун низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии такмилёфтае дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ истифода бурда шавад, ки дар доираи он маълумоти санҷидашуда, сабтшуда, тасдиқшуда ва таҳлилшаванда тайёр гардида, бо мақсади муносибгардонии вазъи натиҷаҳои фаъолияти молиявии ширкат барои давраи ҷорӣ ва оянда ба менеҷерон пешниҳод карда шавад.

4.Бо мақсади рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ таснифи намунавии хароҷот ва истифодабарии усулҳои имконпазири арзишмуайянкунӣ (усули фармоишӣ, усули оддӣ ва усули АВС (баҳисобгирӣ аз рӯйи фаъолиятҳо)-ро пешниҳод намуда варақаи арзишмуайянкунии маҳсулотро барои объектҳои таҳқиқшуда дар шакли мушаххас коркард намудем, ки хамчун тавсияҳо ва коркардҳои методӣ дар ширкатҳои зикршуда метавонанд васеъ истифод бурда шаванд.

5. Дар доираи назорати дохилӣ бо мақсади тибқи талабот иҷро шудани корҳои сохтмонию васлгарӣ гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ дар самтҳои санҷиши сифат ва мувофиқати нишондиҳандаҳои миқдории маводҳои сохтмонӣ, назорати сифати корҳои иҷрошуда, тафтиши ҳаҷми ҳақиқии корҳои иҷрошуда, назорати қабули мутобиқати иншооти сохтмонии анҷомёфта ба талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва техникӣ ва ғ. ба мақсад мувофиқ аст. Барои ташкили назорати дохилӣ дар

ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳо ва марказҳои масъулият муайян кардани марказҳои хароҷот, мушаххас намудани вазифаҳо ва ваколатҳои ба онҳо вогузошташуда муҳим аст.

6. Раванди тартиб додани буҷет бо раванди назорати иҷрои буҷет алоқамандии мустаҳкам дорад. Бинобар ин ба ширкатҳои сохтмонӣ тавсия дода мешавад, ки дар баробари сметаҳои лоиҳаҳои сохтмонӣ буҷети ширкатро барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, ки мо амсилаи онро дар зербахши 3.1-и рисолаи диссертатсионӣ пешниҳод намудем ва ё барои аз давраи оғозгардии объекти сохтмон то ба охиррасии он тартиб дода, системаи назорати иҷрои буҷетро кор карда бароянд, то ин ки ба истифодаи оқилонаи буҷетҳои тартибдодашуда шароити мусоид фароҳам ояд.

7. Таҳқиқоти назариявию амалии гузаронидаи мо собит намуд, ки «ҳар як маркази масъулиятро, ки (аз маркази хароҷот сар карда то маркази сармоягузорӣ) менеҷер идора мекунад, ба ихтиёраш захираҳо вогузор карда мешаванд, барои натиҷаҳои кори марказ масъул гардонида шудааст» [24], бояд ҳисоботи сегментии дохилиро тайёр карда ба менеҷери сатҳи болотар пешниҳод намояд. Раванди тартибдиҳии ҳисоботи сегментиро мо дар такшилоти сохтмонӣ, аз марказҳои масъулияти поёнӣ (марказҳои хароҷот) сар карда то марказҳои болоӣ (маркази сармоягузорӣ) ба тартиб даровардем, ки он ҳамчун олоти боэътимоди зина ба зина омодакунии иттилооти зарурӣ ва пешниҳоди он ба менеҷерони дараҷаҳои гуногуни идоракунӣ хизмат мерасонад.

8. Ба ширкатҳои сохтмонӣ тавсия карда мешавад, ки зимни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ аз имкониятҳои васеъи он истифода намоянд. Бо ин мақсад дар зербоби 3.3-и рисола имкониятҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ ва низомҳои иттилотӣ ба мисли “Низоми иттилоотӣ-идоракунӣ” (ERP) ва низоми “Тарҳи иттилоотии бино” (BIM) тавсия карда шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳамгирокунии ин ду низом дар ширкатҳои сохтмонӣ корҳои

баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунии захираҳоро хеле осон намуда натиҷаҳои дилхоҳро барои ширкат ба бор меорад. Ҳамчунин барои ташкил кардан ва пеш бурдани баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ як равиши муттаҳидшудае коркард карда шуд, ки татбиқи он хароҷоти иловагиро талаб накарда, дар доираи он маълумоти заруриро барои ду намуди баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ба даст овардан мумкин аст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12. 2021.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», №702 аз 25.03.2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», №993 аз 22.07.2013.
4. Қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо). Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505.
5. Дастур оид ба муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти сохтмон (Фармоиши Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 30/ОП аз 7 апрели соли 2004).
6. Дастур оид ба тартиб додани сметаҳои (сметаҳои) корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ бо усули захиравӣ (мактуби Вазорати сохтмони ИҶШС аз 11/10/1990 № BF-926/12).
7. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 8 "Операционные сегменты " https://minfin.gov.ru/common/upload/library/2015/01/main/IFRS08.pdf [Санаи воридшавӣ: 03.11.2023]
8. Методические рекомендации по определению величины накладных расходов и сметной прибыли в строительстве (Распоряжение Агентство по строительству и архитектуре при Правительстве РТ от 06.01.2013 г., №5/Ф).
9. Методические рекомендации по определению величины сметной прибыли при формировании сводных цен на строительную продукцию (письмо Минстроя СССР от 30.10.1990 №БФ-906/12).
10. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи

ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 41. – http://minfin.tj.

11. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 2/99"Баҳисобгирӣ аз рӯйи шартномаҳои сохтмони асосӣ". Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 20 декабри соли 1999, № 167.

12. Низомнома оид ба тартиби муайянкунии арзиши объектҳои сохтмонӣ ва намунаи тартибдиҳии санадҳои иҷроиши корҳо (хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ (Фармоиши Кумитаи меъёморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №8 аз 11.02.2004).

13. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 7/2001 “Хароҷоти корхона”. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2001, № 118. – http://minfin.tj.

14. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 1/99 “Сиёсати баҳисобгирии корхона”. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 1999, № 135. – http://minfin.tj.

15. Низомномаи баҳисобгири муҳосибии 3/2002 “Баҳисобгирии захираҳои моддӣ-истеҳсолӣ”. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 январи соли 2002, № 5. – http://minfin.tj.

16. ПБУ 12/2000 «Информация по сегментам», Утверждено приказом Минфина РФ от 27.01.2000, №11н.

17. Положение по калькулированию себестоимости строительной продукции (работ, услуг) //утверждено приказом Комитета по делам архитектуры и строительству при Правительстве РТ от 15 декабря 1999 г., №45.

18. СНиП 4.03-91 "Ҷамъоварии меъёрҳои сметавӣ ва нархҳо барои истифодаи мошинҳои сохтмонӣ" (Фармоиши Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 06.11.2013 г., №8/Ф).

19. СБҲМ (IFRS) 15 «Даромад аз шартномаҳо бо харидорон».

https://finotchet.ru/articles/102/.

20. Стратегияи рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203.

21. Тоҷикистон: 30 -соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ, 2021.

Диссертатсия ва авторефератҳо

22. Барфиев К.Х. (Хушвахтзода К.Х.) Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) / К.Х. Барфиев // Диссертации … доктора экономических наук. – Бишкек, 2018. – 274 стр.

23. Бобоев М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан / М.У. Бобоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. - Москва, 2009. – 21 с.

24. Вандина О.Г. Теория и методология функционирования учетно-аналитической системы бизнес-процессов в строительных организациях /О.Г.Вандина // дисс. на соиск. уч. ст. д.э.н. по спец. 08.00.12-Бухгалтерский учет, статистика. Орёл, 2012. – 290 с.

25. Воробьев Н. Н. Развитие сегментарного учета и отчетности в условиях корпоративного управления: дис. … канд. экон. наук: 08.00.12 / Н.Н. Воробьев. – М.: – 2009. – 145 с.

26. Ғаниев У.Ф.Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит/ У.Ф.Ғаниев. – Душанбе: ДМТ.– 2023. – 198 с.

27. Грянова А.В. Управленческий учет, анализ и бюджетирование инвестиционно-строительной деятельности /А.В. Грянова. Дис. на соиск. уч. ст. к.э.н., Орёл, 2008. – 198 с.

28. Давлатзода М.Х. Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ: назария, методология ва амалия /М.Х. Давлатзода // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ, 2025. – 352 с.

29. Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета / М.В. Калемуллоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. – Москва., 1999. –23 с.

30. Каллемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета. Дисс. на соиск. уч. ст. к.э.н. /М.В. Калемуллоев. – Москва: –1999, – 187 с.

31. Каримов Б.Ҳ. Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ / Б.Ҳ. Каримов // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ, 2025.– 360 с.

32. Лавренчук Е.Н. Совершенствование управленческого учета в строительстве / Е.Н. Лавренчук // Дисс. на соиск. уч. степени к.э.н. по спец. 08.00.12 - Бухгалтерский учет, статистика. Пермь-2001. – 182 стр.

33. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... д-ра экон. наук: 2011 / С.Ф. Низомов. – Москва, 2011. – 387 с.

34. Пономорева Н.И. Методология формирования учетно-аналитических систем в строительных организациях. Дисс. на соиск. уч. ст. д.э.н., по спец. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика / Н.И. Пономорева. Таганрог: 2010. – 338 с.

35. Раҳимов С.Х. Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ /С.Х. Раҳимов. Диссертатсия

барои дарѐфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ. – 2024. – 367 с.

36. Розиев Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор. Душанбе, ДМТ – 2021. – 223 с.

37. Сайфиддинзода С.С. Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ/ С.С.Сайфиддинзода// диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит). Душанбе, 2024. – 190 с.

38. Серебренникова И.В. Развитие методики бухгалтерского учета расходов и внутреннего контроля строительной организации на предварительном этапе инвестиционно-строительной деятельности. Дисс. на соискание уч. ст. к.э.н. по спец. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика. Белгород, 2014 – 232 с.

39. Ҳукматов Д.Ҷ. Рушди низоми назорати дохилӣ дар раванди идоракунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.08. – Душанбе, 2023. – 214 с.

40. Шамсиддинов М.М. Ташаккул ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати кӯҳӣ) [Матн] / М.М. Шамсиддинов // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ ва омор. Душанбе, ДМТ – 2022. – 216 с.

Монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ

41. Аврова И.А. Управленческий учет. - М.: Бератор-Пресс, 2003. – 135

с.

42. Адамов Н.А. Бухгалтерский учет в строительстве. – 2-е изд. – Спб.: Питер, – 2004.

43. Акимов В.В. Экономика отрасли (строительство) /В.В. Акимов, Т.Н. Макарова, – М: ИНФРА- М, 2008. – 304 с.

44. Асаул А. Н. Управление затратами в строительстве / А.Н. Асаул, М.К. Старовойтов, Р.А. Фалтинский: под ред. д.э.н., профессора А. Н. Асаула. – СПб: ИПЭВ, – 2009. – 392 с.

45. Бабайлов Н.А. Инвестиционно-строительный менеджмент: справочник. /Н.А. Бабайлов, СП. Буркин, Г.В. Миронов, В.В. Шимов. – Екатеринбург: ГОУ ВПО УГТУ – УПИ, – 2005. – 225 с.

46. Байбурин А.Х. Современные методы управления качеством в строительстве: учеб. пособие / А.Х. Байбурин. – Челябинск: Изд. центр ЮУрГУ, 2011.– 105 с.

47. Бакаев А. С.Бухгалтерский учет / А. С Бакаев, П. С Безруких, И.Д. Врублевский И. Д. – М.: Бухгалтерский учет, – 2010. – 736с.

48. Бланк И.А. Основы финансового менеджмента [Текст]. Т.1 / И.А. Бланк. – К.: Ника-Центр, 1999. – С. 592.

49. Бобиев И.А. Рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои энергетикӣ: назария ва амалия [монография] /И.А.Бобиев // Душанбе: ДМТ, 2023. – 172 с.

50. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности: научная монография. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 176 с.;

51. Бойетт Д.Г., Путеводитель по царству мудрости: лучшие идеи мастеров управления / Г. Бойетт, Т.Джимми // – М.: ЗАО «Олимп-Бизнес», 2004. – 416 с.

52. Большой бухгалтерский словарь [Текст] / Под ред. А.Н. Азрилияна. – М.: Институт новой экономики, 1999. - 782 с.

53. Бухгалтерский учет и аудит в строительстве / Под ред. Лукинова

В.А., М.: Юрайт, 1998 – 364 с.

54. Бухгалтерский учет: учебник / Под ред. проф. В.Г. Гетьмана. – М.: ИНФРА-М, 2010. – 717 с.

55. Бухгалтерский учет: финансовый и управленческий: учебник/ под ред. проф. Н.Т. Лабынцева. – М.: Финансы и статистика, 2008. – 800 с.

56. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экон. специальностям /М.А.Вахрушина. – 4-е изд., стер. – М.: Омега-Л, 2006. – 576 с.

57. Вахрушина М.А. Новые ориентиры формирования корпоративной отчетности // Корпоративная финансовая отчетность. Международные стандарты. 2009. - № 6 (34).

58. Вахрушина, М. А. Бухгалтерский управленческий учет / М. А. Вахрушина. – М.: ИКФ Омега-Л; Высшая школа, 2011. – 570 с.

59. Гарифулиин, К. М. Учет и калькулирование в автоматизированной подсистеме управления себестоимостью продукции /К.М. Гарифулиин, – М.: Экономист», – 2011 – 240 с.

60. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет: учебное пособие для вузов / Пер. с англ. Под ред. Н.Д.Эриашвили. 3-е изд. перераб. и доп. -М.: Аудит, ЮНИТИ, 1998. – 783 с.

61. Друри К. Управленческий и производственный учет. Пер. с англ. М: ЮНИТИ, 2005.– 1071 с.

62. Дусаева Е.М. Бухгалтерский управленческий учет. Теория и практические задания / Е.М. Дусаева, А.Х. Курманова. – Финансы и статистика. Инфрма – М, – 2008. – 288 с.

63. Ендовицкий, Д.А., Исаенко, А.Н. Финансовые резервы организации: анализ и контроль научное издание. // Д.А. Ендовицкий, А.Н. Исаенко-М.: КНОРУС, 2007, – 300 с.

64. Ефремов В.А. Учет, информации, управления: прямые и обратные связи/ В.А. Ефремов. – М: Финансы и статистика, – 2011. – 192 с.

65. Зимакова, Л.А. Формирование учетных систем на основе интернациональных моделей финансового учета и контроля: концепция, теория и практика/Л.А.Зимакова. – Белгород: Константа, – 2009 – с.399.

66. Зиновьева А.А. Управленческий учет и система внутреннего аудита в строительных организациях. Дисс. на соискание уч. ст. к.э.н. по спец. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика. Орел, 2002 – 170 с.

67. Иванов В.В. Управленческий учет для эффективного менеджмента. /В.В.Иванов, О.К.Хан. – М.: ИНФРА, – 2009. – 208 с.

68. Ивашкевич В. Б. Бухгалтерский управленческий учет [Текст] / В.Б. Ивашкевич. – М.: Экономистъ. – 2004. – 638 с.

69. Ивашкевич В. Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник. /В.Б. Ивашкевич: 2 – е изд., перераб. и доп. – М.: Магистр: Инфра – М, – 2011. – 576 с.

70. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Бухгалтерский учет. Учебник / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 444 с. (с.45);

71. Контроль и ревизия: учебное пособие / под ред. М.В. Мельник. М., – 2011.

72. Кутер М. И. Теория бухгалтерского учета: Учебник / М. И. Кутер. – 3-е изд., перераб. и доп.– М.: Финансы и статистика, 2004. – 592 с.

73. Маллинз Л. Менеджмент и организационное поведение: Учеб.-практ. пособие. - Минск: Новое знание, 2003. – 1039 с.

74. Нарибаев К.Н. Организация и методология бухгалтерского учета в условиях АСУ. - М.: Финансы и статистика, 1983.

75. Науменко Е.И., Сыроижко В.В. Организация финансового и управленческого учета затрат в организации /монография/. – Воронеж: «ИСТОКИ», 2006. – 145 с.

76. Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуелл Дж. Принципы бухгалтерского учета / Пер. с англ. Под ред. Я.в. Соколова. - М.: Финансы и статистика, – 1996. –

496 с.

77. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [текст]: монография / С.Ф.Низомов//.– Душанбе: изд-во «Соҳибкор», 2013 – 272с.

